187416

# Намунаи фольклори диёри Рудакӣ

# Намунаи фольклори даври Рудакӣ

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
*Сталинобод—1958*

ТАРТИБДИҲАНДАГОН:

*РАҶАБ АМОНОВ ВА МУҲАММАД ШУКУРОВ*

Государственная
респуб. б-ка Тадж. ССР
им. А. Фирдоуси
18416
Тоҷик ф

## САРСУХАН

Ҷамъ кардан ва омӯхтани фольклори аҳолии собиқ райони Колхозчиён, ки ҳоло ба райони Панҷакент ҳамроҳ шудааст, танҳо соли 1956 шурӯъ гардид. Он сол Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон аз рӯи плани кори худ ба районҳои водии Зарафшон экспедицияи фольклорӣ фиристода буд. Ходимони экспедиция Р. Амонов, Р. Аҳмадов, М. Холов дар давоми тақрибан ду ҳафта ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии аҳолии деҳаҳои Шинг, Рашнаи Поён, Кулолӣ ва Нигнот машғул шуданд. Дар натиҷа маълум гардид, ки фольклори деҳаҳои мазкур, монанди дигар маҳалҳои водии Зарафшон, хеле ҷолиби диққат аст. Хусусан ҳамин чиз диққатро ба худ кашид, ки дар он деҳаҳо дар бораи Рӯдакӣ ва қабри ӯ баъзе нақлу ривояту афсонаҳо мавҷуданд.

Бинобар ин Институти забону адабиёт ва Комитети ҷашни Рӯдакӣ қарор доданд, ки фольклори он атроф беҳтар омӯхта шавад ва ба муносибати юбилеи устод гулчине аз назму насри даҳанакии ҳамдиёрони ӯ ба диққати хонандагон пешкаш гардад. Ба ин мақсад Комитети ҷашн тирамоҳи соли 1957 ходимони Институти забону адабиёт Р. Амонов ва М. Шукуровро боз ба райони Панҷакент фиристод. Онҳо ба Панҷрӯд рафта, як миқдори дигар асарҳои фольклори ин деҳаро навишта гирифтанд.

Ин „Намунаи фольклори диёри Рӯдакӣ" маҳсули ҳамин ду экспедицияи кӯтоҳмуддат аст, ва як қисми материалҳоеро, ки асосан аз деҳаҳои Панҷрӯд, Кулолӣ, Шинг ва Рашнаи Поён ҷамъ шудаанд, дар бар мегирад.

Деҳаҳои Панҷрӯд, Кулолӣ, Шинг ва Рашнаи Поён бо номи Рӯдакӣ сахт вобастагӣ доранд. Дар байни Шингу Рашнаи Поён Рӯдак ном деҳае ҳаст. Ҳоло мардуми деҳаи Рӯдак ба деҳаҳои ҳамсоя— Шинг ва Рашнаи Поён кӯчида фаромадаанд, вале осори деҳаи Рӯдак ҳанӯз барҳам нахӯрдааст: дар он ҷо боғу ҳавлиҳои нимвайрона, ҷӯйборҳо, дӯконҳои челонгарӣ, осиёҳо ва қалъаи ҳокимнишин то ҳол боқист.

Аҳли деҳи Рӯдак худро авлоди Абулҳасани Рӯдакӣ ҳисоб мекунанд[1] ва дар бораи шоир чанде ривояту афсона низ дар хотир доранд, ки баъзеи онҳоро мо дар ин маҷмӯа дохил кардем. Дар байни аҳолии Рӯдак чунин ақидае ҳаст, ки Рӯдакӣ дар Рӯдак таваллуд ёфтааст, вале дар деҳаи Панҷрӯд вафот кардааст.

Як гурӯҳи аҳолии деҳаи Панҷрӯд, ки „уфориҳо" ва „муллоҳои ҳавой" лақаб доранд, низ худро авлоди Мулло Абулҳасан мешуморанд. Гӯё як вақтҳо китобе ҳам будааст, ки шаҷараи „муллоҳои ҳавои"-ро дар бар мегирифтааст ва аз рӯи он шаҷара асли „муллоҳои ҳавой" ба Мулло Абулҳасани шоир рафта мерасидааст. Мардуми Панҷрӯд ӯро асосан „Мулло Абулҳасан", „Мулло Абулҳасани шоир", „шоири аъмо", „шоири кӯр" ном мегирифтаанд.

Қабри Рӯдакӣ, ки дар деҳаи Панҷрӯд аст, низ ба номи „қабри Мулло Абулҳасан", „қабри шоири аъмо" ва ғайра шӯҳрат дорад ва зиёратгоҳи мардум аст. Қабр дар паси боғе воқеъ шудааст, ки „Боғи мир", „Боғи Малик" ё „Майдони Малик" ном дорад. Аз болои боғ ҷӯе мегузарад, ки яке

---

[1] Чи аҳли Рӯдаку Панҷрӯд ва чи мардуми дигар деҳаҳои атроф номи шоирро „Абулҳасан" мегӯянд ва номи аслии ӯ, ки Абӯабдуллост, ба онҳо маълум нест.

аз панҷ ҷӯи деҳа буда, „Ҷӯи Раҳи Таг“ ё „Ҷӯи Уруи об“ (он рӯи об, он тарафи об) меномаид. Ҷолиби диққат аст, ки номи Малик дар деҳаи Панҷрӯд бисьёр дучор меояд. Яке аз роҳҳо „Роҳи Малик“ ном дорад, яке аз ҷӯйҳо „Ҷӯи Малик“ номида мешавад, яке аз кӯпрукҳоро „Пули Малик“ мегӯянд. Сабаби ин гуна ном гирифтани ин ҷойҳоро аҳолӣ намедонанд, вале аҷаб нест, ки номҳои мазкур бо унвони Рӯдакӣ, ки Маликушшуаро буд, алоқае дошта бошад.

Дар байни аҳолии Панҷрӯд низ баъзе ривояту афсонаҳо дар бораи Рӯдакӣ паҳн шудааст, ки як намунаи онро нависанда Ҷалол Икромӣ дар очерки худ зикр кардааст[1]. Мо ба ин маҷмӯа баъзеи ин ривоятҳо ва чанд наклеро оид ба қабри Рӯдакӣ дохил намудем.

Эҷодиёти даҳанакии ҳамдиёрони Рӯдакӣ тақрибан ҳамаи жанрҳои маълуми фольклори тоҷикро фаро гирифтааст. Дар ин маҳал ҳам наклу ривоят, ҳикояту афсона ва ҳам намудҳои гуногуни назм: байту рубой, ғазалу мухаммас, суруду тарона, бадеҳаю дубайта ва инчунин чистону мақолу зарбулмасал маълум аст.

Назми даҳанакии аҳолии Панҷакент чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мавзӯю мазмуни худ бо адабиёти китобатӣ хеле наздик аст. Ин ҳодиса шояд ба он сабаб рӯй дода бошад, ки ин район ба қадимтарин марказҳои маданияти тоҷик, хусусан ба Самарқанд хеле наздик буд ва аз ҳар ҷиҳат бевосита алоқа дошт. Бисьёре аз сокинони деҳаҳои Панҷакент дар он шаҳрҳо таҳсил карда, бо таъсири бевоситаи эҷодиёти шоирони классик шеърҳо гуфтаанд ва тахмин кардан мумкин аст, ки муаллифони аксарияти парчаҳои шеърӣ маҳз ҳамин гуна одамонанд. Баъзе аз ин қабил одамон ҳамчун шоир шӯҳрате ҳам доштаанд. Чунончи, дар деҳаи Рашнаи Поён ду бародар будаанд, ки бо тахаллуси Бисмил ва Маҳзун машҳур шуда, чанде

---

[1] *Ҷалол Икромӣ*, Сафар кардан—ҷаҳон дидан, „Шарқи Сурх“, 1957, № 12, 1958, № 1.

аз шеърҳояшон аз даҳан ба даҳан гузашта, паҳн шуда рафтааст. Дар Панҷрӯду Кулолӣ бештар шеърҳои шоирон Маҳҷур, Ишқӣ ва Ҷазбӣ интишор ёфтаанд.

Умуман аҳолии район аз адабиёти хаттӣ хабардор аст, бисьёр вақт дар ҷамъомад ва сӯҳбатҳо ашъори шоирон хонда мешавад. Одамоне ҳастанд, ки шеъру достонҳоро бо оҳанги дилрабое мехонанд ва одатан ин қабил одамон овози хубу форамe доранд. Онҳо аз ҳама зиёдтар асарҳои Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил, Туғрал, Деҳотӣ ва Турсунзодаро мехонанд ва месароянд.

Дар бораи баъзе шоирони гузашта (хусусан Фирдавсӣ, Саъдӣ, Бедил ва Туғрал) дар байни халқ бисьёр афсона ва нақлу ривоятҳо вуҷуд дорад.

Дар фольклори диёри Рӯдакӣ мавқеи махсусро инчунин эҷодиёти шоироне, ки ба услуби халқӣ шеър гуфтаанд, ишғол менамояд. Дар Кулолӣ Мелибой Худойбердӣ ном шоире гузашта будааст, ки тахминан соли 1882 таваллуд шуда, дар аввали солҳои сиюм вафот намудааст. Аз рӯи нақли мардуми Кулолӣ, Мелибой шоири ҳозирҷавоб ва оташзабоне буда, дар бораи намояндагони табақаи ҳукмрони ҷамъият шеърҳои ҳаҷвӣ мегуфтааст ва Инқилоби Октябрьро бо хурсандӣ пешвоз гирифта, дар васфи Ҳокимияти Советӣ як қатор сурудҳо эҷод карда будааст.

Ҳоло дар ҷамоати Кулолӣ дигар шоири халқӣ Наҷмиддин Шамсиддинов шӯҳрат дорад. Вай соли 1905 дар деҳаи Нигнот таваллуд шудааст ва ҳоло дар колхози ба номи Рӯдакӣ кор мекунад. Шамсиддинов асосан шеърҳои ҳаҷвӣ мегӯяд. „Як мондаҳо даркор буд", „Усто Исрофил" барин шеърҳои калони ӯ, ки камбудиҳои баъзе роҳбарони колхозро ба зери танқид мегиранд, бо равияи сурудҳои ҳаҷвии халқӣ эҷод шудаанд. Чанде аз асарҳои ӯ ободиҳои районро васф мекунанд. Шамсиддинов шоири бадеҳагӯй аст.

Аз шоирони ҷавони маҳаллӣ Нақиб Сайидиро номбар кардан лозим аст, ки панҷрӯдӣ буда, дар идораи газетаи районӣ „Ҳаёти нав" кор мекард.

Бисьёр шеърҳои ӯ дар ҳамин газета чоп шудаанд. Накиб Сайидӣ ба рубоиҳои халқии маҳаллӣ худ пайравӣ карда, як қатор рубоиҳои нав эҷод кардааст.

Мо кӯшиш намудем, ки хонандагони ин маҷмӯаро бо намунаи ашъори ҳамин гуна шоирони маҳаллӣ низ шинос намоем.

Дар вақти экспедицияи фольклорӣ бисьёр афсона, нақлу ривоят ва шеърҳое, ки шаклу мазмуни гуногун доранд, навишта гирифта шуда буд. Ҳамаи ин афсонаҳо ва аксарияти шеърҳо (ки оид ба ишқу ошиқӣ, ғарибӣ ва шикоят, тӯй ва баҳор ва ҳоказо ҳастанд, ғайр аз як қисми шеърҳои шоирони маҳаллии имрӯза) асарҳое мебошанд, ки дар замонҳои пеш аз Революцияи Кабири Социалистӣ эҷод шуда, аз даҳон ба даҳон гузашта, то даврам мо омада расидаанд ва аз ин рӯ, ҳаёти гузаштаро акс мекунанд. Ба маҷмӯа дохил намудани намунаи ин гуна асарҳои халқӣ низ лозим дониста шуд. Лекин бо мақсади ин ки ба хонанда материали нав пешкаш шавад, мо фақат чунин афсонаву шеърҳоеро гирифтем, ки дар маҷмӯаҳои пештараи фольклорӣ чоп нашуда буданд ва ё ҳамчун вариант баъзе фарқҳои хосеро соҳибанд.

Маҷмӯа ба ду қисми асосӣ ҷудо карда шуд:

1. Асарҳои эпикии насрӣ.
2. Асарҳои манзум.

Қисми якум нақлу ривоят ва афсонаҳоро дар бар мегирад. Дар боби афсонаҳо аввал афсонаҳои хаёлию сеҳрангез, баъд афсонаҳои дар бораи ҳайвонот, дар охир, афсонаҳои ҳаҷвӣ ва латифаҳо оварда шудаанд.

Дар қисми дуюм асарҳои манзумро аз рӯи мавзӯъ ва жанр ба фаслҳо ҷудо намуда, зарбулмасал ва чистонҳоро, ки аксаран манзуманд, низ ба ин қисм илова намудем.

Дар охири маҷмӯа рӯйхати шахсоне, ки материалҳои фольклорӣ аз забони онҳо навишта гирифта шудааст, илова шуд.

Аксарияти асарҳои насрӣ—ривоят ва нақлу афсонаҳо, аз рӯи талаботи илмӣ, бо риоя кардани лаҳҷаи аҳолии Панҷакент навишта гирифта шуда-

аст. Вале забони як гурӯҳ асарҳое, ки гӯяндаашон одами босавод: муаллим, хонандаи синфҳои болои мактаби миёна, ходими идораҳои давлатӣ мебошанд, адабист. Матнҳои гурӯҳи аввалро мо аз хусусиятҳои талаффузи маҳаллӣ тоза карда, ба забони адабӣ наздик намудем, вале бо вуҷуди ин, лексика ва синтаксиси забони матнҳоро нигоҳ доштем. Масалан, оғози ривояти „Чилдухтарон" дар асл чунин аст:

„Як чӯпон молаша ба атрофи кӯҳи Чилдухтарон барои бонӣ кардан бурдас. Ногоҳ як даричая мебинад. Дад-даруни вай чи хел чизҳое мебинаду беҳуш мешӯд. Боз ба худ мебиёд, ки дад-даруни шах бо ҳамроҳи париҳо шиштас. Онҳо чӣ мегӯян:

— Э ҷувон, чӣ меҳоҳӣ ҳамин ҷа бо ҳамроҳи моҳон истӣ!

Ин ҷувон қавул намекунад.

— Монда мебуравам, мана сар тед!—мегӯд.

— Аввалаш нарав, баъд аз ки равӣ, сирри моҳона ҳиҷ кас-ба нагӯ. Агар гӯй, шалу чӯлоқ мешӣ. Агар нагӯй, то мурданата моҳон ба ту мадад мекунем,—мегӯян. Инҳо ба ҳамун чӯпон абкот метиян..."

Ин порчаро ба тариқи зер таҳрир намудаем:

„Як чӯпон молашро ба атрофи кӯҳи Чилдухтарон барои бонӣ кардан бурдааст. Ногоҳ як даричаро мебинад. Дар даруни вай ҳар хел чизҳои аҷиброро мебинаду беҳуш мешавад. Баъди чанд вақт ба худ мебиёяд, ки дар даруни шах бо ҳамроҳии париҳо шиштааст.

Онҳо мегӯянд, ки:

— Эй ҷавон, меҳоҳӣ ҳамин ҷо бо ҳамроҳии моён истӣ?

Ин ҷавон қабул намекунад:

— Монда мебуравам, маро сар диҳед!—мегӯяд.

— Аввалаш нарав, баъд аз он ки рафтӣ, сирри моёнро ба ҳеҷ кас нагӯ, агар гӯй, шалу чӯлоқ мешавӣ, агар нагӯй, то мурданат моён ба ту мадад мекунем, мегӯянд париҳо.

Париҳо ба чӯпон хӯрок медиҳанд..."

Илова бар ин, ба мақсади то андозае мухта-

сар ва суфта шудани матнҳо баъзе ҷумла, ибора ва калимаҳои зиёдатиро ихтисор кардем, аммо дар як қатор мавридҳо, барои равшантар шудани мазмун ва тасвири воқиаҳо каму беш илова ва тағйироте низ дохил намудем. Чунончи:

„Як сӯфии ришкалон буд, рӯзе аз рӯзҳо шуд, ки хонаи як ҳамсоя рафт, меҳмон шуд. Вай ҳамсоя як духтар дошт, ки ҳуснаш баланд буд.
Чи шуду дили сӯфӣ рафт.

Як элигбошии гузар буд. Фарьёд кард. Як барраи фарбеҳ дошт. Кушт, зиёфат кард, чанд далелу назир овард, гуфт, ки:

— Духтари ҳамсояя дилаш ба ман ҳаст. Илтимос аз шумо ҳамин, ки ҳамин-ба осақолӣ кунед...“

Ин порчаро мо ба шакли зерин таҳрир намудем:

„Як сӯфии ришкалон буд, рӯзе аз рӯзҳо ба хонаи як ҳамсояаш меҳмонӣ рафт. Ҳамсоя як духтар дошт—ҳуснаш расо. Чӣ шуду дили сӯфӣ ба он духтар рафт.

Ба хонааш омада, раиси гузарашро чеғ зада овард, як барраи фарбеҳро кушт, зиёфат кард. Баъд гуфт, ки:

— Ман аз шумо боз зиёфат карздор, ҳамин духтари ҳамсояро тири ишқаш ба дилам задааст, вайро ҳам дилаш ба ман ҳаст, илтимос ҳамин, ки шумо осаққолӣ кунед“.

Вазъияти асарҳои манзум дигархелтар аст. Аксарияти онҳо ба забони адабӣ эҷод шудаанд ва онҳоро мо айнан ба китоб дохил намудем. Аммо асарҳоеро, ки хусусияти шеваро нигоҳ доштаанд, ба забони адабӣ таҳрир намуда, фақат баъзан барои вайрон накардани вазну қофия ва маъно талаффузи маҳаллиро боқӣ гузоштем.

Қайд кардан лозим аст, ки муаллимон ва ходимони идораҳои район, инчунин талабаҳои синфҳои боло низ ба аъзоёни экспедиция хеле фаъолона ёрӣ расонида, на танҳо шароити кор ҳозир намуданд, балки як қатор афсонаву порчаҳои назмро аз даҳани мардум навишта доданд. Тартибдиҳандагони маҷмӯа ба ҳамаи ин рафиқон ташаккури самимӣ изҳор менамоянд. Мо хусусан

аз собиқ котиби комитети партиявии райони Колхозчиён рафиқ Каримов, раиси колхози ба номи Рӯдакӣ Бобо Раҳимов, мудири магазини деҳаи Панчрӯд Насриддин Зоҳидов, собиқ ходими комитети иҷроияи район Рустам Азизқулов, собиқ ходими газетаи районии „Ҳаёти нав" Нақиб Сайидӣ, директори мактаби ба номи Рӯдакӣ рафиқ Холиқов, ки барои тайёр намудани шароити кори экспедиция хеле ёрӣ доданд, миннатдор ва сарфароз ҳастем.

*Тартибдиҳандагон.*

# Қисми якум

## Наср

# НАҚЛУ РИВОЯТҲО ДАР БОРАИ РӮДАКӢ ВА ҚАБРИ Ӯ

1

Ман бача будам, як ҳамсояи кампир доштем, вай мегуфт, ки як мардаки донои шоир дар ҳамин ҷойҳои мо зиндагӣ мекардааст, бадавлат ҳам будааст, шутури бисьёре доштааст. Як чашмаш модарзод кӯр будааст. Худаш ҳамин қадар мардаки хондагӣ будааст, ки табибӣ ҳам карда, махавҳоро сиҳат мекардааст. Номаш Абулҳасан будааст.

Дар ҳамон деҳаи Рӯдак як ғӯт[1] ҳаст. Дар ҳамон ғӯт махавҳо зиндагӣ мекардаанд. Ҳозир он ҷо ҷои дамгирии рама шудагӣ. Номи онро ҳоло ҳам Ғӯти махавҳо мегӯянд. Абулҳасан ба он ҷо омада, махавҳоро сиҳат мекардааст.

Боз ҳамин кампир қарина[2] мекард, ки он шоир ба таъҷои як хона як шутур гандум медодааст, Рӯдакро обод карда, иморати бисьёр андохта, осиё сохта будааст. Дар ин сӯитари ҳамон иморатҳо қабраш, турбаташ ҳаст.

Кампир мегуфт, ки Абулҳасан шаш моҳ дар Бухоро шоирӣ мекардааст, вақти омаданаш дар уштурҳо чизи бисьёр меовардааст, ҳамин хел шоири доно будааст, ки як вақте подшоҳи Бухо-

---

[1] *Ғӯт*—ба маънои ғор омадааст.
[2] *Қарина*—нақл, ҳикоя.

ро қаҳр карда, ба як мамлакати дигар мераваду вай шоирӣ карда, гап гуфта-гап гуфта, дили подшоҳро гарм карда боз ба Бухоро мебиёрад... Пеш ҳозира раҳи мошина мерафтагӣ набудааст. Дарьё[1] ҳам калон будааст...

Хасбеда[2] гуфтагӣ ҷой ҳаст, раҳ аз ҳамон ҷо мегузаштааст. Абулҳасан ҳамон раҳ катӣ ба Рӯдак омада мефаромадааст.

Ҳамон кампир боз нақл мекард, ки „ман писарамро Абулҳасан ном кардам, ки ҳамон кас барин доно шавад". Абулҳасан дар Рӯдак ду боғ доштааст. Ҳозир вайрон шудагӣ, одам ковад, аз тагаш гаҷ мебарояд, кӯҷояшро, ки кофтед, сафол мебарояд. Ман худам як хум ёфта будам.

*Мансурқул Самадов,* деҳаи Шинг.

2

Ман бачаи понздаҳсола будам. Худойбердию Абдусамад гуфтагӣ одамҳо буданд, нақл мекарданд, ки дар ҳамон Рӯдак бобои бобокалонҳои мо—Абулҳасан гуфтагӣ шоир гузаштагӣ будааст. Чилта шутур доштааст. Як шутур китоб гуфта будааст. Дар Бухоро шоирӣ мекардаасту ҳар вақт ба Рӯдак омада меистодааст.

Боз ҳамонҳо мегуфтанд, ки ба Эрон подшоҳи Бухоро катӣ рафта, чанд вакте истиқомат карда будааст. Эрон ба подшоҳ маъқул шудаасту аз он ҷо омадан нахостааст. Абулҳасан шеър гуфта, аз дигар подшоҳро ба Бухоро мебиёрад.

Он вақт ҳозира Рӯдак обод будааст, қалъа доштааст, аз оби Шарраку Қаҳлонак ба қалъа ҷӯй гузаронида будаанд.

Мо мепурсидем аз ҳамон амаки Худойберди:

— Барои чӣ ин ҷоро Рӯдак мегӯянд?

---

[1] Дарьёи Шинг ба назр дошта шудааст, ки дар ҳудуди райони Панҷакент ҷорӣ шуда, ба дарьёи Зарафшон мерезад.

[2] *Хасбеда*—деҳае, ки дар байни Шинг ва Рӯдак вуқӯъ доштааст.

Он кас мегуфт, ки маънои „рӯд“ яъне „ҷуй“ аст, як ҷӯй, ки мегузаштааст, қишлоқро Рӯдак ном мондагӣ.

Дар ҳамон қишлоқ ду кас Абулҳасан ном дошт, якӯмаш Абулҳасан писари Бобомулло, дуйӯмаш Абулҳасан писари Хӯҷамиёр. Ба онҳо ният катӣ ин хел ном монда буданд.

Рӯдак бисьёр ҷои хушобу ҳаво. Агар ҳозир дар вақти баҳор равед, омаданатон намебиёяд, ҳама ҷояш сабзу обшор, булбулу кабк хониш карда гаштааст.

*Абдуқайюм Шукуров,* деҳаи Шинг.

### 3

Моҳи июли соли ҷорӣ ба мақсади тамошо ман ба қишлоқи Шинг рафта будам. Дар байни мардуми ин қишлоқ номи Рӯдакӣ машҳур будааст. Дар вақти меҳмонӣ ва сӯҳбатҳо дар бораи ӯ ҳар хел нақлҳо мешунидам.

Холов Шарифмурод ном марди солхӯрда ҳикоя кард, ки амири сомонӣ Рӯдакиро ба ҳузури худ даъват карда пурсидааст:

— „Ту аз куҷо ҳастӣ?“

Рӯдакӣ хандида ҷавоб додааст, ки:

— Аз Рӯдаки рӯдагардан, Турои турнагардан, Шарраку Қазноқҳои қазнагардан.

Туро кӯҳест, ки дар наздикии қишлоқи Рӯдак воқеъ шуда, Шарраку Қазноқ ҷойҳои овулнишине будаанд, ки дар болои ҳамон қишлоқ воқеъ шудаанд.

Абдуҷаббор ном шахси мӯйсафед, боғбони колхоз, ҳикоят кард, ки Рӯдакӣ ҳар гоҳ панҷ моҳ-шаш моҳ дар Бухоро ба назди амир рафта, боз бо уштурҳои пурбор ба Рӯдак гашта меомадааст. Дар вақти дар Рӯдак буданаш ба канонидани ҷӯйборҳо, созонидани осиё, парвариши боғҳо машғул мешудааст.

Самадов Мансурқул ном бригадири колхоз ҳикоя кард, ки аҳолии Рӯдак дар гузашта „фарзан-

дамон Рӯдакӣ барин шавад"—гуфта, бачаҳои худро Абулҳасан ном мекардаанд. Набераи як шахсе, ки ӯро бо ин орзу Абулҳасан ном карда будаанд, ҳоло зинда будааст.

*Норқул Салоҳов*, деҳаи Амондара.

4

Мо аз авлоди Мулло Абулҳасани бузургвор ҳастем. Мо қариб чил нафар хешу табор будем. Номи ҳамаи мо як хел сар мешавад: Абулсамад, Абуласад, Абулмуиз, Абулраҳим, Абулкарим ва ҳоказо.

Ҳафт пушти мо қабри Мулло Абулҳасанро азиз медоштанд. Ҳеҷ кас аз пеши Боғи Малик савора намегузашт, одамҳое, ки ҷароҳату яраю касал пайдо мекарданд, назди қабр рафта дуо металабиданд.

Як кас ҳаст, ки як рӯз дар солҳои бачагӣ аспашро бурда, дар назди қабри Мулло Абулҳасан бастааст. Падараш инро фаҳмида, гуфтааст, ки

— Эй дав, писарам, аспро аз он ҷо гир, ки дар он ҷо як одами азиз хоб кардаанд.

*Абулхолиқ Зарифов*, деҳаи Панҷрӯд.

5

Моро авлоди муллоҳои ҳавоӣ мегӯянд. Ҳафт пушти мо дар охири умр оҷиз шудаанд. Як хеши мо Мулло Саид қариб 60-сола буданд, ки аъмо шуданд, як хеши дигарамон—Соқибой ҳам ба 72—73 даромада охир кӯр шуданд. Ин оҷизӣ аз аввали аҷлоди мо—аз Мулло Абулҳасан сар шудааст.

Мулло Абулҳасан бо як бародарашон ба ин қишлоқ омада будаанд. Бародарашон дар қишлоқи Яккахона, дар наздикии қишлоқи Артуҷ хок шудаанд.

Худи Мулло Абулҳасан дар ҳамин Панҷрӯд дафн гардидаанд. Қабрашон дар пушти Майдони Малик, дар поёни ҷӯи Раҳи Таг аст. Сари қабрашон мазор буд, туғ дошт, ба нӯги хода як шохи оҳу зада шуда буд. Беморонро аз гирди қабр чарх занонда шифо металабиданд.

*Усмон Бозоров*, деҳаи Панҷрӯд.

6

Моро авлоди муллоҳои ҳавой мегӯянд. Бисьёрии ин авлод кӯр гузаштаанд. Аз furobоҳои худам, ки ман медонам, шаш пушт кӯр шуда аз дуньё гузашта будаанд. Чашми худи ман ҳам иллат дорад.

Сабаби ин ҳамин аст, ки аҷдоди мо аз рӯи шаҷара ба як бузургвор рафта мерасанд, ки номи он бузургвор Мулло Абулҳасани Уфорӣ будааст. Мулло Абулҳасан оҷиз будаанд, он касро шоири кӯр ё шоири аъмо ҳам мегӯянд. Қабри он азиз дар пушти Боғи Малик аст. Аз болои Боғи Малик як ҷӯй мегузарад, номи он ҷӯй Урӯи Об[1] аст. Қабр дар зери ҳамин ҷӯй аст.

Эътиқоди мардум ба ин бузургвор бисьёр калон аст. Мардум зиёрат мекарданд, дуою фотеҳа мекарданд, аз пеши қабр савора намегузаштанд. Ҳар кас бемор шавад, ӯро сари қабр бурда шифо металабиданд.

Муллоҳои ҳавой аз қишлоқи Уфор будаанд[2]. Уфор дар баландии болои қабр воқеъ будааст, хеле обод будааст, тарҳи хонаҳояш ҳоло ҳам намуда меистад.

Бисьёр уфориҳо машшоқу дуторӣ, хушзеҳн, хушовоз будаанд. Аз хешони ман Холбой ном ҷавоне буд, ки нағз дутор менавохт. Вай соли 1939 вафот кард.

---

[1] *Урӯи Об*—он тарафи об; номи дигари ин ҷӯй Ҷӯи Роҳи Таг аст.

[2] Вайронаҳои ин деҳа тахминан 50 метр болотар аз Панҷрӯд воқеъ аст.

Муллои ҳавоӣ ном гирифтани моён ин тавр сабаб доштааст:

Яке аз бобоҳои мо, ки Мулло Холмуҳаммад ном доштаанд, муриди як шайхи калон будаанд. Ин шайх дар Шаҳри Сабз зиндагӣ мекардааст. Шайх як духтар ҳам доштааст. Мири Шаҳри Сабз ин духтарро гирон будааст, одам мемондааст, лекин шайх намедодааст.

Як тобистон Мулло Холмуҳаммад ба зиёрати пирашон мераванд. Ин кас, ки ба Шаҳри Сабз омаданд, пирашон вафот мекунад. Мири Шаҳри Сабз ба назди Мулло Холмуҳаммад кас фиристода, боз духтари шайхро хостгорӣ мекунад. Мулло Холмуҳаммад розӣ нашудаанд. Баъд ясавулҳо омадаанд, ки Мулло Холмуҳаммадро ба пеши мир баранд. Мулло Холмуҳаммад ба ясавулҳо гуфтаанд, ки:

— Ман ду ракаат намоз хонам, баъд ҳамроҳи шумо меравам.

Мулло ба масҷид даромадаанд. Ясавулҳо дар таги дари масҷид мунтазир истодаанд. Хеле вақт гузаштаасту Мулло аз масҷид набаромадаанд. Баъд ясавулҳо ба масҷид даромада дидаанд, ки Мулло дар он ҷо нестанд. Ясавулон ин тараф-он тараф нигоҳ кардаанд, ки болои меҳроб андак сӯрох шудааст.

Мулло Холмуҳаммад аз ҳамин сӯрох баромада, ба ҳаво паридаанд ва дар ҷӯли Лучоб фаромадаанд. Он ҷо ҷӯли бегиёҳе будааст, ин кас асо ба замин задаанд, як чашма пайдо шудааст. Сонӣ аз оби он чашма ҷӯлро сероб ва obod кардаанд.

Ҳоло ҳам дар наздикиҳои Хонақоҳ авлоди ҳавоиҳо ҳастанд[1].

*Раҳим Бобо*, деҳаи Панҷрӯд.

---

[1] Гарчанде ки бофта ва афсонавӣ будани ин воқеа тамоман равшан аст, баъзе кӯҳансолони деҳаи Панҷрӯд онро ҳақиқат мепиндоранд. Онҳо ақида доранд, ки ин воқеа саргузашти ҳақиқии яке аз авлодхои Мулло Абулҳасан (Рӯдакӣ) мебошад.

## 7

Ман тахмин 20-сола будам, ки вақти баҳор падарам Самарқанд рафта омаданд. Омаданду аспро ба ман доланд, ки ба ягон ҷо бурда бандам, алаф хӯрад. Ман бурда баста омадам. Падарам гуфтанд, ки:

— Аспро кучо бастӣ?

Ман гуфтам:

— Дар он тарафи Майдони Малик, дар таги ҷӯи Раҳи Таг.

Падарам гуфтанд:

— Хез, писарам, рафта аз он ҷо аспро гир, ки дар он ҷо одами азиз хоб рафтааст, беадабӣ мешавад.

Ман нанишаста рафтам, аспро кушода болотар бастам.

Баъди ин, ки ақлам ба худ омад, фаҳмидам, ки баъзеҳо қабри он бузургворро зиёрат мекунанд ва касалҳо рафта шифо металабанд.

Як амак доштам, аз наздикиҳои ҳамон қабри бузургвор асло савора намегузаштанд, ҳамеша фаромада пиёда мегузаштанд.

*Муҳаммадамин Тошов*, деҳаи Панчрӯд.

## 8

Дар деҳи Пагна Мулло Мансур гуфтанӣ шахсе буд. Пагна дар наздикии деҳаи Кулолӣ аст. Як рӯз Мулло Мансур ба сӯи Кулолӣ омада истода буд. Дар даст асое дошт. Аз пирӣ чашмаш бенур шудагӣ буд, бо асо роҳро меёфт. Ман пурсидам, ки:

— Ота, ин асо ба кас ёрӣ мекунад-мӣ?

Мулло Мансур ҷавоб дод:

— Эй фарзанд, азизе гуфтааст, ки:

Ба бераҳмӣ кашидӣ пия ду бодоми тари моро,
Асое бехтар аз сад шамъи кофурист аъморо.

Ман ин шеърро баъдтарҳо ҳам аз мардуми қишлоқамон шунидам. Мардум мегӯянд, ки ин шеърро Мулло Абулҳасан гуфтааст, аз Бухоро кӯр шуда омадаасту дар шаъни худ ҳамин тавр гуфтааст[1].

*Забур Латифов*, деҳаи Панҷрӯд.

---

[1] Шубҳае нест, ки байт ба Рӯдакӣ тааллуқ надорад ва мардум онро дар тасаввури худ ба ӯ нисбат додаанд.

# РИВОЯТҲО ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАҲАЛҲО ВА ШАХСОНИ ТАЪРИХӢ

## САНГИ ЧИЛДУХТАРОН

Аз қишлоқи Кулолӣ поёнтар, дар таги роҳ як санги якка ҳаст. Ҷои он сангро Бобои Валӣ меноманд, худи сангро санги Чилдухтарон мегӯянд. Сабаби Чилдухтарон ном гирифтани санг ин аст: Як вақтҳо, дар рӯзи соли нав чил духтар дар пеши ҳамон санг бозию шодӣ карда истода будаанд. Дар ҳамин вақт як одам хабар овардааст, ки

— Эй духтарҳо, гурезед, ки душман омад.

Духтарон гурехтанӣ шудаанд, лекин лашкари душман расида омадааст, роҳи гурез банд шудааст. Духтарҳо ба худо илтиҷо кардаанд, ки:

— Худоё, худовандо, ҳамин сангро ба болои мо гардон, ки ба дасти душман наафтем!

Ҳамон замон санг ба болои духтарҳо гаштааст, онҳо дар таги санг мондаанд.

Дар қишлоқ бисьёр ҷанг шудааст, одамони қишлоқ душманро пеш кардаанд. Баъд одамон омадаанд, ки мурдаи духтаронро аз зери санг гирифта гӯронанд. Сангро майда карданӣ мешаванд, бисьёр зӯр мезананд, лекин шикаста наметавонанд. Ҳеҷ кас он духтарҳоро аз таги санг гирифта натавонистааст. Аз ҳамон вақт боз номи он санг Чилдухтарон аст.

## КӮҲИ ЧИЛДУХТАРОН

Як чӯпон молашро ба атрофи кӯҳи Чилдухтарон барои бонӣ кардан бурдааст. Ногоҳ як даричаро мебинад. Дар даруни вай ҳар хел чизҳои аҷибро мебинаду беҳуш мешавад. Баъди чанд вақт ба худ мебиёяд, ки дар даруни шах[1] бо ҳамроҳии париҳо шиштааст.

Онҳо мегӯянд, ки:

— Эй ҷавон, мехоҳӣ ҳамин ҷо бо ҳамроҳии моён истӣ?

Ин ҷавон қабул намекунад.

— Монда мебиравам, маро сар диҳед!—мегӯяд.

— Аввалаш нарав, баъд аз ки равӣ, сирри моёнро ба ҳеҷ кас нагӯ, агар гӯӣ, шалу чӯлоқ мешавӣ, агар нагӯӣ, то мурданат моён ба ту мадад мекунем,—мегӯянд париҳо.

Париҳо ба чӯпон хӯрок медиҳанд. Чӯпон хӯрокро мехӯраду рафтанӣ шуда:

— Мебиравам, ҳамин сирро намегӯям,—мегӯяд.

Чӯпон омада, молашро гирифта, ба овул меравад.

Овулиҳо мепурсанд, ки:

— Эй чӯпон, ба чӣ сабаб дер омадӣ?

Ин мегӯяд, ки:

— Шумоён чӣ хабар доред, ман имрӯз аҷаб воқиаҳо дидам! Лекин гуфта наметавонам, ки шалу чӯлоқ мешавам.

Инҳо:

— Ҳамон воқиаи дидагиатро гӯй!—гуфта ба ҳоли чӯпон намемонанд. Чӯпон намегӯяд.

Чанд рӯз мегузарад. Дили чӯпон тоқат намекунад. Як рӯз ба одамҳо мегӯяд, ки:

— Ман ба саҳрои Турон Боло мол бурда будам. Аз кӯҳи Чилдухтарон як дарича пайдо шуд. Аҷоиб аёлҳо дидаму беҳуш шудам. Як вақте ба худ омадам, ки ҳамроҳи аёлон дар даруни шах шиштаам. Дар он ҷо чи қадар боғи зебое буд, ки

---

[1] *Шах*—кӯҳ.

об болои себарга давр мезаду себарга дар рӯи об бозӣ мекард, чи ки хоҳед, аз хӯрданиҳо ҳамааш муҳайё. Париҳо ба ман каме гӯшту шӯрбо доданд. Баъд гуфтанд: „Бо ҳамроҳии моён ҳамин ҷо исту дигар нарав". Ман қабул накардам. „Мол дорам, овул дорам, зану бача дорам, маро ҷавоб диҳед, монда меравам" гуфтам. Онҳо гуфтанд, ки „аввалаш монда нарав, баъд аз он ки равӣ, ҳамин сирри моёнро ба ҳеҷ кас ошкор накун, агар ошкор кунӣ, шалу чӯлоқ мешавӣ, аз ду дасту ду поят мемонӣ".

Ҳамин ҳикояро кардаасту чӯлоқ шудааст.

Ман бача будам, вай одамро Чӯлоқмирзо мегуфтанд, худаш аз Шинг буд, мурданаш ба хотирам ҳаст.

Дар ҳақиқат чилта духтар дар ҳамон кӯҳ зиндагонӣ мекунанд. Одами поке, ки лукмаи ҳаромро нахӯрда бошад, дуздию гандагӣ накарда бошад, ҳамон чилдухтаронро мебинад.

## БУРСИ ВАССА

Як кас дар замони қадим ба таги кӯҳи Чилдухтарон барои ҳезум меравад. Як бурси бисьёр рости нагзро мебинад, Чӯт[1] мекунад, ки бисьёр вассаҳои нагз мешавад, мебуррад ҳамон бурсро. Бурида як метр-як метр сарҷин мекунад. Ба хараш ҳезум гирифта, гашта меояд.

Пагоҳӣ чор-панҷта хар ёфта, гирифта меравад. Пеши бурс меравад, ки бурси сарҷин карда мондагӣ дарахт шуда, баромада истодааст. Ин воқеаро дида ҳайрон шуда, фикр мекунад, ки „ман дина[2] ин бурсро бурида, дар ин ҷо сарҷин карда мондаму ин гашта дарахт шудааст".

Бисьёр тамошо мекунад. Мехоҳад, ки дарахтро аз дигар бурида, ба хар бор карда, гирифта биёяд. Ҳамин ки табар ба даст гирифта, ба болои бурс баромаданӣ мешавад, аз кӯҳ садо мебарояд, ки:

---

[1] *Чӯт кардан*—тахмин кардан, тахминан муайян кардан.
[2] *Дина*—дирӯз.

— Эй бадбахт, ба ин дарахтони боғи мо нарас, ки бо элу авлодат пок[1] шуда меравӣ.

Ин садоро шунида, бисьёр ганда метарсад. Харҳояшро холӣ-холӣ гирифта гашта мебиёяд. Тарсон-тарсон ба хонааш омада, ба зану бачааш воқиаи дидагиашро ҳикоя мекунаду ҳамон тарс катӣ касал шуда мемурад.

## ҲУСНОБОД

Буд-набуд, як подшоҳ буд. Ин подшоҳ як эшони калон дошт, ки бе маслиҳати вай як қадам берун намемонд. Эшон аз одамони подшоҳ чилта мурид дошт. Ҳар вақт ки эшон ба кӯча мебаромад, муридҳо пеш-пеш ба зери пояш яктагӣ хишти пухта монда мерафтанд, то ки эшон ба замин пой намонад.

Подшоҳ як вазир ҳам дошт, ки бисьёр вазири оқил буд. Як шабе ҳавлии ин вазирро дузд зер кард. Вазир оҳиста нигоҳ кард, ки дузд ҳамон эшони таърифӣ бо муридҳояш будааст. Вазир пагоҳӣ хеста ба подшоҳ арз кард, ки:

— Эй подшоҳи рӯи замин, эшонатон дузд будааст, имшаб хонаи маро зад.

Подшоҳ аз ин гап ба ғазаб шуда, дар ҳаққи вазир ҳукми куш баровард. Подшоҳ вазирро кушт, зану духтари ӯро аз шаҳр бадарға кард.

Зани вазир Шаҳрбону ва духтараш Ҳусибону ном дошт. Одамони подшоҳ Шаҳрбонуюю Ҳусибонуро ба як чӯли бегиёҳ бурда партофтанд.

Вақте ки модару духтар сарсону ҳайрон мегаштанд, як шаб Ҳусибону хоб дид, ки дар зери як дарахт санге будааст, дар таги санг ду кӯза тилло пинҳон аст. Духтар хурсанд шуда аз хоб хесту ба модараш ин хобро хабар дод. Онҳо „шояд ин хоб рост барояд" гӯён ба ҷустуҷӯи дарахт рафтанд.

Баъди чанд рӯз аз пешашон як дарахт баромад, ки дар тагаш як санг ҳам истода буд. Очаю бача

---

[1] *Пок*—ин ҷо ба маънои несту нобуд.

як навъ карда сангро бардошта, зери онро кофта буданд, ки дар ҳақиқат ду кӯза пайдо шуд. Тиллоҳоро гирифтанду рафта устою мардикор ҷамъ карданд, дар як ҷо як шаҳри азамат сохтанд. Номи шаҳрро ба номи духтар Ҳуснобод монданд.

Имората шаҳр тамом шуда буд, ки Ҳуснбону либоси мардона пӯшида, ба тарафи шаҳри падараш рафт. Ба он шаҳр омада, рост ба пеши подшоҳ даромад. Подшоҳ пурсид:

— Эй писар, аз куҷо омадаӣ?

Ҳуснбону гуфт:

— Эй подшоҳи олам, ман писари фалон подшоҳ мебошам, бо падарам ҷанг карда ин тараф омадам.

Подшоҳ гуфт:

— Эй писар, мехоҳӣ, ки ягон ҳавлӣ диҳам, зиндагӣ карда гардӣ?

Ҳуснбону илтимос кард, ки:

— Ман аввал шаҳри шуморо як чарх занам, тамошо кунам, кадом ҳавлӣ маъқул шавад, ҳамонро аз шумо талаб мекунам.

Баъд Ҳуснбону шаҳрро давр зада омаду ба подшоҳ гуфт, ки:

— Ҳавлии ҳамон вазирро, ки кушта будед, ба ман диҳед.

Подшоҳ розӣ шуд. Духтар ҳавлиро шикастурехт карда модарашро ҳам овард.

Як рӯз Ҳуснбону бо модараш маслиҳат карда, ҳамон эшонро ба меҳмонӣ ҷеғ заданӣ шуд. Духтар эшонро ба зиёфат хабар карду худаш ба пеши подшоҳ рафта гуфт, ки:

— Ба ман ҳамин шаб чил нафар аскар даркор.

Подшоҳ не нагуфта, ба Ҳуснбону аскар дод. Духтар ба аскарҳо таъин кард, ки:

— Имшаб ба хонаи ман дузд мебиёяд, лекин шумо ба дуздҳо даст нарасонед, ман фармон ки додам, ҳамаашро дастгир мекунед.

Эшон ба хонаи духтар меҳмон шуда, зиёфатро хӯрду шаб бо чил муридаш хонаро зер кард. Дуздҳо ҳама бори хонаро баста буданд, ки духтар ба аскарҳо фармон дод, ки аз камин баро-

мада, дуздҳоро доранд. Аскарҳо эшонро бо муридҳояш дастгир карданд.

Духтар саҳар ба назди подшоҳ даромада, ӯро аз воқеа хабардор кард. Подшоҳ хашмнок шуда фарьёд кард, ки:

— Ту ҳам ба эшони ман тӯҳмат мекунӣ, эшони ман ин корро намекунад, ман туро ҳам ба пеши бадарғашудагиҳо ҳай мекунам!

Ҳуснбону гуфт, ки:

— Эй подшоҳи аъзам, ман эшонро бо муридҳояш дастгир кардаам, ҳамаашонро дар хона қулф карда омадаам, агар бовар накунед, худатон рафта бинед.

Подшоҳ омада дид, ки эшони таърифиаш дасту по бастагӣ бо чизҳои дуздиаш дар хона хобидааст.

Подшоҳ аз гапҳои худ пушаймон шуда, аз куштани вазир, бадарға кардани зану фарзанди ӯ афсӯс хӯрд.

Духтар телпакро аз сар гирифта, худро ба подшоҳ шиносонд ва ҳама саргузаштащро ҳикоя карда дод.

Подшоҳ бисьёр иззо кашиду ба Ҳуснбону гуфт:

— Ман ба ту қоил шудам, акнун ҳар чӣ мехоҳӣ, аз ман талаб кун, ман аз ту чизеро дареғ намедорам.

Духтар гуфт:

— Ба ман ҳеҷ чиз даркор нест, ман дар шаҳри ту ним рӯз ҳам зиндагӣ намекунам, ба шаҳри худ меравам. Ман як шаҳр сохтаам, ки аз шаҳри ту бари подшоҳ сад бор ободтар аст.

Подшоҳ гуфт:

— Эҳ, ман акнун донистам, ки Ҳуснободро ту сохтай!

Ҳуснбону ба шаҳри худ рафт ва хушу хурсанд зиндагӣ ба сар бурд.

Ин Ҳуснобод, ки дар поёни Панҷрӯд, дар назди Кулолӣ хаст, ҳамон Ҳуснобод аст.

## СУЛТОН ҶАЛОЛИДДИН

Як подшоҳ буд, Султон Ҷалолиддин ном писар дошт. Писар калон шуда буд, ки подшоҳ ӯро дар як мамлакат ҳоким карду як одамро ба ӯ хизматгор монд. Султон Ҷалолиддин бо хизматгораш ба роҳ баромада, ба сӯи он мамлакат равон шуд. Дар роҳ хизматгор либосҳои шоҳонаи Султон Ҷалолиддинро худаш пӯшиду гуфт, ки:

— Акнун ман подшоҳ ҳастам, ту хизматгори ман. Лекин агар ин кори маро ба ягон кас гӯй, дигар аз ман гила накун.

Султон Ҷалолиддин ба он вилоят расида, хизматгорӣ карда гашт. Охир як рӯз дигар тоқат накарду ба падараш хат навишта воқиаро гуфт. Баъди чанд рӯз аз падараш ҷавоб омад, ки:

Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз,
Сари замонасоз бурида бод ба гоз[1].

Падараш ин ҷавобро фиристода, худ ба худ фикр мекунад, ки аз ҳоли фарзанд хабар гирифтан даркор аст. Бо ҳамин фикр подшоҳ ба роҳ мебарояд. Овозаи омад-омади подшоҳ ба гӯши хизматгори Ҷалолиддин мерасад. Вай либосҳои шоҳонаро боз ба Ҷалолиддин пӯшонда, худаш хизматгор шуда меистад.

Подшоҳ омада мебинад, ки писараш дар масадди подшоҳӣ нишастааст. Аз Ҷалолиддин мепурсад, ки:

— Ту ба ман ба он мазмун хат карда будӣ, лекин корат ба ин дастур аст, ин чӣ маънӣ дорад?

Бача мефаҳмонад, ки:

— Омадани шуморо шунида, хизматгор боз маро ба ҷоям шинонду худаш хизматгор шуд.

Подшоҳ амр кард, ки хизматгорро дастгир карда кушанд. Ҷаллодҳо хизматгорро куштанд.

Баъд подшоҳ хотирҷамъ шуда ба шаҳри худ рафт.

---

[1] *Гоз*—кайчии калони боғдорон.

Дар ин миён чанд вакт гузашту Ҷалолиддин фикр кард, ки падаршро зиёрат карда биёяд. Ба шаҳри падараш омад. Дид, ки падараш ҳар шаб як духтари хушҳуснро оварда ба никоҳи худ медарораду пагоҳӣ боз маҳрашро дода ҷавоб медиҳад. Ҷалолиддин ин ҳолро дида хафа шуд, ба падар гуфт:

— Эй падари бузургвор, ободии мамлакат аз подшоҳ аст, подшоҳ хилофи шаръ бояд коре накунад. Ин кори шумо нағз нест.

Подшоҳ кахр карда гуфт, ки:

— Ту ба кори худ бош, ба ман чӣ кор дорӣ?

Табъи подшоҳӣ нозук мешавад, табъи писар аз ин гап сахт лат хӯрд. Вай ба вилояти худаш омаду лашкари бисьёре ҷамъ карда, ба сари падараш лашкар кашид. Мамлакати падарашро гирифт, падараш гурехт. Ҷалолиддин ҳар чанд суроғ кард, ӯро ёфта натавонист.

Охир падарашро ёфта натавониста буд, ки уламоро ҷамъ карда савол дод:

— Фарзанде, ки падарро озурдахотир карда бошад, агар ёбад, навъе карда, ӯро аз худ розӣ мекунад, лекин агар ёфта натавонад, чӣ навъ кунад, ки ин гуноҳ аз сараш соқит шавад?

Уламо гуфтанд:

— Агар ин фарзанд сад масҷид андозад ва ҳазор дарахти тут шинонад, ин гуноҳ аз гарданаш соқит мешавад.

Баъд Султон Ҷалолиддин тараддуд карда, сад масҷид андохта, дар пеши ҳар масҷид даҳтаӣ дарахти тут шинонд. Як масҷидро дар Кулолӣ, дигарашро дар Искодар, яктаашро дар Тагоб, яктаашро дар Панҷрӯд сохт (масҷиди Панҷрӯд дар рӯ ба рӯи магазини ҳозира буд, ҳоло вайрон шудааст). Баъд ба Вору рафт, ки масҷид андозад. Мебинад, ки дар қишлоқ ягон одами калонсол намենамояд, фақат бачаҳо бозӣ карда гаштаанд. Ҷалолиддин аз бачаҳо пурсид:

— Ӯӣ бачаҳо, падарҳотон куҷо рафтаанд?

Як бача беадабӣ карда ҷавоб дод:

— Падарҳомон ба кӯҳ баромаданд, ки ҳачча бурида биёранду ба таги лаби шумо монанд.

(Лаби поёни Ҷалолиддин бисьёр ғафс будааст, овезон шуда меистодааст.)

Ҷалолиддин ин ҷавобро шунида, ранҷидааст ва фикр кардааст, ки „агар бачаҳои ин деҳа ҳамин гапро мезада бошанд, бо мардуми ин ҷо сару кор доштан хатост". Бинобар ин Ҷалолиддин дар он ҷо масҷид нааидохта будааст.

Масҷиди Искодар ҳоло ҳам ҳаст. Дар ин масҷид як меҳроб ҳаст, ки аз тани як дарахт сохта шудааст. Ин меҳроб ҳам ҳоло ҳаст.

## ФИРДАВСӢ ВА МАҲМУДХОН

Маҳмудхон ном подшоҳе буд. Рӯзе вай Фирдавсиро чеғ зада гуфт:

— Эй Фирдавсӣ, ба номи ман китобе гӯй, ки номаш „Шоҳнома" бошад. Агар „Шоҳнома"-ро нағз гӯй, ман ба ту зари бисьёр медиҳам.

Фирдавсӣ сӣ сол меҳнат карда, „Шоҳнома"-ро буд карду ба Маҳмудхон бурда дод. Маҳмудхон китоби калонро дида, аз ваъдаи худ пушаймон шуд, лекин ба Фирдавсӣ чизе нагуфта, „Шоҳнома"-ро гирифта монд. Ҳамон шаб Маҳмудхон ду бачаи баҳуши хушзеҳнро чеғ зада фармуд, ки „Шоҳнома"-ро сар то по ҳифз кунанд.

Рӯзи дигар Маҳмудхон Фирдавсиро оварда гуфт:

— Эй Фирдавсӣ, ин китобат китоби пешина будааст-ку, ана ин бачаҳо аз ёд медонистаанд.

Фирдавсӣ бисьёр ранҷиду баромада рафт. Баъди чанд рӯз ӯ ин шеърро навишта ба Маҳмудхон фиристод:

Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Маро барниҳодӣ ба сар тоҷи зар.
Агар модари шоҳбону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ,
Агар бачча оҳангаре гӯймат,
Суханҳои моро ту гӯӣ ғалат.
Дарахте, ки талх аст ӯро сиришт,
Агар бариншонӣ ба боғи биҳишт,

Ба хулди баринаш[1] ба ҳангоми об
Ба бёх ангубин[2] резиву шаҳди ноб[3],
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.
Агар байзаи[4] зоғи зулматсиришт
Ниҳӣ зери товуси боғи биҳишт,
Дар он байза гар дам дамад Ҷабраил,
Диҳад обаш аз чашмаи салсабил[5],
Ба ҳангоми он байза парвардонаш
Зи анҷири ҷаннат диҳад арзанаш,
Шавад оқибат байзаи зоғ-зоғ,
Кашад ранҷи беҳуда товуси боғ.
Агар баччаи чуғзро[6] боғбон
Зи вайрона орад сӯи бӯстон,
Ба марғуби ҳар сӯй роҳаш диҳад,
Миёни гул ораму ҷояш диҳад,
Ки рӯзе пару бол пайдо кунад,
Ҳамон кунҷи вайрона маъво кунад.
Агар мушти арзон биҷорад малак
Ба омочи зар бар бисоти фалак,
Ба бели мурассаъ[7] хидеванди[8] кишт
Диҳад обаш аз ҷӯйбори биҳишт

Ва гар Ҷабраилаш ба вақти дарав
Кунад доси он арзан аз моҳи нав,
Ба худ арзан охир моил шавад,
Ҳамон арзани кишта ҳосил шавад.
Зи бадгавҳарон чашми некӣ мадор,
Кунад морбачча ҳамон кори мор.
Чӣ хуш гуфт Фирдавсии некзод,
Ки раҳмат бар он турбати[9] нек бод[10].

---

[1] *Хулди барин*—ҷаннат.
[2] *Ангубин*—асал.
[3] *Шаҳди ноб*—асали холис.
[4] *Байза*—тухм.
[5] *Салсабил*—чашмаи афсонавӣ, ки гӯё дар ҷаннат будааст.
[6] *Чуғз*—бум, мурғи бехосият.
[7] *Мурассаъ*—бо дурру гавҳар зинат додашуда.
[8] *Хидеванд*—соҳиб.
[9] *Турбат* — оромгоҳ, қабр.
[10] Дар ин порча шеъри чанд шоир ҷамъ оварда шудааст. Шаш байти аввал аз ҳаҷвияи „Гуфтор андар ҳаҷви Султон Маҳмуд" аст, ки ба Фирдавсӣ нисбат дода мешавад. Чор байти баъдина аз Абдуллоҳ Ҳотифист, се байте, ки баъд аз он омадааст, ба қалами Шоҳпири Кашмирӣ тааллуқ дорад. Муаллифи порчаеро, ки пас аз ин меояд, муайян кардан мумкин нашуд. Як байти охир аз Саъдист. Дар дохили ҳар қадоми ин порчаҳо низ ҷои баъзе байтҳо дигар шудааст, баъзе мисраъҳо тағйир ёфтааст, ҳатто дар байни шеъри Шоҳпири Кашмирӣ як байти Абдураҳмони Ҷомӣ даромадааст.

Маҳмудхон ин шеърро хонду пеши модараш рафта гуфт:

— Эй модар, росташро гӯй, ки ман фарзанди кистам? Фирдавсӣ маро баччаи оҳангар гуфтааст, ин магар рост аст?

Модар гуфт:

— Рост гуфтааст. Ман духтарзой будам, падарат гуфт, ки агар боз духтар зой, туро ба ҷаллод медиҳам. Лекин ман боз духтар зоидам. Ҳамон рӯз зани оҳангар писар зоида будааст. Ман духтарро ба ӯ дода, писари ӯро гирифтам. Ту писари ҳамон оҳангар ҳастӣ.

Маҳмудхон ин гапро шунида буд, ки пояш суст шуд. Фикр кард, ки „агар Фирдавсиро розӣ накунам, маро расво мекунад". Баъд ба одамонаш фармуд, ки:

— Равед, Фирдавсиро гӯед, омада зарашро гирад.

Одамони подшоҳ ба ҳавлии Фирдавсӣ омада, дарвозаро тақ-тақ карданд. Духтари шоир баромад. Одамони подшоҳ ба ӯ гуфтанд:

— Падаратро гӯй, рафта зарашро гирад.

Духтари Фирдавсӣ гуфт:

— Равед, ба Маҳмудхон гӯед, ки:

Зар фиристодани Маҳмуд бад-он мемонад...

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Одамони подшоҳ омада ин ҷавобро ба ӯ расонданд. Маҳмудхон ҳайрон шуд, ки ин гап чӣ маънӣ дошта бошад, зар додани ман ба чӣ монанд бошад? Подшоҳ шоиронро ҷамъ карда пурсид, ки:

— Ин гапи духтари Фирдавсӣ чӣ маънӣ дошта бошад? Як мисраи ин шеърро ёбед!

Шоирон ҳар чанд фикр карданд, маъниашро фаҳмида натавонистанд, мисраи дуюмро наёфтанд. Охир подшоҳ боз ба ҳавлии Фирдавсӣ одам фиристод, ки охири байтро фаҳмида биёянд. Вақте ки одамони Маҳмудхон ба дари Фирдавсӣ омаданд, духтари шоир гуфт:

— Ба Маҳмудхон гӯед, ки аввал зарро диҳад, баъд ман мисраи дуйӯмро мегӯям.

Хизматгорони подшоҳ рафта зарро оварданд. Сонӣ духтари Фирдавсӣ гуфт:

Зар фиристодани Маҳмуд бад-он мемонад,
Нӯшдору ки пас аз марг ба Сӯҳроб диҳанд.

Баъд духтар боз гуфт:

— Маънии ин гап ҳамин, ки падарам вафот кард. Акнун ман меросхӯри Фирдавсӣ ҳастам, ин зарҳо аз они ман.

Духтари Фирдавсӣ ба ин пул як кӯпруку як корвонсарой андохт.

# АФСОНАҲО

## ГЎРЗОД

Буд-набуд, як духтар буд. Падару модараш камбағал буданд, ғайр аз ҳамин духтар фарзанди дигар надоштанд.

Духтар калонакак шуд, падару модар шишта маслиҳат карданду вайро бурда ба мактаб монданд. Чанд сол хонд. Як замон худ аз худ дар қади вай фарзанд пайдо шуд. Духтар ин сирро ба касе нагуфта, чанд вақт хафа шуда гашт.

Аз ин ҳодиса як кампири зол хабардор шуд. Кампир пеши подшоҳ рафта, ин хабарро расонд. Подшоҳ дута бадҳайбат ҷаллодро ҷеғ зада, амр дода гуфт:

— Ин духтари бадҷинсро бурда, кушта гўронед!

Ҷаллодҳо духтарро ба қабристон бурда, куштанӣ шуда, пардаро аз рўяш гирифтанд: ҳамчунон нозанин, ки ҳеҷ ин хел духтарро дар умри худ надида буданд. Ҳайрон шуда, нигоҳ карда истоданду сонӣ маслиҳат карда, бозор рафта як барра харида омаданд. Барраро кушта, куртаи духтарро кашида, ба хуни барра ҷўлонданд. Духтарро зинда ба даруни қабр даровварда, ду-семоҳа озуқа оварда, ба пешаш монда рафтанд. Куртаи хунолудро бурда, ба подшоҳ нишон дода, баъд ба падару модари духтар доданд.

Падару модар куртаи фарзанди номуродашонро ба чашмонашон молида, зор-зор гирья карданд.

Чанд вақт гузашт. Падари духтар касби сайёдӣ дошт, рӯзе аз пеши галаи аспон гузашта истода, нигоҳ кард, ки ҳамаи аспҳо фарбеҳанду як байтал бисьёр хароб. Галабонро чег зада пурсид:

— Барои чӣ ҳамаи байталҳо фарбеҳанду ин як байтал хароб?

— Эй сайёдбобо, аҷоиб сирре, ҳамин байтал ҳар рӯз вақти пешин гум шуда меравад. Як рӯз аз ақибаш поида рафтам, рафта ба болои як қабри кӯҳна якпаҳлу зад, аз даруни қабр як кӯдаки луч баромада, макид-макиду боз даромада рафт.

Сайёдбобо гуфт:

— Барои имтиҳон як ҷуфт буҷулу як ҷуфт лӯхтак бурда ба болои қабр мондан лозим аст. Вай кадомашро, ки баромада гирад, ба ҳамон чиз муносиб сару тан тайёр карда пӯшонда, бурдан даркор.

Як ҷуфт буҷул, як ҷуфт лӯхтак бурда, ба сари ҳамон қабр монданд. Баъди чанд вақт омада диданд, ки кӯдак буҷулро бурдааст. Фаҳмиданд, ки кӯдак писар будааст. Даррав рафта сару тани хушрӯй дӯзонда, оварда ба болои қабр монда рафтанд.

Бача буромада дид, ки як сарупои озода. Гуфт ки:

— Эй модар, як сару тан кадоме овардааст, гирифта пӯшам ё не?

Модараш гуфт, ки:

— Гирифта пӯш. Мабодо, ки бобоят фаҳмида бошад. Бобоят касби сайёдӣ дошт, аз паси сайд ба ин тарафҳо гузар карда, аз ин сир хабардор шудагист.

Пагоҳии рӯзи дигар Сайёдбобо як даста бачагонро ба қабристон ба бозӣ фиристод. „Сур-суракон"[1] гуфтагӣ як бозӣ будааст. Бачагон ҳамин хел бозӣ карданд.

---

[1] *„Сур-суракон"*—як навъ бозии бачагон, ки яке мегурезаду дигарон боял ба ӯ расида гиранд.

Бача шавкуни бачагонро шунида, баромада нигоҳ карду ҳавасаш рафта, ба пешашон омад.

— Ҷӯраҳо, — гуфт, — ман ҳам қатиятон бозӣ кунам?

Бачаҳо: — Хайр, — гуфта вайро ба бозӣ қабул карданд. Вай гуфт:

— Ин бозиро монед, мазза надорад, биёетон гӯштин мегирем!

Бачаҳо қабул карданд. Аз байнашон як деҳқонбачаи ғафси калон ҳамаро ғалтонд. Навбат ба ин бача расид. Хеста, миёни деҳқонбачаро саҳлакак дошта буд, ки миёнаш маъиб шуда, дод гуфт.

Бачаҳо тарсида бозиро хобонда, ба пеши Сайёдбобо ба арз рафтанд.

Бачаҳо гуфтанд, ки:

— Аз гӯри духтаратон як бачаи зӯр баромада, зӯри моҳонро маъюб кард.

Бобо одамҳоро ҷамъ карда, ба қабристон баромад. Халқ ҷамъ шуда дар гирди қабристон хиргаҳҳо заданд.

Бача овозҳоро шунида, аз қабр баромад. Нигоҳ кард ба халқу гуфт, ки:

— Эй модар, дар ин ҷо сайл шудаасту гӯштин гирифта истодаанд. Ман баромада ба пеши инҳо равам-мӣ, не-мӣ? Модараш гуфт, ки:

— Майлаш, рав, аз рӯи кор, бобоят омадаасту туро гирифта бурдан мехоҳад. Агар равӣ, ҳар сари чанд вақт омада аз ҳоли ман хабар гирифта ист.

Бача модарашро паноҳи худо карда, ба сайргоҳ рафт. Каме истода тамошо карду баъд ба пеши гӯштингирҳо омад.

Бачаро доштанд. Гирифта ба шаҳр бурданд. Мардум ҷамъ шуданд, гуфтанд, ки:

— Аввал ба вай ном мондан лозим!

Ҳофизи хушхон Соқибулбул сухан кард:

— Бачаро номи ба худаш муносиб мондан даркор, бача дар гӯр зинда шудааст, номи ӯро Гӯрзод мондан лозим аст.

Ҳамин хел номи бача Гӯрзод шуд. Гӯрзод шаҳр ба шаҳру қишлоқ ба қишлоқ гашта, касбу кор

ёд гирифта, аҳволи мардумро санҷидаю тамошо карда гашт. Мардум аз зулми подшоҳ бисьёр шикоят мекарданд.

Гӯрзод як рӯз ҳашт-нӯҳта бачаи шаҳр қатӣ ба бозӣ рафт. Ба саҳро баромаданд. Гӯрзод таклиф кард, ки: „подшоҳбозӣ" кунанд. Бачаҳо қабул карданд.

Гӯрзод худаш „подшоҳ" шуд, як бачаро „вазир", ду бачаро „ҷаллод" таъин карда гуфт:

— Дутаатон дурӯғинчак ҷанг карда, ба пеши ман омада, арз кунед. Ду каси дигар шоҳид шавад.

Ду бача худ ба худ дурӯғинчак ҷангкунон, ба пеши „подшоҳ" омада, арз карданд.

„Подшоҳ" пурсид, ки:

— Барои чӣ ҷанг кардед, кӣ киро зад?

— Ин маро зад,—гуфт яке аз бачаҳо. Ду шоҳид гапи ӯро тасдиқ кард.

— Кушед ӯро!—амр кард „подшоҳ".

Ду „ҷаллод" бачаи „гунаҳгор"-ро хобонда, дасту пояшро баста, гулӯяшро хафа карданд.

Бачаҳо ин аҳволро дида, дод гӯён ба пеши Сайёдбобо рафтанд. Сайёдбобо кору борашро партофта, тозон омад. Падарони дигар бачагон ҳам воқеаро шунида, аз паси ӯ давиданд.

Сайёдбобо аз Гӯрзод пурсид:

— Бачем, барои чӣ ин ҷӯраатро куштӣ?

— Аз рӯи шариати шумо куштам, падар, аз рӯи кирдори подшоҳатон куштам. Подшоҳатон ҳам ҳамин хел мекунад: як кас ба касе тӯҳмат карда, ду шоҳид нишон диҳад, подшоҳ таги гапро пурсуков накарда, ҳукми куш мебарорад.

Дар ин гап ҳама мулзам шуда монданд.

Подшоҳ ин гапро шунида, Гӯрзодро нест карданӣ шуд. Вазиронаш маслиҳат дода гуфтанд:

— Гӯрзод паҳлавони зӯр, ҳамту куштанаш душвор, ба як ҷое фиристонем, ки худаш нобуд шуда равад.

Маслиҳатро пухта, чилта хар тайёр карданд. Гӯрзодро ҷеғ зада гуфтанд, ки:

—Эй Гӯрзод, гапи моҳонро гӯш кун!

— Хуб лаббай, хизмат кардан аз мо расад.

— Мо туро тӯй мекунем, лекин ҳезумамон намерасад, мана чил хар, барои ҳезум рав.

Гӯрзод харҳоро пеш-пеш карда, ба тарафи кӯҳ равон шуд. Ба вай як касро ҳамроҳ карда гуфтанд, ки:

— Ту инро фиреб дода, ба шаҳри морон бар, ки морон хӯранду нобудаш кунанд.

Вай одам пеш-пеши Гӯрзод рафтан гирифт. Бисьёр роҳ рафтанд. Шаб шуд. Ба шаҳри морон расиданд.

— Мана ба ҳамон тараф рафтан гиред!—гуфт вай одам ба Гӯрзоду худаш ғоиб шуд.

Рӯз шуд. Гӯрзод дид, ки дар гирду атрофаш ғайр аз мор чизи дигар нест. Табарро гирам гуфт, ки табар нест, ресмон гирам гуфт, ки ресмон нест. Ҳайрон шуда монд. Як вақт нигоҳ кард, ки як мори бадҳайбати калон ғор барин даҳонашро кушода ба тарафи вай омада истодааст.

Гӯрзод натарсидаю наларзида, ба тарафи мор равон шуд ва мушташро гиреҳ карда, ба лаби болои вай чунон сахт зад, ки омада ба лаби поёнаш часпид. Ҳамин вақт даҳони тамоми морҳо баста шуда монд. Як арчаро аз шохаш гирифта, ба замин зад, чил хар ҳезум шуд. Ҳезумро морҳо катӣ ба чил хар бор карда, майда-майда ба шаҳри падараш ҳай карда омад.

Мардум ҳайрону қоил шуданд, подшоҳ бошад, тарсида гуфт:

— Эй Гӯрзод, кори хуб кардӣ, лекин морҳоро озод кун, ба ҷояшон раванд, ки мардум бисьёр тарсида истодаанд.

Морҳоро озод кард.

Баъд подшоҳ аркони давлаташро ҷамъ карда маслиҳат пурсид. Як вазири зулмкор хеста гуфт:

— Гӯрзодро, албатта, нобуд кардан даркор, набошад, як рӯз не, як рӯз ҳамаи моро несту нобуд мекунад. Агар вайро барои овардани деги чилгӯша фиристонем, ба ҷои хатарнок рафта, нобуд мешавад.

Подшоҳ Гӯрзодро ҷеғ зада гуфт:

— Тӯи ту хеле калон мешавад, тамоми халқро ош додан лозим. Рафта деги чилгӯшаро биёр!

Гӯрзод аз пеши подшоҳ баромада, ба сари қабри модараш рафт.

— Модарҷон, зинда ҳастӣ ё не?

— Зиндаам, зиндаи аз мурда бадтарам. Чӣ мегӯӣ?

— Подшоҳ ба ман мегӯяд, ки „деги чилгӯшаро биёр". Ман аз куҷо мебиёрам?

Модараш гуфт, ки:

— Аз пушти кӯҳи Қоф мебиёрӣ. Лекин, писарам, он ҷо рафтагӣ одам сиҳату саломат гашта намебиёд. Ман як коғаз карда ба ту диҳам. Ту, ки рафтӣ ба пушти кӯҳи Қоф, аввал як қалъаро мебинӣ, дар назди дарвозаи қалъа як парӣ шиштааст, ҳамон парӣ ба ту роҳнамо мешавад.

Гӯрзод коғазро аз дасти модараш гирифта, бо қадамҳои паҳлавонӣ ба роҳ даромад, як ҳафта нагузашта, ба пушти кӯҳи Қоф расида ба парии модараш гуфтагӣ вохӯрд.

Парӣ гуфт, ки:

— Эй бача, касе, ки ба ин ҷо омадааст, саломат намеравад.

Гӯрзод коғазро аз кисааш бароварда, дароз кард. Парӣ коғазро хонд, ки писари дугонааш будааст. Ба пушти коғаз чизе навишта, гардонда дода гуфт:

— Аз ин дарвоза дарунтар як дарвозаи дигар ҳаст, он ҷо апаи ман нишастааст, ба пеши вай рафта, ҳамин хататро деҳ!

Бурда дод. Апааш гирифта хонда гуфт:

— Агар писари дугонаам намебудӣ, аз ин ҷо саломат барнамегаштӣ. Ба он деги ту мегуфтагӣ ҳозир пур-пур ош дам карда мондагӣ. Як деви бадҳайбат омада, ҳамон ошро пок-покиза мехӯрад. Баъд як ҳавз обро дам кашида, дар таги як чинор хоб мекунад. Ту агар зӯр бошӣ, ҳамон дев катӣ гӯштин мегирӣ, девро кушта, дегро мебарӣ, агар ба зӯрат боварият набошад, гашта ба роҳи омадагият рав!

Дев, омадан замоно, ошро хӯрд, обро пок нӯшид:

— Сер нашудам,—гуфта ба парӣ анча зарда кард.

— Як паҳлавон омадааст,—гуфт парӣ,—мехоҳад бо шумо гӯштин гирад, агар занед, халос мешавед, назанед, шумо—сар аз тан ҷудо.

— Хуб, канӣ паҳлавонро барор!

Паҳлавонро баровардa, парӣ нишон дод. Дев ханда кард.

Парӣ пурсид:

— Чаро механдед?

— Барои он механдам, ки ту ба ман, полвон гуфта бачаи норасро нишон дода истодаӣ. Инро аз даҳонаш бӯи шир меояд, аз баданаш бӯи гаҳвора.

Гӯрзод гуфт, ки:

— Эй девҷӯра, ман ҳам шири модар хӯрдаам, ту ҳам, агар мард паҳлавон бошад, ҷои вай—майдон.

Дуяшон ба майдон даромада, аз пагоҳӣ сар карда се шабу се рӯз гӯштин гирифтанд. Гӯрзод ҳамчунон зӯрӣ кард, ки аз бинии дев хун равон шуд. Бисьёр ки монда шуданд, парӣ ба пешашон омада:

— Даҳ дақиқа дам гиретон,—гуфту чаққон аз пои дев дошт, Гӯрзод базарб девро ба қафо тела дода ғалтонду ҳадаха сар буррид.

Баъд парӣ девҳои дигарро чеғ зада гуфт:

— Як паҳлавоне омадааст, подшоҳатонро несту нобуд кард, ба шумоён як супориш дорад, агар иҷро кунетон, ҷонатон халос, накунетон, ҳамаатонро сар мезанад.

Девҳо ин гапро шунида гуфтанд:

— Парӣ, чӣ коре бошад, иҷро мекунем.

— Ҳамин деги чилгӯшаро, ки подшоҳатон ба он ош пазонда мехӯрд, бурда ба ҷои гуфтагиаш монда биёед!

Гӯрзод ба даруни дег даромад, чил дев аз чил гӯшаи дег гирифта париданд ва дар як чашм пӯшида кушодан ба ватани Гӯрзод расиданд.

Халқ ҷамъ шуда, ба паҳлавон офаринҳо хонданд, вале вазирони подшоҳ Гӯрзодро ба қасри шоҳӣ ҷеғ зада гуфтанд, ки:

— Гӯрзод, подшоҳи олам бемор шуданд, то он кас сиҳат нашаванд, мо туро тӯй карда наметавонем, бемориашон бисьёр вазнин будааст, табибҳо шири шёр дар пӯсти шер фармуданд. Рафта биёр!

Гӯрзод се рӯз мӯҳлат гирифта, пеши модараш рафт.

— Модарҷон, маро барои шири шер фиристоданд.

— Эй писарам, туро қасди кушт кардаанд, роҳи куштан кофтаанд. Ту меравӣ лаби дарьёи Алконтеқ. Дар он ҷо ҷангале ҳаст, дар ҷангал як шер хобидааст, ба пояш хоре халидагӣ. Ту ҳамон хорро аз пои шер кашида мегирӣ. Баъд шер туро ба муродат мерасонад.

Ба лаби дарьё расид. Дид, ки як шери калон касал хоб кардааст. Гуфт, ки:

— Эй шер, туро чӣ шудааст?

— Ҷӯра, ба пои ман як хор халидааст, ин хор сабзида дарахт шудааст.

— Ҳамин дарахти хорро аз поят кашида гирам, — гуфт Гӯрзод, — як кор дорам, кори маро иҷро мекунӣ?

— Хуб, ҷонам катӣ иҷро мекунам.

Гӯрзод тагу болои дарахтро бурида партофт, баъд шерро хобонда, бо эхтиёт решаи хорро аз пояш кашида гирифт. Шер чунон наъра зад, ки кӯҳҳо ба садо омад, наъраи ӯро шунида филҳол ҳафт писараш ҳозир шуд.

Дар он вақт ҳамаи ҳайвонҳо ба забони худашон гап мезаданд. Писари калониаш гуфт:

— Модар, ба ту чӣ ситам расид, ки ин қадар баланд дод гуфтӣ?

Гуфт, ки:

— Писаронам, қасам хӯретон, ки сухани маро ду намекунетон.

Писаронаш қасам хӯрданд.

Гуфт, ки:

— Эй фарзандҳои азиз, ба ман як кас некии калон кард, мақсади вайро ҳосил кунед!

— Модар, гӯед, ба муроду мақсадаш мерасонем.

— Ба ин кас шири шер дар пӯсти шер даркор будааст:

Шербачаҳо якта шери гандаро куштанду шири модарашонро ҷӯшида, ба пӯсти вай андохтанд, баъд Гӯрзодро бардор-бардор карда ба ватанаш — ба Чамбули Мастон оварда монданд.

Одамҳо ҷамъ шуда, шири шерро дар пусти шер қабул карда гирифтанд.

Подшоҳ вазиронаш катӣ маслиҳат карда гуфт, ки:

— Инро илоҷи куштан набӯдааст, чораи дигар нест, тӯй кардан даркор.

Деги чилгӯшаро шинонда, чил хар ҳезумро алав гиронда, аз ҳафтсола то ҳафтодсоларо ба тӯй хабар карданд. Гӯрзод дуторро гирифта, чунон хониш кард, ки дили ҳама об шуд, мо ҳам дар он тӯй будем, оши палав хӯрдем, хониши Гӯрзодро гӯш кардем, диламон об шуд, акнун вақти хоб шуд.

## КАЛЛАИ ХУШК

Як камбағал буд, фарзанд надошт, бисьёр ғам мехӯрд. Рӯзе дар қишлоқаш қаландаре пайдо шуда, ҷар кашида гуфт:

— Касе бефарзанд бошад, ман бароящ фарзанд ато мекунам.

Ҳамон камбағал ин гапро шунида, қаландарро ба хонааш гирифта рафт. Обу зиёфат карда, баъд муроди дилашро ба ӯ гуфт. Қаландар дута себ броварда доду гуфт:

— Яктаашро худатон хӯред, яктаашро ба занатон диҳед, ду фарзанд мешавад, яктааш ба шумо, яктааш ба мо.

Қаландар баромада рафт. Камбағал ду фарзанд дид, фарзандҳояш калон шуданд. Баъд аз чандин сол қаландар боз омад. Як писарро талаб кард. Зану шавҳар зорӣ карда гуфтанд:

— Эй бобои каландар, тамоми молу мулкамонро гиред, бачаамонро не!

Хар чанд карданд, каландар кабул накард. Охир бачаро гирифта рафт. Аз кишлок берун шуда буданд, ки бача гирьён шуда рах нагашт. Як-ду торсакӣ зада буд, ки бача чиррос зада, пеш давид. Хеле давида, ба кафояш нигох кард, ки каландар дур мондааст. Ногох пояш ба чизе дакка хӯрд, нигох кард, ки як каллаи хушки одамӣ. Дар кахр шуда, пояш катӣ якта зад. Якбора калла ба забон омад:

— Барои чӣ маро мезанӣ, ман хам ту барин одам будам, таклирам бад будааст, ба ин хол афтодам.

Бача хайрон шуда пурсид:

— Ту кӣ будӣ, барои чӣ ба ин хол афтодӣ?

Ман хам ту барин асири хамин каландари чодугар шуда будам. Ин каландар не, дев аст, чил хона дорад, пур аз одам, якто-якто бароварда як деги чилгӯша дорад, ба хамон дег андохта, бирьён карда мехӯрад. Ба хавлияш, ки бурд „ба таги дег алов кун" мегӯяд, дег, ки тафсид, мегӯяд, ки „ин чорӯбро гирифта, таги дегро рӯб". Ту, ки ба рӯфтан андармон шудӣ, нохост гирифта ба даруни дег мепартояду баъд мехӯрад. Як хилла карда, халос нашавӣ, мисли ман нобуд шуда меравӣ.

Бача калларо бӯса карда, ба замин гӯронду ба рох даромад. Ба хавлии дев рафта расиданд, хамон шаб хоб карданд. Пагохӣ каландар ба бача фармуд, ки хезум чамъ карда биёрад. Овард, ба таги дег алов кард, равған тафсид.

Гуфт, ки:

— Гирди дегро рӯб!

Бача гуфт:

— Ман писари эркаи падару модар будам, дар умрам чорӯб ба даст нагирифтаам, шумо аввал як бор ба ман нишон дихед, ман ёд гирам.

Каландар сиёсат кард:

— Лаънатии нодон, мана ин хел мерӯбанд!

Бача чаккон каландарро аз пояш бардошту ба даруни дег тела дод.

Ҷодугар ҷиғ-пиғ карда, бирьён шуда мурд.

Дев гурбае дошт, калиди чил хонаро ба гардани вай овехта мемонд, гурбаро вақти гӯшт хӯрданаш шуду мияв-мияв гӯён ба пеши дег омад.

Бача калидҳоро аз гардани гурба гирифта, хонаҳои девро кушодан гирифт. Баробари кушода шудани дар асирҳои мӯи сарашон то миёнашон расидагӣ:

— Ман хароб, вай фарбеҳ,—гуфта, ба ақиби ҳамдигар руст шуда, фарьёд мебаровarданд.

Бача ба ҳамаашон молу анҷоми девро тақсим карда дода, озод кард, ба ҷойҳои худ рафтанд. Худаш як аспи нағзи девро савор шуда, ба пеши падару модараш баргашту зиндагонӣ карда гашт.

## АВАЗ

Хониш кунед, Гулсоқибек
Дар ҳаққи дилбари нек—
Курта дорад гули нор,
Ҳар абрӯяш думи мор,
Дар бари рӯяш ду хол.
Аваз рафта марғузор
Боз мегардад—аз шикор.

Ба ҳавлиаш меравад. Ҳисқолпарӣ пешвози Аваз мебароянд.

— Чаро ранги сурхат зард шудааст, хоҳарам,— мегӯяд Аваз.

— Одам, мисли гӯсфанд, гоҳ хира мешавад, гоҳ тоза.

Аваз Қаракӯзпарӣ гуфтагӣ зан дошт.

— Хоҳари маро чаро азоб додӣ, чаро рангаш зард шудааст?—мегӯяд занашро.

Қаракӯз мегӯяд, ки:

— Ман ба хоҳари шумо на кор дорам, на бор.

Аваз шоф мекашад ба сари Қаракӯз, ки:

— Ту чаро рост гап намезанӣ?

— Аввал пурсиш, баъд кушиш, шумо шикор меравед, шумо ки шикор рафтед, Гулюсуф пайдо шуда, хоҳаратонро гирифта, рахни боғ мебарад; гашта меояд, рангаш мисли заъфарон зард.

Аваз пӯшокҳои нағз пӯшида, хоҳараш барин шуда, рахни чорбоғ рафт. Гулюсуф омаду гуфт:

— Ана ин корат нағз, акнун ту ба ман одат кардай, акнун айшу ишрат мекунем.

— Ин ҷо ҷои айшу ишрат не, ягон кас дида мемонад, як сандуқи калон ҳозир кунед, маро андохта ягон ҷо гирифта баред, баъд кайфу сафо мекунем.

— Майлаш,—мегӯяд Гулюсуф сандуқи калон тайёр мекунад, „духтар"-ро ба даруна ш меандозад, ба як чорраҳаи калон баромада, сандукро кушода мебинад, ки Авазбаҳодур хобидааст. Рангу қуташ канда, як чиррос мезанад.

— Чиррос назан, номарди дузд!—мегӯяд Аваз.— Ту гумон кардай, ки акаю ука дорию Аваз яккамарду мусофир аст, дар ҳаққи вай, ҳар чи хоҳӣ, кардан мегирӣ!

Ҳамин гапро гуфта, Аваз дар чорраҳаи калон Гулюсуфро чор тақсим карда партофт, сандуқи тиллоро гирифта, ба ҳавлияш омад.

. Аз миён се рӯз гузашт. Акаҳои Гулюсуф кофта-кофта, пеши Аваз омада пурсиданд:

— Гулюсуфи мо гум шудааст, шумо марди ҷаҳондида, ҳеҷ даракашро фаҳмидаед, ё не?

Аваз мегӯяд, ки:

— Ман чӣ медонам, канӣ як суроғ карда бинам.

— Агар шер хӯрда бошад, тухми шерро пок мекунем, агар паланг хӯрда бошад, тухми палангро пок мекунем, агар донем, ки одамизод кушта бошад, тухми одамизодро пок мекунем,—гуфтанд Аҳмадбеку Шодмонбек—акаҳои Юсуфбек.

— Хайр, шумо равед, ман як суроғ кунам, аз ягон ҷо даракашро меёбам-мӣ.

Инҳо рафтанд, баъд аз се рӯз гашта омаданду боз аз Аваз пурсиданд, ки дараки укаашонро ёфтааст ё не.

Аваз гуфт, ки:

— Шумо барин одамҳои аҳмақро надидаам дар дунё Гулюсуфатон катӣ ҳамроҳ! Ҳамон ҳам одам буд, ки шумо рӯзҳои дароз суроғ мекунед! Аз ман нону намак хӯрда, ба намакдонам туф кард,

ман ҳам ба чорраҳа бароварда, чор тақсим карда партофтам.

Аҳмадбеку Шодмонбек дод гуфта, ба пеши Гӯрӯғлӣ рафта арз карданд, ки:

Авазбаҳодур Юсуфбекро бурда, дар чорраҳа чор тақсим кардааст.

Гӯрӯғлӣ гуфт:

— Ору номус дошта бошед, худатон чораи ин корро бинед!

Аваз сарашро ба зонуи Қарокӯз монда хоб рафта буд. Як чашми Қарокӯз аз тиреза ба берун афтод, ки гирди қӯрғонро ҳафт саф илотурман печонида гирифтааст. Қарокӯзпарӣ оби дида кард: „агар бедор кунам, марди беандеша, давида мебароянд, улоғ мекунанд" гуфта фикр кард, ки як қатраи оби чашмаш ба рӯи шавҳараш чакид.

Аваз бедор шуда пурсид:

— Аз мо чӣ ғурбат шунидӣ, ки оби дида мекунӣ?

— Аз шумо ҳеҷ ғурбат надидааму аз хунам гузаред, як сир мегӯям.

— Хайр аз хунат гузаштам.

— Ҳамин қадар кор кардед, ки ба таги пои илотурман мондем.

— Канӣ?—гуфт.

— Ба тиреза назар кунед, ҳар сари илотурман ба гирди қӯрғон танидааст.

— Ман гумон кардам, ки ягон гапи дигар шудааст, ба ҳамин ҳам хафа мешавӣ-мӣ? Дар ин дуньёи фонӣ як рӯз шудану як рӯз мурдан будааст. Абзоли ҷангии маро тайёр кун!

Қарокӯз абзоли ҷангии Авазро тайёр кард. Авазбаҳодур киличи обдору камчини булғорро ба даст гирифта, ба ғироташ[1] савор шуду:

— Дарвозаро во кун!—гуфт.

Сӣ соат ҷанг кард, осиёҳои хоб рафтагӣ аз хуни илотурман гаштан гирифт, лекин илотурман, ҷудо бисьёр буд, якаш аз ақиби дигараш омада ба сари Аваз шамшер мекашид.

[1] *Ғирот*—асп.

Тарнозпарӣ гуфтагӣ зани Ҳасан баромада, ин аҳволро диду ба чувозхона, пеши шавҳараш рафта гуфт:

— Хушк шавад мусофириаш, хушк шавад яккамардиаш! Номуси мусофир ба мусофир мерасад. Шумо бароед, намешавад?

Ҳасанро аз пӯсти чил барра як телпакаш буд, чил пӯсти хирс пӯстинаш, даҳ пӯсти гов чорукаш. Пӯшида, баромада, ба пеши Аваз рафта гуфт:

— Шумо камакак дам гиред. Чой-пой хӯред, мо як дам эрмак кунем.

Ҳасан тири чувозро гирифта баромада буд, як кулоч андохт, биста-сита илотурман пушт ба замин афтод. Ҳамин хел қир карда рафтан гирифт.

Як вактхо аз кучое Мастонкампир пайдо шуда омад. Вай ба маърака даромад, Ҳасан катӣ гӯштин гирифт. Се шабу се рӯз зӯр заданд. Аз бинии Ҳасан чуммаки офтоба барин хун рафтан гирифт. Вай ба кампир гуфт:

— Гӯштин бошад, кучо меравад, сар деҳ, як халкамонро тар кунем.

Сар дод. Ҳасан ба рӯи об хам шуда, ду култ хӯрду каллаашро набардошта истод. Кампир оби сойро дам кашидан гирифт, моҳию қурбоққа ба ишками вай даромада рафтан гирифт, аз об каллаашро бардошта ҳапал-тапал шудан гирифт.

— Биё, ба дашти ҳамвор мебароем! — гуфт ба Ҳасан кампир.

Баромаданд. Гӯштин гирифтанд. Ҳасан кампирро як пахш кард. Кампир кафид, замину замонро об зер кард. Аваз омад, хурсанд шуд, ба мурోду мақсадаш расид.

## ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Буд-набуд, дар замони қадим Луқмони Ҳаким гуфтагӣ як одами бисьёр доништманд буд.

Як рӯз подшоҳи мамлакат Луқмони Ҳакимро чег зада гуфт:

— Мегӯянд, ки ту бисьёр одами доною ҳунар-

манд ҳастӣ, як чизи нав соз, ки ҳеҷ вақт ҳеҷ кас насохта бошад.

Луқмони Ҳаким бисьёр фикру кофтуков карда тухми кирмакро ёфт, парвариш кард, пилла шуд. Аз пилла шоҳӣ бофта, як сару либос дӯхта, ба подшоҳ пешкаш кард.

Подшоҳ либоси ҳарирро гирифта, хурсанд шуда гуфт:

— Ин чизи ту ҳақиқатан чизи нағз, ин хел либос боби ман барин подшоҳи олам аст. Акнун ту раву ин сирро ба ҳеҷ кас нагуфта, ба ман ҳамин хел либос тайёр карда оварда гир, агар ягон одами дигар аз сирри кори ту хабардор шуда, ҳамин хел сару тан карда пӯшад, саратро аз танат ҷудо мекунам!

Аз либоси ба подшоҳ дӯхтагии Луқмони Ҳаким камтар шоҳӣ зиёдӣ карда буд. Занаш гирифта, ба духтарчааш курта дӯхта дод. Инро як душмани Луқмони Ҳаким диду ба подшоҳ хабар расонд.

Подшоҳ тафтиш карда дид, ки дар ҳақиқат рост. Баъд Луқмони Ҳакимро ба пешаш ҷеғ зада гуфт:

— Ман ба ту чӣ амр карда будам! Ту маро писанд накардӣ, ба духтарчаат курта карда дода, ҳамаро аз ин сир хабардор кардӣ! Барои ин корат туро намекушам, туро духтарчаат катӣ ба зиндон андохта, ба дари зиндон қир мерезам, ки дар дарунаш азоб кашида пӯсида равӣ.

Луқмони Ҳаким гуфт:

Агар ки маро ба зиндон андохтанӣ бошед, фармоед, дута кати пулодӣ созанд, катҳоро ба зиндон даровардa дар назди ҳар кадомашон якхалтагӣ бодом монанд.

Подшоҳ „хайр, ду кат садқаи сар" гуфта хоҳиши Луқмони Ҳакимро иҷро карда, ӯро ҳамроҳи духтарчааш зиндон кард ва даҳони зиндонро қир рехта партофт.

Ин овозаро Афлотун шунид. Вай шогирди Луқмони Ҳаким буд. Тарсида худ ба худ „мабодо подшоҳ маро шогирди Луқмони Ҳаким гуфта, зин-

дон накунад" гуён дар байни як кӯҳ пинҳон шуда, атрофашро тилисм карда партофт.

Чанд сол гузашт. Ин подшоҳ мурд. Подшоҳи дигар шуд.

Подшоҳи нав як рӯз гӯшт хӯрда истода буд, ки як устухонпора ба гулӯяш дармонд. Бисьёр табибу чарроҳ оварданд, илочашро карда натавониста, ҳамаашон:

— Факат Афлотун ба ин дарди подшоҳ даво карда метавонад,—гуфта монда мерафтанд.

Подшоҳ гуфт:

— Афлотун кучо бошад?

Одамонаш вокиаи Лукмони Хакимро накл карда. гуфтанд, ки:

— Афлотун шогирди Лукмони Ҳаким буд, баъди ин вокиа тарсида ба ким-кучо рафта, пинҳон шуд.

— Афлотунро, аз ҳар кучо бошад, ёфта биёед!—гуфта фармон дод подшоҳ.

Афлотун омада гулӯи подшоҳро диду худ ба худ „ҳамин сабаб катӣ зиндони устодамро мекушоёнам, канӣ зинда бошад-мӣ" гуфта, ба подшоҳ гуфт:

— Ба дарди шумо факат устоди ман Лукмони Ҳаким даво карда метавонад.

Подшоҳ ин гапро шунида, фармон дод, ки зиндони Лукмони Ҳакимро кушоянд. Кушода диданд, ки духтарчааш хокистар шудаасту худаш ба мурдан оид. Афлотун вайро ба хонааш бурда, чанд рӯз табобат кард, сиҳат шуд.

Баъд одамони подшоҳ омада, гирифта бурданд. Лукмони Ҳаким подшоҳро дида пурсид:

— Фарзанд доред-мӣ?

Подшоҳ гуфт, ки:

— Як писар дорам.

— Писаратонро сар бурида, хунашро хӯред, сиҳат мешавед, набошад, не.

Подшоҳ фикр кард: яктаю ягона писар дорам, ҳамонро ҳам кушам-мӣ? Биё худам мурам, мурам, ки писарам зинда бошад.

Се-чор рӯз гузашт, дарди подшоҳ сахттар шуд. Баъд гуфт:

— Хайр, писарамро биёретон, сарашро буретон!

Баъд писарашро оварда, бо фармони Луқмони Ҳаким дар пеши чашми подшоҳ куллук карданд, дар мобайн парда кашида, ба қафои парда гузаронданд.

— Акнун гӯсфандро биёретон!—гуфт Луқмони Ҳаким ба гӯши одамони подшоҳ. Як гӯсфандро куллук карда оварда ба гулӯяш корд монда буданд, ки гӯсфанд „фах" гуфта овоз баровард.

Ҳамин вақт подшоҳ:

„Воҳ, писарам!"—гуфта фарьёд зада буд, ки устухон аз гулӯяш парида рафт.

— Пардаро кушоед, ман мурдаи писарамро бинам!—гуфт подшоҳ.

Пардаро бардоштанд, ки писараш сиҳату як гӯсфанд куштагӣ.

Луқмони Ҳаким ҳодисаи шудагиро ба ӯ гуфта дод.

Подшоҳ ба Луқмони Ҳаким таҳсин хонда гуфт:

— Лаънат ба касе, ки ҳамин тавр одами донишмандро зиндон кардааст.

## КАЛИ АЙЁР

Буд-набуд, будгор буд, будгор набуд, шудгор буд, як каллаки айёр буд, аз кору бор безор буд, ба хӯрдан тайёр буд. Як рӯз ин кал бекор-бекор гашта буд, ки ба як дев дучор шуд. Кал девро дида, ба таги як кӯпрук пинҳон шуд. Дев бӯи одамро фаҳмида, „паҳ-паҳ бӯи одамизод" гуфта омаду аз кӯпрук гузашта истода буд, ки кал аз таги кӯпрук туко[1] зад. Дев гуфт:

— Ту кистӣ, ки аз таги пои ман мезанӣ?

Кал гуфт:

—Ман одамизодам, ман зӯр ҳастам.

Дев гуфт:

---

[1] *Туко*—тук-тук.

— Агар зӯр боши, кани ягон нишонаатро парто, ман бинам.

Кал дид, ки дар лаби ҷӯй як курбоққа нишастааст. Қурбоққаро гирифта ба дев партофт, ки:

— Ана ин шабушки ман, диди?

Дев қурбоққаро дида ҳайрон шуд, ки шабуши ин одам ин қадар калон будааст, худи ӯ чӣ қадар бошад. Баъд дев гуфт:

— Кани боз чӣ нишона дорӣ, нишон деҳ.

Кал худ ба худ „боз чӣ партоям" гӯён ба атрофаш нигоҳ кард, ки дар таги кӯпрук як думи хар истодааст. Кал думи харро ба дев партофту гуфт:

— Ана ин як мӯи бурути ман.

Дев думи харро дида, дар андеша монд, ки „ин одамизод ҳақиқатан зӯр менамояд". Сонӣ дев боз гуфт:

— Боз ягон нишона дорӣ?

Дар дасти кал як карнаи осиё буд. Калаки айёр:

— Ана, гӯш кун, ман ҳозир сулфа мекунам,— гуфта буғи осиёро сар дод. Дев овози карнаи осиёро шунида, боз зиёдтар дар ҳайрат монду фикр кард, ки бо ин одам ҷӯра шудан даркор. Дев ба кал гуфт:

— Эй одамизод, буро, ман ба зӯри ту қоил шудам, биё, ба хонаи ман меравем.

Кал ба хонаи дев рафт, хуб зиёфат хӯрд, шаб ҳамон ҷо хоб кард. Кал хоб карда буд, ки нисфи шаб модари дев хуррок кашид. Ҳавои хурроки модари дев калро бардошта, ба шифти хона зад, ҷоман кал ба болор банд шуду кал дар шифт овезон шуда монд. Дев хеста нигоҳ кард, ки ҳол ҳамин. Аз кал пурсид.

— Эй одамизод, дар он ҷо чӣ кор карда истодаӣ?

Кал ҷавоб дод:

— Ман мехоҳам, ки ҳамин болорро канда, ба сӯрохи бинии модарат занам, то ки дигар хуррок накашад.

Дев зорию тавалло карда, калро аз нияташ гардонду ӯро беозор гирифта, ба замин монд.

Рӯзи дигар дев калро ба тамошо бурд. Рафта истода буданд, ки дев як дарахтро оғӯш гирифта, аз решааш канд. Кал дид, ки дар он чо як чорбоғ қаст, ба чорбоғ даромаду чор-панч дарахтро шох ба шох ва калла ба калла бастан гирифт. Дев пурсид, ки:

— Ин дарахтҳоро чаро мебандӣ?

Кали фиребгар чавоб дод, ки:

— Ту як дарахтро кандӣ, ман ҳамаи ин дарахтҳоро якчоя канда мепартоям.

Дев боз ба зорӣ даромад, ки:

— Эй одамизод, ман ба зӯри ту коилам, ин дарахтҳоро накан.

Калу дев боз тамошо карда рафтан гирифтанд. Як замон дев гуфт:

— Эй чӯра, биё ҳар дуямон як гӯштин гирем.

Кал розӣ шуд, ҳар ду гӯштин сар карданд. Дев калро оғӯш карда буд, ки кариб қабурғааш шикаст ва чашмонаш часта баромад. Дев аз кал пурсид:

— Эй чӯра, чашмонат аз косахонааш часта баромад?

Кал гуфт:

— Ман нигоҳ карда истодаам, ки туро ба тарафи чап ҳаво диҳам, ё ба рост.

Дев тарсиду гуфт:

— Эй чӯра, ман ба ту таслим, биё, гӯштинро бас мекунем.

Гӯштинро бас карданд. Кал боз ба хонаи дев омад. Дев бисьёр фикру хаёл кард, ки акнун ин одамро чӣ тавр аз хона пеш кардан лозим аст. Охир дев гуфт:

— Чӯра, ман як саноч тилло дорам, ҳамонро ба хонаатон намебарӣ?

Кал ба саноч нигоҳ кард, ки бисьёр калон аст, бардошта бурда наметавонад, зӯраш намерасад. Ба дев гуфт:

— Ба мо, одамони зӯр, тилло бардошта бурдан айб аст.

Дев гуфт:

— Эй ҷӯрачон, ту рафтан гир, ман худам ба хонаат бурда медиҳам.

Кал ба хонаашон омад. Ба занаш гуфт, ки:

— Ман як деви зардро ба худ ром кардам, ҳозир як саноч тилло мебиёрад. Дев, ки омад, ман аз ту мепурсам, ки „ту дев куштанӣ-мӣ, деви зардро мекушӣ ё деви сиёҳро?" Ту ба ман ҷавоб деҳ, ки „деви зардро куштан мехоҳам".

Зану шӯй ин тавр маслиҳат карда, нигарони омадани дев нишастаанд. Як замон дев тиллоро бардошта омад.

Дев омада буд, ки ба занаш гуфт:

— Занак, ин меҳмони моро чӣ зиёфат мекунӣ?

Зан гуфт:

— Бо гӯшти дев.

Кал гуфт:

— Кадом девро мекушӣ?

Зан гуфт:

— Деви зардро.

Дев ин гапро шунида, гурехт ва бо худ аҳд кард, ки дигар ба одамизод наздик намешавад.

## КАЛИ ЗИРАК

Буд-набуд, як кал буд, бисьёр зираку пухта.

Кал як рӯз ба саёҳат баромад. Ба як шаҳр омад, дар он шаҳр қаҳтию гуруснагӣ будааст. Аз беруни шаҳр ҳезум чида омаду дар бозор фурӯхт, ба пули ҳезум камтар аз худ пул илова карда, нимча[1] биринҷ, нимча гӯшту нимча равған, нимча пиёзу нимча сабзӣ харида, ба як вайрона даромада, ош пухтан гирифт.

Подшоҳи шаҳр шабона либоси дарвешӣ пӯшида, аз аҳволи шаҳр хабар гирифтанӣ шуд. Подшоҳ давр зада чанд ҳавлиро дид, ки ҳама „дод аз дасти бенонӣ" гӯён меноланд. Подшоҳ ба як гӯшаи шаҳр омад, ки дар вайронае як калак оши палав пухта истодааст. Подшоҳ гуфт:

---

[1] *Нимча*—як калок, чорсад грамм.

— Калҷон, ман мусофир ҳастам, мусофирро ҷой додан савоб аст, андак дар хонаат дам гирам, баъд ба роҳам меравам.

Кал розӣ шуд. Подшоҳ ба кулбаи ӯ даромад, ҳар ду ошро хӯрданд. Сонӣ подшоҳ аз кал пурсид:

— Калҷон, ҳама аз дасти бенонӣ доду фарьёд доранд, ту ин чизҳоро аз куҷо меёбӣ?

Кал гуфт:

— Эй мусофир, чӣ кор дорӣ, ангурро хӯру боғашро напурс.

Лекин подшоҳ боз ҳамин гапро пурсид. Кал гуфт, ки:

— Ман ҳезумфурӯш ҳастам, ин чизҳоро аз болои ҳунарам ёфтам.

Подшоҳ гуфт:

— Агар пагоҳ подшоҳ бозори ҳезумро манъ кунад, чӣ кор мекунӣ?

Кал ҷавоб дод, ки:

— Эй мусофир, парво накун:

Агар подшоҳ ақлашро гум кунад, ман оқил ҳастам, боз ягон фикри бечорагӣ мекунам. Аз ҳоло ғам хӯрдан аҳмақист.

Подшоҳ ба қасраш рафту саҳарӣ бозори ҳезумро манъ кард. Кал боз ҳезум овард, ки ясавулон ба бозор даромадан намонданд. Кал ба як замини алаф даромад, ду-се банд алаф гирифта, оварда фурӯхту боз нимча биринҷу нимча равған, нимча гӯшту нимча сабзию пиёз харида ба вайронааш омад, ош пухтан гирифт. Вақти намози шом боз подшоҳ бо либоси дарвешӣ пайдо шуду ошро бо ӯ хӯрд, баъд пурсид:

— Канӣ, калҷон, имрӯз пули ин ошро аз куҷо ёфтӣ?

Кал ҷавоб дод, ки:

— Гуфти ту шуд, имрӯз бозори ҳезум манъ будааст, алаф фурӯхтам.

Подшоҳ гуфт:

— Хайр, агар пагоҳ бозори алаф ҳам манъ шавад, баъд чӣ кор мекунӣ?

Кал гуфт:

— Эй парво накун, боз илочашро меёбем.

Подшоҳ рафту пагоҳӣ бозори алафро ҳам манъ кард.

Кал „акнун чӣ кор мекарда бошам?" гуфта рафта истода буд, ки аз пешаш як саг пӯсти ғоврo кашола карда гузашт. Кал кучукро бо санг заду пӯстро аз даҳанаш гирифта бурд, тар карда отанги ҷуфт сохт. Онро бозор бурда фурӯхт, боз нимча-нимча абзоли ош хариду ба хонааш бурда ош пухтан гирифт. Ош қариб пухта буд, ки мусофир боз омад. Ошро хӯрда буданд, ки боз мусофир ҳамон саволашро пурсид, кал отангсозии худро гуфт. Сонӣ мусофир гуфт:

— Хайр, имрӯз ҳам як навъе карда пули ошро ёфтай, лекин агар пагоҳ подшоҳ туро ясавул таъин кунад, рӯзи дароз дар таги дари вай қаравул истӣ, баъд ин нимча-нимчаро аз куҷо меёбӣ?

Кал гуфт:

— Эй мусофири шайтон, ту як гап дорӣ, чизе ки гуфта истодай, подшоҳ ҳамонро карда истодааст, хез, гум шав, ки дигар шумшаклатро набинам.

Подшоҳ рафту пагоҳӣ одам фиристода, калро оваронда, ясавул таъин кард, то бегоҳ нигоҳ дошт, баъд ҷавоб дод. Шаб подшоҳ либоси дарвешӣ пӯшида, ба хонаи кал омад, ки боз дегаш вақаррос ҷӯшида истодааст. Ошро хӯрданду подшоҳ аз кал пурсид:

— Канӣ, имрӯз нимча-нимчаро аз куҷо ёфтӣ?

Кал ҷавоб дод, ки:

— Подшоҳ маро ясавул таъин кард, ман шофро фурӯхтаму нимча-нимча харидам.

Подшоҳ гуфт:

— Агар пагоҳ подшоҳ фармон диҳаду ягон гунаҳгорро куштанӣ шавӣ, баъд чӣ кор мекунӣ?

Кал гуфт:

— Эй мусофири шумхабар, парво накун, то табар омадан кунда меосояд.

Мусофир рафт, кал пагоҳӣ ба ясавулӣ омад. Як замон подшоҳ ӯро чеғ зада, фармуд, ки сари фалон гунаҳгорро аз тан ҷудо кунад. Кал гунаҳ-

горро куштанӣ шуда шофро аз ғилоф кашид, ки шофаш чӯбин аст. Кал зуд ба подшоҳ таъзим карду гуфт:

— Эй подшоҳи олам, дар байни мардум гап ҳаст, ки агар одам бегуноҳ бошад, шофи ҷаллод чӯб мегардад. Ин мардак бегуноҳ будааст, шофи ман чӯб шуд.

Подшоҳ дид, ки ин калро мулзам карда намешавад, хандиду ӯро ҷавоб дод, ки аз паси кораш равад.

## АБДУРАҲМОНЧӮЛОҚ

Як подшоҳ буд. Як духтару як писар дошт. Вақте ки писар ба балоғат расид, чил шабонарӯз тӯй дода, ӯро зан дод. Аммо писар духтарро хуш накарда, сӣ рӯз назди вай надаромад. Подшоҳ аз ин кор хафа шуда, духтарашу вазирашро чеғ зада, маслиҳат пурсид:

— Барои чӣ ин писари мо пеши занаш намедароянд, чӣ кор кардан даркор?

Духтар ҷавоб дода, гуфт:

— Айби акаам не, айби занаш.

Дар ин гап қаҳри подшоҳ омада гуфт, ки:

— Ман пулу мол сарф карда, писарамро зан додаму ту ин келини маро ганда мегӯӣ! Канӣ, ман худи туро шӯй диҳам, ту чӣ хел зан мешуда бошӣ!

Баъд подшоҳ вазирро фармон дод, ки:

— Халқро ҷамъ кун, духтарро шӯй медиҳем!

Вазир халқро ҷамъ кард. Духтарро ба айвони болои дарвоза шинонданд, ба дасташ якта себ доданд. Мардум якта-якта аз таги дарвоза гузаштан гирифтанд. Духтарро гуфтанд, ки ҳар касро, ки хоҳад, бо ҳамин себ занад. Тамоми халқ аз таги дарвоза гузашт, духтар ҳеҷ касро назад.

Подшоҳ аз вазир пурсид, ки:

— Дар шаҳр ҳеҷ кас монд?

— Ба ғайр аз як бачаи чӯлоқ дигар ҳеҷ кас намондааст,—гуфт вазир.

— Чӯлоқро бардошта биёред!—фармон дод подшоҳ.

Чӯлоқро ба занбар андохта оварданд. Ҳамин ки ба таги дарвоза бурданд, духтар ӯро бо себ зад.

Подшоҳ сесад тангаро ба гӯшаи рӯймоли духтараш баст, бе тӯю тамошо ӯро ба хонаи чӯлоқ фиристод.

Абдураҳмончӯлоқ дар хонааш фақат як модари кампир дошт, ки ба вай нигоҳубин мекард.

Баъди ба хона омадан, як вақт Абдураҳмон гушна монда, хӯрок талаб кард. Кампир хеста, хӯрок доданӣ шуд, аммо духтар намонда гуфт, ки:

— Акнун соҳиби писаратон ман, шумо дам гирифта шинед, ман худам хӯрок пухта медиҳам. Хеста, хӯрок пухтӯ ба пеши шӯяш набурда, аз вай як митир[1] дуртар монд.

Кампири модараш талош карда гуфт, ки:

— Келин, ин хел накунед, ман ҳар рӯз хӯрокро ба даҳони писарам мерехтам, базӯр мехӯрд!

Духтар кампирро тасалло дода, берун баровард.

Абдураҳмон хӯрокро дида, боз зиёдтар гушна монд. Охир тоқат карда натониста, дилғечак-дилғечак[2] рафта гирифта хӯрд.

Рӯзи дигар духтар хӯрок пухта, як митир баланд овехт.

Кампир гирьяю нола кард, ки:

— Охир, писаракам чӯлоқ, келин, раҳм кунед, аз он ҷо гирифта хӯрда наметавонад.

— Уштур, агар гушна монад, гарданашро дароз мекунад,—гуфта келин кампирро берун баровард.

Абдураҳмон боз ҳам ҷудо гушна монда, ноилоҷ ба зону ковок шуда[3], хӯрокро гирифта хӯрд.

Рӯзи сейӯм духтар аз кифти шавҳараш гирифта, ба рӯи хона давр занонда, роҳ рафтанро ёд дод, рӯзи чорӯм асо ба дасти ӯ дода, аз хона берун баровард.

---

[1] *Митир*—метр.

[2] *Дилғечак-дилғечак*—хазида-хазида.

[3] *Ба зону ковок шудан*—ба сари зону нишастан (нимхез шудан).

Оҳиста-оҳиста чӯлоқ роҳ рафтанро ёд гирифт. Баъд аз ин духтар аз ҳамон сесад тангаи падараш додагӣ сад тангаашро ба шавҳараш дода, ба бозор фиристода гуфт:

— Пахтаю газвор биёред, кӯрпа медӯзем.

Мардак бозор рафт, ки як қаландар дӯст кашида, мегӯяд:

— Ҳар кас сад танга диҳад, ман як гап ёд медиҳам.

Абдураҳмон фикр кард, ки „ман бист сол боз чӯлоқ хобида, ягон гапи дуруст нашунидаам, ҳамин сад тангаро ба қаландар диҳам, шояд ягон гапи даркорӣ ёд диҳад". Пулро ба қаландар дод. Қаландар гуфт, ки:

— Ҳар корвоне, ки ба сӯи қалъа меравад, аз пеши роҳаш як қӯруқ мебарояд, ба қӯруқ нафаромада, ба чақили ҷорӯб[1] фарояд, як сир мебинад.

Абдураҳмон гашта ба хонааш рафт. Занаш пурсид, ки:

— Гуфтагиҳои маро овардӣ?

Абдураҳмон ҷавоб дод, ки:

— Не, пулро ба як қаландар додам, вай ба ман гап ёд дод.

Рӯзи дигар занаш боз сад танга дода, ба бозор фиристода, гуфт, ки:

— Хӯроквории харида биёр!

Абдураҳмон ба бозор рафт, ки ҳамон қаландар дар ҳамон ҷо дӯст кашида истодааст:

— Ҳар кас сад танга диҳад, ман гап ёд медиҳам.

Абдураҳмон фикр кард, ки „шояд ин дафъа ягон гапи нағз ёд диҳад". Ин сад тангаро ҳам ба вай дод. Қаландар гуфт:

— Ҳар корвоне, ки ба сӯи қалъа меравад, аз пеши роҳаш як кудуқ мебарояд. Одамҳо аз миёнашон ресмон баста, фуромада, бесар мебароянд. Касе, ки аз пояш ресмон баста фарояд, як сир мебинад.

---

[1] *Чақили ҷорӯб*—даште, ки дар он ҷо алафи ҷорӯб мерӯяд.

— Гапи дигар надоред-мй?—пурсид Абдурахмон.

— Не,—гуфт қаландар.

Абдурахмон хафа шуда, ба хонааш гашта омад. Занаш пурсид, ки:

— Барои чӣ бо дасти холӣ омадӣ?

— Пулро ба қаландар додам, қаландар ба ман гап ёд дод,—гуфта чавоб дод.

Зан ғурбаткунон боз сад тангаи дигар дод. Абдурахмон гирифта, ба сари бозор рафт, ки ҳамон қаландар дар ҳамон чояш истодааст у мегӯяд, ки:

— Ҳар кас сад танга диҳад, як гап ёд медиҳам.

Абдураҳмон фикр кард, ки „хайр, ҳамин сад тангаро ҳам диҳам, шояд ин дафъа ягон гапи фоиданок ёд диҳад".

Қаландар пулро гирифта гуфт, ки:

— Ҳар корвоне, ки ба сӯи қалъа меравад, ба шаҳр надаромада, аз шаҳр берун, дар лаби қабристон хоб равад, як сир мебинад.

Абдураҳмон хафаю ғамгин ба хонааш омада, ба занаш воқиаро гуфта дод. Занаш боз ғурбати бисьёре карда гуфт, ки:

—Набошад, рафта мардикорӣ кун, пул-мул ёфта биё, зиндагӣ кунем.

Абдураҳмон ба бозори мардикорҳо рафт. Як кас даҳ мардикор гирифта бурда, ба андоваи бом андохт. Абдураҳмон сатилро ба як тараф монда, кацоба катӣ лой кашондан гирифт, як кацоба лой катӣ як бомро андова карда мешуд. Соҳиби ҳавлӣ кори инро дида, дигар мардикоронро чавоб дод.

Абдураҳмон то бегоҳ тамоми бому девори ҳавлиро андова карда шуд. Музди кори ҳар мардикор дар як рӯз ду танга буд, соҳиби ҳавлӣ ба Абдураҳмон ҳаққи даҳ мардикор—бист танга карда дод.

Аз ин пас Абдураҳмон ҳар рӯз бист танга кор карда, Абдураҳмони бистангагӣ ном бардошт.

Рӯзе як сардори корвон Абдураҳмонро ба хизмати корвонаш гирифта бурд. Корвон ба сӯи қалъа сафар карда, ду моҳ роҳ гашта, ба пеши ҳамон

қӯруки қаландар гуфтагӣ расида, фуромад. Ҳамин вақт гапи қаландар ба ёди Абдураҳмон расиду ба қӯруқ нафаромада, ба чакили ҷорӯб рафта фуромад. Шаб хоб карда, пагоҳ хест, ки зилзила шуда, қӯруқ ба замин яксон шудааст.

Боз ду моҳи дигар роҳ гашта, ба пеши ҳамон қудуқи қаландар гуфтагӣ расид. Якчанд корвони дар гирди қудуқ ҷамъ омада, яктаашонро аз миёнаш арғамчин баста, ба дарун нишеб мекунанду гашта кашида мебароранд, ки танаш ҳасту сараш нест.

Абдураҳмон ин вокиаро дида, гуфт, ки:

—Арғамчиро ба пои ман бандед, ман сарнишеб мефароям, сатили обро ба арғамчин баста боло мекунам, шумоён кашед!

Гуфтаи ӯро карданд. Абдураҳмон ба таги қудук фаромад, ки як дев, як парӣ ва як баққа шиштаанд. Дев гуфт, ки:

—Бале, ҷавони боадаб, нағз кардӣ, ки ба сарат омадӣ? Дар ин ҷо ҳамин хел як парӣ истода, то ин вақт одамҳои беадаб бо пояшон меомаданд. Аз ин сабаб ман сари онҳоро мегирифтам. Ман медонам, ки ҳамроҳонат ташна мондаанду ту барои об фаромадӣ. Обро дода ба пеши моён биё, ин ҷо гап ҳаст.

Абдураҳмон чанд сатил об боло карда, баъд ба пеши дев рафта пурсид:

—Канӣ, чӣ гап?

Дев гуфт:

—Ман ҳамин париро аз паси кӯҳи Қоф овардаам. Ин баққа аз камари девор пайдо шуда, мегӯяд, ки „париро ман мегирам", ман мегӯям, ки „не, париро ман мегирам". Ҳамин хел се сол боз ҳамроҳи баққа ҷанҷол карда истодаем. Ту қозӣ шаву гӯй, ки париро ман гирам ё баққа.

Абдураҳмон гуфт, ки:

—Париро на ту мегирӣ, на баққа, ман мегирам!

Ин гапро шунида, дев даҳан накушоду баққа гуфт, ки:

—Ман се сол боз бо дев ҷанҷол карда истодаам, намемонам, ки париро ту гирӣ!

Абдураҳмон баққаро як шаппотӣ зад, баққа нақши девор шуда монд. Дев ин воқиаро дида, тарсида, фикр кард, ки „ман се сол боз баққаро ҳеч кор карда натавонистам, ин мардак як шаппотӣ зада кушт, ҷудо ҳам зўр будааст, ҳар чи ки хоҳад, иҷро мекунам“. Як даричаро кушод, дарунаш пур аз тангаю тилло буд. Ба Абдураҳмон гуфт:

— Чӣ қадар мехоҳӣ, бардор!

Абдураҳмон як ҷувол танга бардошт. Дев гуфт:

— Ман ба ту чӣ хизмат кунам?

— Ҳамин парию ҷуволи тангаро ба хонаи ман бурда деҳ!—гуфт Абдураҳмон. Ҷуволи тангаро ба пушти дев бор кард, париро ба болои ҷувол шинонда, худаш аз паҳлўи ў шишта гирифт.

Дев дар байни даҳ дақиқа чормоҳа роҳро тай карда, Абдураҳмонро ба хонааш расонд. Абдураҳмон ҷуволу париро дар хонааш монда, ба дев фармуд, ки:

— Маро гашта ба пеши шариконам бурда мон.

Абдураҳмон ҳамроҳи корвонакиҳо роҳи худро ба сўи қалъа давом дод. Ду моҳ роҳ гашта, ба наздики қабристоне расиданд, ки аз шаҳр берун буд.

Корвонакиҳо ба шаҳр даромада рафтанд. Абдураҳмон бошад, насиҳати қаландарро ба ёд оварда, дар як канори ҳамон қабристон фаромад, лекин хоб накард. Нисфишабӣ дар даруни як қабр чароғе пайдо шуд, рафта нигоҳ кард, ки ҳафта дузду як духтари нозанину тангаю тиллои бисьёре. Даромада, дуздҳоро куллук карда, гўшу бинниашонро бурид, нўги як кокули духтарро ҳам бурида гирифта, духтарро ҷавоб дода, рафта дар ҷои худаш хоб кард.

Пагоҳӣ аз хоб хеста, ба шаҳр даромад. Вайро дастгир карда пеши подшоҳ burданд. Подшоҳ гуфт, ки:

— Ту имшаб беруни шаҳр хоб карда будай, хазинаи маро ту задай, ман туро ба дор мекашам!

— Аввал пурсиш, сонӣ кушиш,—гуфта Абдураҳмон гўшу биннии দуздон ва нўги кокули духтарро бароварда, пеши подшоҳ партофт. Подшоҳ

то холо аз гум шудани духтараш бехабар буд. Қокулро дида, ларзону тозон ба хонааш рафта, аз занаш пурсид, ки:

— Духтарамон дар куҷо?

Занаш гуфт, ки:

—Касал шуда хоб рафтааст.

Подшоҳ кўрпаро бардошта дид, ки як нўги кокули духтар буридагӣ. Гашта омада, Абдураҳмонро гуфт, ки:

— Соҳибони гўшу биниро ёфта деҳ.

Абдураҳмон ду аспу ароба гирифта, ба қабристон рафта, ба як ароба ҳафт дузди куллук кардагиашро бор карда, ба аробаи дигар тангаю тилло бор карда, гирифта омад.

Подшоҳ дуздҳоро ба дор кашид, ба Абдураҳмон инъоми бисёр дода, ҷавоб дод. Абдураҳмон даҳ шутур харида, молу ашёю газвор харида, бор карда, ба шаҳраш омад.

Омада хонаашро наёфт. Ба ҷои хонааш иморатҳои баланди зебо пайдо шуда буд. Ҳайрон шуда, „ин ҳавлии мо набудааст" гуфта гашта рафта истода буд, ки модараш ҷег зада гуфт:

— Биё, писарам, ҳавлии худат, инро духтари подшоҳ андохт.

Даромада бо модарашу духтари подшоҳу парӣ ҳолпурсӣ кард.

Сонӣ духтари подшоҳ тамоми мардуми шаҳрашро ҷеғ зада, се шабонарўз зиёфат дод. Вай ба Абдураҳмон гуфт, ки:

— Баъди зиёфат подшоҳу вазирро нигоҳ дор.

— Духтар:—„Ассалом", гуфта аз хонаи дарун ба пеши падараш баромад. Ҳар ду якдигарро ба канор кашиданд. Подшоҳ пурсид, ки:

— Ту, духтарам, як чўлоқи бе дасту по қатӣ рафта будӣ, чӣ хел шуда ин ҷо омада мондӣ?

— Соҳиби ин ҳавлӣ ҳамон одами бе дасту по,—ҷавоб дод духтар,—вай одам сиҳат шуд, меҳнат кард, давлатманд шуд.

Подшоҳ ба ҳунармандию доноии духтараш қоил шуд, духтар бошад, гапашро маъқул карда, ба муроду мақсадаш расид.

## ТАЪБИРИ ХОБ

Як кас хоб мебинад: як чамани зебо, дар мобайни чаман иморатҳои хушрӯй, дар наздикии онҳо як арки подшоҳу вай дар он арк ҳамроҳи духтари подшоҳ бо кайфу сафо зиндагӣ карда гаштааст.

Пагоҳӣ аз хоб хеста, ба кӯча баромада, як касро дида мегӯяд, ки:

— Ҷӯра, ман ҳамин шаб як хоби аҷиб дидам: дар як ҷои зебо, иморатҳои зебои шипангнок, дар наздикии онҳо як арки подшоҳ. Ман дар ҳамон ҷо бо духтари подшоҳ зиндагӣ мекардаам. Хоби маро намехарӣ?

Ин одам таъбири хобро намедонист. Лекин як каси дигар гапи онҳоро гӯш карда истода буд, ӯ таъбири ин хобро медонист. Вай хобро ба маблағи бист танга харида гирифта, ба роҳ даромад.

Вақти намози шом ба як ҷо расид, ки дар он ҷо як чинор, дар таги чинор як дарвоза, дар назди дарвоза як каси аспсавор як аспи дигарро дошта истодааст. Ин одам гап назада, ба ҳамон асп савор шуд. Одами аспсавор:

— Хайр, рафтем!—гӯён ба роҳ даромад.

Вақте ки субҳ рӯшноӣ кард, ба як боғхонаи кӯҳнаи вайрона расида, фаромаданд. То аз асп фаромадан инҳо якдигарро намедонистанд. Ҳамон каси аспро дошта истодагӣ як духтари хушрӯй буд. Вай аз асп фуромада нигоҳ кард, ки ҳамроҳаш як ҷавони ношинос.

— Хайр, йигит, тақдири ман ба шумо будааст,— гӯён ба боғхонаи вайрона даромад.

Онҳо дар он хонаи вайрона нишаста буданд, ки аз ду бурҷи хона як мори сафеду як мори сиёҳ баромада, боз ба ҷояшон даромада рафтанд.

Духтар ба ҷавон гуфт, ки:

— Рафта хӯрокворию палосу анҷоми хона ёфта биёред.

Вай ҷавон:

— Ман ин ҷоро намедонам, хӯрокввориро аз куҷо ёбам!—гуфта пурсид.

Духтар ба вай гуфт, ки:

— Ҷои мори сафедро ковед!

Ҷавон ҷои мори сафедро кофт, ки аз он ҷо тилло баромад.

Духтар боз:

— Ҷои мори сиёҳро ковед,—гуфт.

Ҷои мори сиёҳро кофт, аз он ҷо нуқра баромад. Ҷавон аз ин тилло ва нуқра камтар гирифта, аспи самандро савор шуда, чашмашро пӯшида кушод, ки дар як шаҳре истодааст. Ба бозор рафта, хӯроквории, асбобу анҷом харида, аспро савор шуда, чашмашро пӯшида кушод, ки боз дар ҳамон ҷояш истодааст.

Онҳо камтар хӯрок хӯрда, хоб карданд. Пагоҳӣ аз хоб хестанд, ки дар як чаманзор, дар болои шипанг хобидаанд ва аз тарафи офтобнишин арки подшоҳ намоён аст.

Подшоҳ аз арк нигоҳ кард, ки дар тарафи офтоббаро як чаманзор пайдо шудааст, дар миёни чаман як шипанг, дар даруни шипанг як духтари хушрӯй нишастааст. Подшоҳ бисьёр ҳайрон шуда, вазирашро чеғ зада, ба чаманзор фиристод, ки воқеаро фаҳмида биёяд.

Вазир омада, ба подшоҳ чунин гуфт:

— Эй подшоҳи олам, як духтар, ки мислаш дар ҷаҳон нест, бо як ҷавон маишат карда нишастааст.

Подшоҳ гуфт, ки:

— Ту як роҳ ёфта, вай духтарро ба ман гирифта деҳ!

Вазир гуфт, ки:

— Ин кор осон аст. Мо ҳозир он чавонро ба арки подшоҳ чеғ мезанем. Шумо ба вай мегӯед, ки „як йигити ӯхдабарон кордон барин менамой, ба ту чил рӯз мӯҳлат, дар ин муддат ду дона гавҳар ёфта мебиёрӣ, ки ба ман бисьёр зарур".

Одам монда[1] ҷавонро оварданд.

Подшоҳ ба ҷавон гуфт, ки:

— Ту бисьёр ҷасур менамой, ба ман ду дона

---

[1] *Монда*—ба маънои фиристода.

гавҳар лозим шуд. Ба ту чил рӯз мӯҳлат, дар ҳамин мӯҳлат ёфта биёй, нағз, ёфта набиёй, саратро аз танат ҷудо мекунем.

Ҷавон ин супоришро гирифта, бисьёр хафаю ғамгин шуда, ба пеши занаш рафт. Занаш дид, ки шавҳараш хафа менамояд. Занаш вақти хӯрок пурсид:

— Шуморо чеғ зада подшоҳ чӣ гуфт? Барои чӣ шумо ин қадар хафа?

Ҷавон гуфт:

— Аҳволи маро напурс! Подшоҳ ба ман чил рӯз мӯҳлат дода гуфт, ки ду дона гавҳар ёфта биёрам. Агар набиёрам, сарамро аз танам ҷудо мекардааст.

Духтар гуфт:

— Парво накунед, кайфатонро чоқ карда, гаштан гиред.

Ҳамин тавр чил рӯз буд шуд.

Баъди сию нӯҳ рӯз духтар гуфт:

— Аспи самандро савор шуда, чашматонро пӯшеду баъд кушоед, ба як лаби ҳавз мерасед, ки атрофаш чаманзор. Аспро ба дарахт баста худро ба ҳавз партоед, дар таги ҳавз як дарича ҳаст, аз он медароед, ба тарафи чап нигоҳ мекунед. Дар он ҷо як осиё гавҳар бароварда истодааст. Мувофиқи табъатон гирифта, аз дарича бадаромада, ба асп савор шуда, чашматонро пӯшида кушоед.

Ҷавон ҳамаи ин корҳоро иҷро карда, гавҳарро гирифта овард. Вақте ки ҷавон гавҳарро ба подшоҳ оварда дод, подшоҳ бо вазири худ маслиҳат карду баъд ба вай гуфт, ки:

— Ту ҷои дигар нарафта, ин дута гавҳарро аз хазинаи мо дуздида овардай!

Ҷавон пурсид:

— Дар хазинаи шумо чандта гавҳар буд?

Подшоҳ гуфт, ки:

— Дута.

Ҷавон боз чилта гавҳари дигар бароварда партофт.

Подшоҳу вазир ҳайрон шуда, маслиҳат карданду подшоҳ гуфт:

— Мо шӯхӣ кардем, аммо ту дар ҳақиқат бисьёр ҷавони ӯҳдабаро будай. Падари ман ба он дуньё рафтагӣ. Ман ба ту мактуб карда медиҳам, рафта, ба падари ман дода, аз ҳолаш хабар гирифта биё.

Подшоҳ „аз тарафи фарзанди ба чашм дуру ба дил наздик ба падари азизам салом" гӯён мактуб навишта дод.

Ҷавон мактубро гирифта, бисьёр ғамгин шуда, ба хонааш омад. Занаш ин воқиаро шунида:

— Парво накунед,—гуфт.

Баъд аз чил рӯз зан когаз гирифта навишт: „аз тарафи ин дурафтода ба фарзанди азиз маълум шавад, ки мактубатро хонда чашми торикам равшан, дили ғамгинам хурсанд шуд, ман шабу рӯз чашм ба роҳи ту дорам, кай бошад, ки худат омада, аз аҳволам хабар гирӣ".

Ҷавон ин мактубро гирифта ба пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ хонда, пурсид:

— Бо кадом роҳ, чӣ хел карда ба он дуньё рафта омадан мумкин будааст?

Ҷавон гуфт:

— Роҳашро падаратон ба ман гуфта фиристоданд, агар пеши он кас рафтан хоҳед, аввал ба тамоми халқи мамлакататон чил рӯз тӯй диҳед, баъд панҷсад хар ҳезум, панҷсад калла кунҷора тайёр карда, ба монанди шишаи чароғ дарунаш холӣ манор созед. Номаълум ба болои манор мебароед, ман аз поён дуд сар медиҳам, ки чашми халқ ба шумо нарасад, як чашматонро, ки пӯшида кушодед, ба он дуньё ба пеши падаратон мерасед.

Подшоҳ ҷавонро чилрӯза ба ҷои худаш таъин карда, мӯҳру калидҳояшро ба вай доду гуфтаҳояшро иҷро карда, ба он дуньё, ба пеши падараш рафту дигар гашта наомад.

Ҷавон ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## ШОҲЗОДАИ МУЛКИ ХИТОЙ

Буд-набуд, як подшоҳбача буд дар мамлакати Хитой. Як шаб дар хобаш занеро дид, ҷингиламӯй, сияҳабрӯ, шаҳлочашм, сафедрӯй, хушқомат, дар таҳти чашми росташ як холи сиёҳ дорад. Пагоҳӣ хеста, тамоми шаҳрашро давр зада баромад, аммо ба монанди он зан касеро ёфта натавонист.

„Ҳу" гуфта баромада рафт. Ба мулки Ҳинду Афғон рафт, наёфт, ба мулки Арабу Эрон рафт, наёфт, аз он ҷо ба Мовароуннаҳр омад. Пештар ҳамин ҷойҳои моро Мовароуннаҳр мегуфтаанд. Подшоҳбачаи хитой ба як қишлоқ расида, як дарвозаро тақ-тақ кард. Ин ҳавлии як чӯпон будааст. Чӯпон баромада, ӯро ба хонааш гирифта даромад, чанд рӯз бо иззату икром меҳмондорӣ кард, ӯро хурсанд карданӣ шуд. Аммо меҳмон шод набуд. Торафт зиёдтар хафа мешуд.

— Пурсидан айб не,—гуфт як рӯз соҳиби хона,—барои чӣ шумо ин қадар хафа ҳастед? Чӣ аламе дар дил доред?

Подшоҳбачаи хитой оҳи бадард кашида гуфт:

— Як шаб дар хобам занеро дидам, ҷингиламӯй, сияҳабрӯ, шаҳлочашм, сафедрӯй, хушқомат, дар таҳти чашмаш як холи сиёҳ дорад. Ман баробари дидан ошиқи беқарори ҳамон зан шудаму ба ҷустуҷӯяш баромада, бисьёр мамлакатҳоро давр задам, вале дар ҳеҷ ҷо чунин занро пайдо накардам.

Чӯпон гуфт:

— Дӯсти азиз, хафа нашавед. Ба даргоҳи ман омадагӣ одам асло ноумед шуда намеравад. Ман давои дардатонро меёбам.—Чӯпон ҳамин гапро гуфта, ба хонааш даромада дид, ки занаш ба ҳамон зани меҳмонаш ошиқ шудагӣ тамоман монанд.

Ҳайрон шуда фикр карда истоду баъд ба занаш фармуд, ки базудӣ ош тайёр кунад. Гашта баромада, фурсате пеши подшоҳбача шишта, боз даромад, ки ҳанӯз ош тайёр нашудааст. Инро баҳона карда, занашро се талоқ карду се шабу се рӯз тӯй карда, ба меҳмонаш никоҳ карда дод.

Подшоҳбача хурсанду аз чӯпон сарфароз шуда, ба сӯи мамлакаташ равон гардид.

Зан ором нагирифта, ҳама вакт зор-зор чун абри навбаҳор гирья мекард.

Подшоҳбачаи хитой пурсид:

— Барои чӣ ту гирья мекунӣ? Магар ман ба ту маъқул нестам?

— Шумо-ку ба ман маъқул,—ҷавоб дод зан,— лекин ман шӯямро бисьёр дӯст медоштам. Акнун ман бе он кас чӣ кор мекунам!

Подшоҳбача ҳайрон шуда, боз пурсид:

— Шӯи ту кӣ буд?

— Ҳамон чӯпоне, ки тӯй карда, маро ба шумо дод. Подшоҳбача чанд шабу рӯз роҳ гашта ба мамлакаташ расид, тӯи калон кардч ба мардумон доду аммо ба занак наздик нашуд, ду хоҳараш буд, зани чӯпонро хоҳари сейумаш ҳисоб кард ва зан ҳамроҳи хоҳаронаш гаштан гирифт.

Чӯпон бошад, як моҳ тоқат кард, ду моҳ тоқат кард, охир тоқаташ тоқ шуда, ба фироқи занаш дилаш пора-пора шуда, баромада рафт. Рафт-рафт, ба мамлакати Хитой расид.

Посбонҳои мамлакат нигоҳ дошта пурсиданд, ки:

— Эй марди мусофир, аз куҷо омада истодаӣ, куҷо меравӣ?

Дар ҷавоб гуфт:

— Чӯпон будам, акнун марди ғарибам, зан гум кардаам, дар фироқи ӯ зору нолон гаштаам.

Посбонҳо ин хабарро ба подшоҳбача бурда расонданд. Подшоҳбача гуфт, ки:

— Агар чӯпон бошад, рама диҳед, боқӣ кунад.

Рама доданд, гирифта ба кӯҳ бурд, парвариш кард, чунон нағз парвариш кард, ки баъди чанд вақт рама се баробар зиёд шуд.

Хабар ба гӯши подшоҳ расид. Гуфт:

— Вай чӣ хел чӯпон будааст, гирифта биёед, як бинам.

Оварданд. Ҳамдигарро шинохтанд, хурсанд шуданд. Подшоҳбача тӯй ороста ба чӯпон гуфт:

— Ман хохарамро ба ту никох карда медихам. Шаби никох чӯпон даромада дид, ки зани худаш.

Зану шӯ даст ба гардани ҳамдигар андохта, аз хурсандӣ гирьяхо карданд.

Подшохбачаи хитой нихоро хеле мехмондорӣ карда, чанд шутур молу анчом дода, ба мамлакаташон гусел кард.

## БАХРОМУ БАХМАН

Буд-набуд, ду подшох буд. Яке Қушкорподшох, дуюмӣ Одилподшох ном дошт. Одилподшох ба як мамлакат подшохӣ мекард. Кушкорподшох ба хафт мамлакат.

Одилподшох Бахром ном писаре дошт ва як духтари сохибчамол. Қӯшқорподшох як писар дошту халос, номаш Бахман.

Рӯзе писари Қӯшқорподшох ба шикор баромад. Аз паи як охуи кӯхӣ пеш карда рафт, ки ногох чашмаш ба як чорбоғи оростае афтид. Дар ин рӯз духтари Одилподшох бо дугонахояш ба сайри чорбоғ баромада буд.

Писари подшох аз шикор бозгашта фикр кард: „агар падари ман хамин духтари Одилподшохро ба ман гирифта надихад, аз тарафи Одилподшох бо падарам чанг карда, тамоми мамлакатапіро торумор мекунам". Хеста ба пеши падараш рафт. Подшох ба писараш гуфт:

— Эй писари азиз, агар Одилподшох духтарашро надихад, ман ӯро на факат дар як рӯз, балки дар як соат нест у нобуд мекунам.

Баъд ба духтари Одилподшох кас фиристод. Ин рӯз писари Одилподшох—Бахром ба шикор баромада буд. Одилподшох ба элчихо чунин гуфт:

— Хозир писарам ин чо нест. То омадани вай сабр кардан даркор. Ман бе вай ин корро хал карда наметавонам.

Хостгорхо гашта рафта, гапхои Одилподшохро ба Қушқорподшох гуфтанд. Қӯшқорподшох дар ғазаб шуда гуфт:

— Вай подшоҳча чӣ ҳақ доштааст, ки ба гапи ман даррав розӣ намешудааст. Ин хел бошад, ҷои ҷангашро гӯяд!

Одамони подшоҳ ин гапро ба Одилподшоҳ расонданд. Дар худи ҳамин вақт Баҳром аз шикор гашта омада, пеши падараш даромада ҳолпурсӣ кард. Падараш воқиаро гуфта дод. Баҳром ба ғазаб омада, ба фиристодагони Қӯшқорподшоҳ чунин гуфт:

— Агар подшоҳ ҷангталаб бошад, ман тайёр. Ҷои ҷангам фалон ҷо.

Қӯшқорподшоҳ даррав лашкар ороста, ба ҷои ҷанг ҳозир шуд. Писари вай Баҳман ба зӯрии худаш бовар карда, гумон мекард, ки агар дунъё ҳалқа медошт, вазни дунъёро мебардошт. Вай ба лашкари падараш сардорӣ мекард.

Баҳром ҳам ба ҷанг тайёр шуда, аз падараш розигӣ талабид. Хоҳараш ба пеши вай омада гуфт:

— Акаҷон, ин ҷанг аз барои ман мешавад, ман мехоҳам ҳамроҳи шумо рафта, ба шумо нигоҳубин кунам, хӯрокҳои гарм пухта диҳам.

Акааш розӣ шуда, хоҳарашро ҳамроҳаш бурд. Ба лаби як чашма, ки ба ҷанггоҳ наздик буд, хоҳарашро монда, худаш ба ҷанг даромад.

Қӯшқорподшоҳ, ки мунтазири лашкари Одилподшоҳ буд, ҳайрон шуда пурсид:

— Барои чӣ ту танҳо омадӣ, лашкари Одилшоҳ куҷост?

Баҳром дар ҷавоб гуфт:

— Ман писари Одилшоҳам, ман бо лашкари шумо танҳо ҷанг мекунам!

Қӯшқорподшоҳ, назараш нагирифта, гуфт:

— Ту, ки як худат ҷанг кардан мехоҳӣ, биё, аввал бо писари ман Баҳман гӯштин гир. Агар вайро афтонӣ, қавл медиҳам, ки ҳамаи мамлакату лашкарам аз они ту.

Баъд аз он ин ду паҳлавони ҷасур ба гӯштин даромаданд. Баҳром ба Баҳман навбат дода чунин гуфт:

— Ҳунарат бошад, мана ман!

Баҳман бисьёр зӯрозмоӣ кард, лекин ба Баҳром магас барин ҳам таъсир карда натавонист.

Навбати Баҳром расид. Баҳром Баҳманро бардошта, чунон ҳаво дод, ки дар байни чангу хок ғоиб шуда рафт.

Қушқорподшоҳ писарашро ба ин аҳвол дида, фавран ба аскараш фармон дод, ки:

— Ҳуҷум кунед!

Баҳром зуд худро ба болои асп гирифта ба ҷанг даромад.

Ҳафт шабона, ҳафт рӯз ҷанг шуд. Баҳром чунон зад, ки танҳо подшоҳ ва чанд кас аз сарлашкаронаш гурехта халос шуданд.

Баҳром ҳам монда шуда, аз ҷанг бозгашт. Хоҳараш хӯрок тайёр карда ӯро мунтазир шуда, шишта буд. Акааш омада, фуромада, хӯрок хӯрда ҳафт шабона, ҳафт рӯз, ки хоб накарда буд, хоб рафт.

Хоҳараш либоси ҷангии акаашро пӯшида, ҷои ҷанги ӯро тамошо карданӣ шуда, ба ҷанггоҳ рафт. Дар он ҷо дар байни ҷасадҳои беҷон як касро дид, ки меҷунбид. Ин одам Баҳман, писари Қӯшқорподшоҳ буд. Ин духтар, раҳмаш омада, ба сӯи ӯ рафта, аз дасташ гирифта, кашида баровард. Бадани хунолуди ӯро шуста тоза кард. Ҳамроҳи худ гирифта оварда парвариш кард. Баҳман йигити хушрӯй буд, ба духтар маъқул шуд. Вай дили духтарро ёфта гуфт, ки:

— Агар хоҳӣ, ки мо ҳамроҳ зиндагӣ кунем, акаатро аз сари мо дур кун, ки вай ба ман қасддор асту агар маро бинад, нобуд мекунад.

— Ман чӣ кор кунам?—гуфта пурсид духтар.

Баҳман маслиҳат дод, ки худашро ба касалӣ андохта, акаашро барои оби ҳаёт фиристад.

Духтар худро ба касалӣ андохт. Акааш, ки ӯро ҷудо нағз медид, бисьёр ғамгин шуд. Духтар гуфт, ки:

— Ака, табибҳо мегӯянд, ки ба дарди ман оби ҳаёт дору будааст, агар оби ҳаёт набошад, ман аз ин дард ҳеҷ халосӣ намеёбам.

Баҳром бисьёр фикру андеша карда, барои

маслихат ба пеши падару модараш рафт. Падараш чунин гуфт:

— Дарди хохарат дар даруни сандук.

Духтар то ин вакт хушдорашро дар даруни сандук пинхон мекард. Вай медонист, ки падараш ба акааш чӣ мегӯяд, зуд чоҳ кофта, Баҳманро ба даруни чоҳ руст кард.

Бахром рафта дид, ки дар сандук хеч чиз нест. Гашта ба пеши модараш рафт.

Модараш гуфт:

— Бекор овора шуда ба ин роҳи пурхатар нарав, дарди хоҳари ту дар даруни чоҳ.

Хоҳараш Баҳманро аз чоҳ гирифта, боз ба сандук андохта монд.

Бахром омада, чохро кофта дид. Дар чоҳ ҳам чизе набуд. Баъди ин дигар фикру хаёл карда нашишта, либосхои чангию асбобхои чангии худро гирифта, чор солу ду моҳ роҳ гашта, ба як даште расид, ки дар он чо як кампир хезум чида мегашт. Кампир Бахромро дида, хушхол шуду ба хонааш ба мехмонӣ таклиф кард.

Бахром гуфт:

— Эй модари азиз, шумо маро саришта карда наметавонед, ман як шиштан катӣ хафт барраи бирьён мехӯрам, аспам сад кадок[1] мавизи кишмиш мехӯрад.

Кампир гуфт:

— Хотирчамъ бошед, ман аз ӯҳдаи хӯрок додани шумою аспатон мебароям.

Кампир Бахромро гирифта ба хонааш бурд. Баъд аз обу зиёфат, аз ӯ холпурсӣ карда гуфт:

— Эй пахлавонписар, аз кучо омада истодаед, майли кучо доред?

Бахром саргузашташро як-як гуфта дод.

Кампир гуфт:

— Як шарт дорам, агар хамин шарти маро бачо оред, ман ба шумо рохи оби хаётро мегӯям.

Бахром пурсид:

— Шартатон чист?

---

[1] *Як қадоқ—чорсад грамм.*

Кампир гуфт:

Як духтар дорам: сараш кал, гӯшаш кар, чашмаш кӯр, забонаш гунг, пойҳояш шал, агар ҳаминро ба занӣ гиред, ман мегӯям.

Баҳром фикру андеша карда, аз дилаш гузаронид, ки илоҷи дигар нест, агар ман розӣ нашавам, ин кампир роҳи оби ҳаётро ба ман намегӯяд, хоҳарам нобуд мешавад.

Баъд аз он кампир рафта, мулло ёфта овард, мулло никоҳ кард. Кампир Баҳромро ба пеши арӯсаш даровард. Дар хона духтаре шишта буд чунон хушрӯй, ки аз нури ҳуснаш хонаи торик равшан мешуд.

Баҳром ҳайрон шуда пурсид:

— Эй модар, зани ман куҷост?

Кампир он духтарро нишон дод. Баҳром боз ҳам зиёдтар ҳайрон шуда гуфт:

— Ин духтари гуфтагиатон не-ку!

Кампир гуфт:

— Духтари ман ҳамин, сирри вай гапамро баъди ҳашт сол гуфта медиҳам.

Баҳром аз он духтари нозанин чашм канда наметавонист, бисьёр хурсанд шуд.

Пагоҳӣ кампир ба Баҳром як чӯбдасту як кӯзача дода гуфт:

— Ба ҳамин тарафи офтоббаро нигоҳ карда рафтан гиред. Баъди ҳафтсад рӯзу ҳафт соату ҳафт дақиқа ба лаби як дарьёи калон мерасед. Дарьё чунон васеъ, ки вай канораш наменамояд. Ин чӯбро партоед, кӯпрук мешавад. Ҳамин ки гузаштед, ба шаҳри девҳо мерасед. Агар девҳо бедор бошанд, надаромада, дар ягон ҷо руст шуда шинед, агар хоб бошанд, натарсида, даромада рафтан гиред. Дар худи миёнаи шаҳр, дар таги кӯҳ як чашма ҳаст. Мана ин кӯзачаро пур карда, баъд гашта биёед.

Баҳром чӯбдасту кӯзаро гирифта рафт. Ҳафтсаду ҳафт шабонарӯз роҳ гашта, ба лаби дарьё расид. Чӯбро ба рӯи дарьё партофт. Кӯпрук шуд. Гузашта ба шаҳри девҳо омад. Дид, ки девҳо бедор. Аввал хост, ки руст шавад, баъд худ ба худ

гуфт, ки „ман як паҳлавони зӯр бошаму аз ҳамин девҳо тарсида, руст шавам, номам Баҳром не". Ҳамин хел гуфта рост даромада рафтан гирифт.

Девҳо ҳаёҳу бардошта, ба вай ҳуҷум карданд. Ҳафт шабу ҳафт рӯзи дигар ҷанг кард. Куштагиашро кушт, мондагиаш гурехта рафт. Баъд чашмаро ёфта, кӯзачаро пур карда гашта омад.

Кампир оби ҳаётро гирифта, ба духтараш дода гуфт, ки:

— Ин кӯзачаро руст карда мону ба ҷояш дар як кӯзачаи дигар об андохта деҳ!

Духтар гуфтаи модарашро кард.

Баҳром бо заиу хушдомонаш хайру хуш карда, обро гирифта, ба пеши хоҳараш омад.

Дар ин миён хоҳараш ду писар зоид, ки писари калониаш ҳафтсолаю писари хурдиаш чорсола шуда буд. Занак омадани акаашро шунида, ҳамон замон шавҳару писаронашро пинҳон кард, баъд акаашро пешвоз баромада, обро аз дасти вай гирифта хӯрду гуфт:

— Акаҷон, ман акнун сиҳат шудам.

Баҳром хотирҷамъ шуд. Азбаски ин қадар вақт дам нагирифта бисьёр монда шуда буд, ҳафт шабу ҳафт рӯз хоби паҳлавонӣ[1] рафт.

Ҳамин вақт Баҳман даромада омада, шофи Баҳромро аз паҳлуяш кашида гирифта, қулоч кашида ду тақсими баробар карда, ба ду табақаи дарвоза овезон карда монд.

Баҳром баробари расидани шоф, як наъра кашиду ҷон дод. Наъраи онро шунида, ҳар ду писари Баҳман тохта омаданду пурсиданд.

— Падар, ин одам кӣ буд, ки шумо ду тақсим карда, овехта мондед?

— Тағои шумо буд,—гуфт падарашон писханд зада,—мехост, ки маро, падари шуморо кушад, ман ӯро ба ҷазояш расондам.

Бачагон бисьёр афсӯс хӯрда, аз падарашон норозӣ шуда гуфтанд:

---

[1] *Хоби паҳлавонӣ*—баҳодурони афсонаҳои қаҳрамонӣ баъди ҳарбу зарбҳо муддати дароз хоб мераванд.

— Ин хел ки бошад, як сандуки тилло сохта, тагоимонро ба дарунаш андохта, ба аспашон бор карда фиристонед!

Падарашон ноилоҷ сандуки тилло сохта, мурдаи Баҳромро ба дарунаш андохта, қулф карда, ба асп бор карда ҳай кард.

Асп шабу рӯз дам нагирифта, роҳ гашта, ба манзили кампир омада расид. Кампир дарров сандукро аз асп фаровардa, мурдаи Баҳромро гирифта, ба духтараш гуфт, ки:

— Оби ҳаётро биёр!

Духтараш давон ҳамон кӯзачаи оби ҳаётро оварда дод. Кампир гирифта, ба сари мурда рехтан гирифт. Ногоҳ мурда атса зада хест, ба ин тараф, он тараф нигоҳ карду ҳайрон шуда гуфт:

Ачабо, ман пеши хоҳарам будам, чи хел шуда ин ҷо омада мондаам?

Кампир воқиаро гуфта дод.

Баҳром ба хушдоманаш бисьёрхо раҳмату ташаккур гуфта, баъд илтимос карда пурсид:

— Шумо гуфта будед, ки „баъди ҳашт сол сирри калию гунгӣ, карию кӯрию шалии духтарамро гуфта медиҳам", ин чӣ сир аст?

Кампир ба Баҳром гуфт:

— Сари ӯро ягон дасти бегона намолида буд, бинобар ин кал гуфтам, ягон гапи носазоро нагуфта буд, бинобар ин гунг гуфтам, ягон шахси бадро надида буд, бинобар ин кӯр гуфтам, ба ягон роҳи бад нарафта буд, аз ин сабаб шал гуфтам. Ҳамон рӯзе, ки ту таваллуд шудӣ, ин ҳам зоида шуд. Ман то ин рӯз амонатбон будам, амонати туро бонӣ мекардам. Мана акнун амонатат бе хиёнат ба дастат расид,—гӯё кампир як ғел зада кафтари[1] кабуд шуду парида рафт.

Инҳо, зану шӯ кӯчу борашонро бардошта ба мулки падари Баҳром раҳсипор шуданд.

Баҳман баъд аз Баҳромро куштан, Одилподшоҳро аз тахт фаровардa, худаш ба ҷои ӯ подшоҳ шуд. Падару модари Баҳромро ба таги дасти худ

---

[1] *Кафтар*—кабӯтар.

хизматгор карда гирифт. Онҳоро аз пагоҳ то бегоҳ кор мефармуд, бегоҳӣ ҳақораткунон як бурда нон медод. Аҳволашон бисьёр бад буд, пойлучу танбараҳна, харобу пажмурда шуда монданд.

Баҳром ба шаҳри падараш даромад, ки шаҳр тамоман вайрону хароб шудааст, ба ҷои тахти падараш як санги калон мондаасту халос.

Ногаҳон аз таги санг як дуди алав пайдо шуд. Баҳром ба таги санг нигоҳ кард, ки як ҷавон бо пӯшоки дарида алав карда шиштааст.

Баҳром пурсид:

— Эй ҷавон, агар об дошта бошӣ, ба ман як пиёла об деҳ!

Вай ҷавоб дод:

— Эй раҳгузар, овоз набароварда гузашта рав, ки агар Баҳманподшоҳ фаҳмад, ҳар дуямонро несту нобуд мекунад.

Баҳром гуфт, ки:

— Натарс, ин ҷо биё.

Ҷавон пештар омад. Баҳром пурсид, ки:

— Ту кистӣ, барои чӣ аз Баҳманподшоҳ ин қадар метарсӣ?

— Ман бачаи вазири Одилподшоҳ ҳастам, Одилподшоҳро як духтараш буд. Вай ба Баҳман гуфтагӣ писари Қӯшкорподшоҳ расид. Баҳман додари баҳодури духтарро бо ҳилла кушта, мамлакати падари духтарро вайрону хароб карда, ба халқи мамлакат бисьёр зулм карда истодааст.

Баҳром аз вай пурсид, ки:

— Ту Баҳромро мешиносӣ?

Вай гуфт:

— Албатта мешиносам, як ҷо калон шудем, як ҷо хондем, ҳамроҳ бозӣ мекардем, дар китфи росташ хол дошт.

Баҳром китфашро луч карда, холашро нишон дод. Писари вазир бисьёр хурсанд шуда, Баҳромро ба оғӯшаш кашид, якдигарро бӯсида ҳолпурсӣ карданд.

Баъд Баҳром гуфт:

— Ман занамро дар пеши ту мемонам. Ту ба ман ягон пӯшоки ҷанда ёфта деҳ.

Бахром пўшоки ҷандаро аз болои либоси ҷангиаш пўшида, каландармонанд шуда рафт. Ба як ҷое расид, ки як бобои мўйсафед дар лаби дарьё ҳезум чида гаштааст. Ба пеши вай расида, каландарҳо барин дўст кашид.

Мўйсафед гуфт:

— Эй ҷавонмард, ту гадоию каландарӣ карда нон ёфта мехўрӣ, ман бисьёр ранҷу озору азобу уқубат дида, аз қувват мондаам, мадори кор кардан надорам, ба як бурда нон мўҳтоҷам, аз ман чизе умедвор нашуда, ба роҳат рав.

Бахром истода пурсид:

— Эй падар, шуморо кӣ ин қадар азоб дод?

— Ман подшоҳи ҳамин мамлакат будам. Баҳром ном ту барин як писари хушрўи баҳодур доштам. Подшоҳи ҳозираи мамлакат Баҳман, ки номаш аз ҷаҳон гум шавад, ҳилла катӣ писари баҳодури маро кушта, мамлакатро аз дасти ман зада гирифта, маро ин хел хору зор кард.

Баҳром ин гапро шунида, дарун-дарун сўхту лекин худашро якбора фаҳмонданӣ нашуда гуфт:

— Шодӣ кунед, падар, писаратон Бахром зинда аст!

Мўйсафед, бовар накарда пурсид:

— Ту ўро аз куҷо медонӣ?

— Агар ҳозир биёяд, мешиносед?

Баҳром китфашро луч карда, холашро нишон дод. Ҳамин вақт модараш ҳам омада монд. Пиру кампир аз шодӣ беҳуш шуда ғалтиданд. Бахром ба рўяшон об зада, ба ҳуш овард. Баъд падару модарашро пеш-пеш карда, ба қасри Баҳман бурд.

Баҳман дид, ки чолу кампир бе ҳезум омада истодаанд, дўғ зада гуфт:

— Эй пирсагҳои беимон, барои чӣ ҳезум наовардед?

Бахром тоқат карда натавониста, аз гардани Баҳман гирифта, ба замин зад, ки пора-пора шуд.

Ба ҷои Баҳман як ҷиянашро подшоҳ кард, якташро вазир, худаш сарлашкар шуда, ба мурову мақсадаш расида, хушу хурсандона зиндагӣ карда гашт.

## ГУЛИ ҚОҚОПАРӢ

Буд-набуд, подшоҳе буд, ду вазир дошт. Номи як вазир Аҳмад, номи дигараш Ниёзсайёд буд. Ниёзсайёд вазири оқилу доно буд, подшоҳ ӯро бисьёр нагз медид. Аҳмад рашк бурда, ба Ниёзсайёд душман шуд.

Як рӯз Аҳмад Ниёзсайёдро ба меҳмонӣ чеғ зад. Ба занаш таъин кард, ки дар як тарафи табақи ош заҳр пошад. Вақте ки ошро оварданд, Аҳмад ҳамон лаби табакро ба тарафи Ниёзсайёд монд. Баъд занаш ба Аҳмад гуфт, ки:

— Як кас омадааст, шуморо чеғ зада истодааст, дарров хезед.

Аҳмад ба Ниёзсайёд гуфт, ки:

— Ман баромада хабар гирам, ту ошро хӯрдан гир.

Худаш аз хона баромад. Ниёзсайёд ду луқма ош хӯрда буд, ки ба замин ғалтид. Аҳмад ин ҳолро дида дарров ду одамро чеғ заду гуфт, ки:

— Ниёзсайёд ногаҳон касал шуд, ба хонаaш баред.

Ниёзро ба хонаaш бурда истода буданд, ки дар роҳ мурд. Ин хабарро ба подшоҳ бурданд, бо фармоиши подшоҳ Ниёзсайёдро бо шону шавкат гӯрониданд.

Баъд подшоҳ аз Аҳмад пурсид:

— Эй Аҳмад, Ниёзсайёд писар дорад ё не?

Аҳмад гуфт, ки:

— Ҳа, як писар дорад, номаш Муҳаммадӣ.

Подшоҳ Муҳаммадиро чеғ зад, ҳама дарборихояшро ҷамъ карда гуфт:

— Акнун писари Ниёзсайёдро ба ҷои худи Ниёзсайёд мебинед, вайро мисли падараш ҳурмат кунед. Аз ҳамин рӯз ба ӯ номи Ниёзсайёд—номи падарашро медиҳем.

Баъд аз ин, подшоҳ ба ин Ниёзсайёди хурдӣ хеле меҳрубонӣ кардан гирифт. Боз рашки Аҳмад омад, хост, ки як кор карда Ниёзсайёди хурдиро ҳам нест кунад.

Як рӯз Аҳмад ба подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳи олам, шумо ҳамин қадар подшоҳи бошавкату бошукӯҳ ҳастед, лекин дар хазинаи шумо фақат якта гавҳари шабчироғ ҳаст, ба шаъни шумо мезебад, ки чорта гавҳари шабчироғ дошта бошед.

Подшоҳ гуфт:

— Эй Аҳмад, ин гапат дуруст. Се гавҳари дигарро аз куҷо ёбем?

Вазир гуфт:

— Эй подшоҳ, ин корро ба Ниёзсайёд супоред, вай ҷояшро медонад, ёфта мебиёрад.

Подшоҳ Ниёзсайёдро ҷеғ зада ба ӯ фармуд, ки се дона гавҳари шабчироғ ёфта биёрад.

Ниёз омада ин гапи подшоҳро ба модараш гуфт. Модар ба андеша монду сонӣ гуфт:

— Писарам, бидон, ки ман аз ҷинси парӣ мебошам, ҷинси мо париҳо дар пушти кӯҳи Қоф зиндагӣ мекунанд. Гавҳари шабчироғ ҳам дар ҳамон ҷост. Ин ду тора мӯи манро гиру ба роҳ даро. Аз пешат як дарьёи калон мебарояд. Як тори мӯи маро як нӯгашро дар дастат нигоҳ дошта пуф кунӣ, дар рӯи дарьё кӯпрук мешавад. Аз дарьё, ки гузаштӣ, он тарафаш мулки париҳост. Як қишлоқ ҳаст, ба масҷиди қишлоқ даромада намоз мехонӣ. Париҳо ба ту гап намезананд, ту ҳам ба онҳо гап намезанӣ. Баъди намоз мулло имом баъди ҳама аз масҷид мебарояд. Ин мӯи маро ба муллоимом нишон медиҳӣ, матлабатро мегӯӣ. Муллоимом гавҳари шабчироғро ба ту ёфта медиҳад.

Бача гапҳои модарашро ба гӯш гирифту ба роҳ баромад. Баъди чанд гоҳ вақти намози дигар ба қишлоқи париҳо расид. Мӯи модарашро ба муллоимом доду мақсадашро гуфт. Вақте ки бача бо муллоимом гап мезад, париҳо ҳама ба гирди вай ҷамъ шуданд, ки:

— Одами хокӣ омадааст, одами хокиро тамошо кунед.

Муллоимом ба қавмаш гуфт, ки:

— Ин бача ҳам аз ҷинси худамон будааст.

Баъд муллоимом ба чанд парӣ фармуд:

— Ҳамин шаб даҳ дона гавҳари шабчироғ ёфта

ба ин бача медиҳед, сонӣ ӯро бардошта ба пеши модараш бурда мемонед!

Париҳо гавҳарро ёфта доланду худи ҳамон шаб ӯро ба хонааш оварда монданд.

Ниёзсайёд як гавҳарро ба рӯи ҳавлӣ монду худаш ба хона даромада хоб кард. Аҳмади вазир нисфи шаб ба ҳавлии онҳо нигоҳ кард, ки як гавҳар ҳама ҷоро равшан карда истодааст. Фаҳмид, ки Ниёзсайёд гавҳари шабчироғ овардааст.

Аҳмад ба хазинаи подшоҳ рафта, хазинабонро фиреб дода, гавҳари шабчироғи подшоҳро дуздид. Пагоҳӣ ба назди подшоҳ омада гуфт:

— Эй подшоҳи ман, имшаб Ниёзсайёд аз хазина гавҳари шабчироғи туро дуздидааст.

Подшоҳро қаҳраш омад, зуд Ниёзсайёдро ҷеғ зад. Ниёзсайёд омада буд, ки подшоҳ гуфт:

— Ин чӣ номаъқулӣ, ки аз хазинаи ман гавҳар медуздӣ?

Ниёзсайёд гуфт:

— Агар шумо дар хазина як дона гавҳари шабчироғ дошта бошед, ман даҳ дона гавҳар овардам.

Баъд Ниёзсайёд даҳ гавҳари шабчироғро ба подшоҳ дод.

Аҳмад дид, ки обрӯю эътибори Ниёзсайёд боз баландтар шуд, подшоҳ вайро аз пештара ҳам бисьёртар нағз мебинад. Як рӯз Аҳмад як ҳилаи дигар андешид. Вай ба пеши подшоҳ омаду гуфт:

— Таксир, шумо подшоҳи олам ҳастед. Гули Қоқопарӣ духтари подшоҳи Балх муносиби шумост. Ниёзсайёд ба шумо ҳамин қадар хизмат кард, боз як хизмат кунад. Фармоед, Гули Қоқопариро ба шумо биёрад.

Подшоҳ розӣ шуд, Ниёзсайёдро ҷеғ зада, овардани Гули Қоқопариро фармуд:

Ниёз ин гапро ба модараш гуфт. Модар оҳе кашиду гуфт, ки:

— Ин кор кори Аҳмад, вай туро ба мурдан фиристода истодааст.

Баъд модар ба бача гуфт:

— Писарам, ҳозир бозор меравӣ. Ба бозор як одам медарояд, ки дар як дасташ як аспи сафед,

дар дасти дигараш як аспи сиёҳ дорад. Нархи аспҳоро мепурсӣ, як бор мепурсӣ, соҳибаш ғурбат мекунад, ду бор мепурсӣ, ғурбат мекунад, бори сеюм, ки пурсидӣ, нархи аспҳоро мегӯяд. Чанд пул, ки гӯяд, розӣ мешавӣ; ба хона мебиёрӣ, ман пулашро медиҳам.

Бача бозор рафт, ҳамон аспфурӯшро ёфта бо аспҳояш ба хонаашон овард. Модар аспҳоро харид, баъд ба Ниёзсайёд роҳи Балхро ёд дода, гуфт:

— Ин аспи сафедро савор шавӣ, парвоз карда ба осмон мебарояд, аспи сиёҳро савор шавӣ, туро ба замин мефурорад. Ба лаби як дарьёи калон мефароӣ. Ин дарьё рафта қурудум[1] мешавад. Роҳи шаҳри Балх аз даруни ҳамон дарьё мегузарад. Он тарафи роҳро ман намедонам, он ҷониб ихтиёр ба худат роҳро худат меёбӣ.

Ниёзсайёд аспи сафедро савор шуда, чунон парвоз кард, ки замин аз чашмаш ғоиб шуд. Баъд ба аспи сиёҳ савор шуда буд, ки ба лаби як дарьёи калону ба канори як найзор фуромад. Аспҳоро кишан зад, абзолашро[2] ба як ҷо руст кард. Аз найҳо бурида, як сабад бофт. Сабадро ба дарьё андохту ба дарунаш савор шуд. Дар рӯи об рафтан гирифт.

Ин дарьё рафта-рафта ба кафи дасти як малак медаромадааст. Як замон сабади Ниёз ҳам ба кафи малак даромад. Малак дид, ки даруни сабад як бача нишастааст. Бачаро дида, димоғаш чоқ, табъаш хуш шуд. Малак гуфт:

— Эй бача, куҷо меравӣ?

Ниёзсайёд гуфт:

— Маро зулми подшоҳ овора кард, подшоҳ ба Балх фиристод, ки Гули Қоқопариро биёрам.

Малак гуфт:

— Эй бача, ман ба ту ёрӣ медиҳам. Лекин як худо гӯй, ман омин гӯям, як малаки дигар омада ба ҷои ман истад, ман бо ту рафта, муроди туро ҳосил мекунам.

Бача худо ғуфт, малаки об омин гуфт, як ма-

---

[1] *Қурудум шудан*—хушк шудан.
[2] *Абзол*—афзол.



Сохтмони мақбараи Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд.



Намуди у



и дехаи Панчрӯд.



Дехаи Кулолӣ.

лаки дигар ҳозир шуду ба ҷои вай истод. Бача бо малаки об ба тарафи шаҳри Балх рафтан гирифт. Дукаса рафта истода буданд, ки аз пешашон боз як малак баромад, ки даштро зада теппа мекунад, теппаро зада дашт мекунад. Ин малак аз онҳо ҳол пурсид, бача матлабашро гуфт. Малаки дашт гуфт, ки:

— Эй бародарҳо, ҳар дуятон як худо гӯетон, ман омин мегӯям, як малак омада ба ҷои ман истад, ман ҳам бо шумоён раваму муроди ин бачаро ҳосил кунем.

Дукаса худо гуфтанд, малаки дашт омин гуфт, як малаки дигар ҳозир шуду ба ҷои малаки дашт истод. Онҳо се кас шуда рафтан гирифтанд. Ин ду малакро ғайр аз Ниёзсайёд ҳеҷ кас дида наметавонист.

Онҳо ба шаҳри Балх даромаданд. Дар лаби як ҷӯй кампире либос мешуст. Ниёз аз кампир илтимос кард:

— Эй модар, ман мусофир ҳастам, ҳамин шаб маро ҷой деҳ.

Кампир қабул кард. Бача ба хонаи кампир даромада нишаст. Бегоҳӣ дар шаҳр ғавғое хест, бачаҳои бисьёре шӯру ғавғо бардоштанд. Бача аз кампир пурсид:

— Эй модар, ин чӣ магал?

Кампир гуфт:

— Бачем, берун набаро. Гули Қоқопарӣ рузона дар рӯяш парда дорад, шаб пардаро аз рӯ мегирад, ҳама ҷо рӯшной мешавад, бачаҳо дар рӯшноии шаб, ба бом баромада, бозӣ мекунанд.

Аз нисфи шаб гузашта буд, ки бача аз хоб хеста, таги қӯрғони подшоҳ рафт. Малакҳо бачаро бардошта даруни қӯрғон монданд. Бача ба қаср даромада дид, ки Гули Қоқопарӣ дар хонае хоб кардааст, дар гирдаш чил аскари подшоҳ ҳам хобидааст. Ниёз нӯг-нӯги пой пеши духтар рафту оҳиста нигиниро аз дасти духтар гирифта ба ангушти худ андохт, нигини худро ба ангушти духтар гузаронд. Баъд Ниёз ба хонаи кампир омаду хоб кард.

Шаби дуюм бача боз ба пеши Гули Қоқопарӣ рафта нигини Қоқопариро гирифту нигини худро ба дасти Қоқопарӣ гузаронд.

Ин ҳодиса, ки ду бор такрор шуд, Гули Қоқопарӣ шаби сеюм хоб накарду худро ба хоб андохт. Ниёзсайёд боз омада нигинро алиш карданӣ шуда буд, ки духтар аз дасташ маҳкам гирифт. Духтар гуфт:

— Дар ин ҷо одам пой монад, пояш месӯзад, мурғе пар занад, болаш месӯзад. Чӣ мӯъчиза шуд, ки ту ин ҷо омадӣ? Ту аз ҷинси одамӣ ё парӣ?

Бача гуфт:

— Ман аз ҷинси одам ҳастам, бо пои худ омадам, поям насӯхт.

Гули Қоқопарӣ гуфт:

— Магар ту Ниёзсайёд бошӣ, дигар одам ин ҷоҳо омада наметавонад.

Бача гуфт:

— Ман Ниёзсайёд ҳастам, барои ту омадам.

Духтар хандиду гуфт:

— Эй ҷавон, кори хуб накардай. Агар падарам фаҳмад, ҳам маро мекушад, ҳам туро пора-пора мекунад. Имшаб ин ҷо хоб кун, пагоҳ ман туро пеши падарам мебарам, дигар илоҷ нест.

Пагоҳӣ духтар бачаро пеши падараш бурд. Подшоҳ кори Ниёзсайёдро шунида дарғазаб шуд, фармуд, ки бачаро сар аз тан ҷудо кунанд, ҷасадашро чор пора карда, дар чор дарвозаи шаҳр овезанд.

Вазири подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳ, инро кушта чӣ мебинӣ? Коре кардан даркор, ки азоб кашида, худаш мурад.

Подшоҳ ба Ниёзсайёд гуфт:

— Ту барои духтари ман омадай, лекин духтари маро гирифтан осон нест. Ман се шарт дорам, агар иҷро кунӣ, Гули Қоқопарӣ аз они ту мешавад. Шарти якӯм ҳамин, ки чил таноб заминро бо як кӯза об тар кун. Шарти дуюм ин ки ҳашт ман оҳанро бо як путки оҳанӣ чунон зан, ки майда шавад. Шарти сеюм ин, ки мо чил сарҷин хезумро ба як чуқурӣ андохта оташ мезанем,

туро ба болои оташ мепартоем, агар зинда монӣ, духтарамро мегирӣ.

Ниёз ин шартҳоро қабул кард. Ӯро ба ичрои шарти якӯм бурданд. Малаки об омаду аз як кӯза чил таноб заминро об зада таги об мононд. Баъд Ниёзро ба ичрои шарти дуйӯм бурданд. Малаки дашт омаду ҳашт ман оҳанро бо пӯтки оҳанӣ чунон зад, ки гард-гард шуд. Сонӣ чил кӯба ҳезумро ба як чуқурӣ андохта алов карда, бачаро ба даруяаш партофтанд. Малаки об боз омада, об заду оташро кушт, бача ба фароғат хоб кард.

Рӯзи дигар одамони подшоҳ омада диданд, ки бача зинда. Ҳама ҳайрон шуданд. Подшоҳ бачаро чеғ заду ба вазир гуфт:

— Эй вазир, ба халқ эълон кун, ки тақдири Қоқопарӣ ба ҳамин бача будааст, тӯй мекунем.

Ҳафт шабу ҳафт рӯз тӯй карданд, тамошо доданд. Тӯй тамом шуда буд, ки Қоқопарӣ ба падараш гуфт:

— Эй падар, акнун моро ҷавоб деҳ, ба ватани шӯям меравем.

Подшоҳ гуфт:

— Духтарам, рӯзе, ки туро тӯй кардам, ман ҷавобатро дода будам, ҳар ҷо ки шӯят мехоҳад, рав.

Ниёзсайёду Гули Қоқопарӣ ба сӯи ватан роҳи шуданд. Малаки дашт онҳоро аз дашт гузаронда хайрухӯш кард. Малаки об аз дарьё гузаронда видоъ гуфт. Ниёз дид, ки аспҳояш дар лаби дарьё саҳат-саломат чарида гаштаанд. Дукаса аспи сафедро савор шуда, ба осмон баромаданд, замин аз чашмашон ғоиб шуд. Баъд аспи сиёҳро савор шуданд, ба миёнаҷои ҳавлии модар оварда фуровард.

Модар бедор шуда писарашро бисьёрҳо бӯсид, хурсанд шуд.

Аҳмади вазир ҳар шаб омада аз ҳавлии Ниёзсайёд хабар мегирифт. Имшаб омада дид, ки аз ҳавлӣ нур мебарояд, ҳама атрофро равшан мекунад. Фаҳмид, ки Ниёзсайёд Гули Қоқопариро овардааст. Аҳмад давида пеши подшоҳ рафту гуфт:

— Эй подшоҳ, Ниёзсайёд Гули Қоқопариро овардааст, лекин ба шумо надода, ба хонаи ху-

даш бурдааст, ин кор ба шаъни шумо ҳақорат аст, ҳаққи ин бача куштан аст.

Подшоҳ рафта дид, ки Гули Коқопарӣ дар хонаи Ниёзсайёд хоб аст. Аҳмад гуфт:

— Ана, дидед? Агар худатон намедидед, маро дурӯғгӯ мегуфтед.

Подшоҳ гуфт:

— Эй Аҳмад, пагоҳ ҳама халқро ҷамъ кун, ман Ниёзсайёдро ба дор мекашам.

Рӯзи дигар Аҳмад ҳамаро хабар дод, хурду калон, зану мард ҷамъ шуданд, ҳама ғамгин буданд, ки одами хуб нобуд мешавад.

Подшоҳ рӯ ба халқи олам оварда гуфт:

— Эй мардум, ман ба шумо се даҳан гап дорам, ин се суханам як маъно дорад. Ман аз шумо мепурсам, ки ду гулро аз якдигар ҷудо кардан хуб аст ё нохуб?

Ҳама халқ ба подшоҳ ҷавоб доданд, ки:

— Нохуб аст.

Фақат Аҳмад гуфт, ки:

— Не, хуб аст.

Подшоҳ ҳамин саволро се бор такрор кард, се бор ҳам халқ гуфт, ки нохуб аст, аммо Аҳмад гуфт, ки хуб аст.

Сонӣ подшоҳ ба халқ гуфт:

— Эй халқ, дидед, Аҳмад гапи нодуруст мегӯяд. Аҳмад чанд вақт боз ба ман гапи нодуруст гуфта, Ниёзсайёдро бад мекард. Душмани ман Аҳмад будааст, Ниёзсайёд дӯсти ман будааст. Акнун тамошо кунед, одами бадкорро ба дор мекашем.

Баъд подшоҳ фармуд Аҳмадро ба дор кашиданд.

Халқ, хурсанд шуда мегуфт, ки:

— Чоҳкандаро чоҳ дар пеш, Аҳмад чоҳ канду худаш ба чоҳ ғалтид.

Подшоҳ ба вазири нав гуфт:

Акнун ба халқ эълон кун, ки аз ҳафтсола то ҳафтодсола ҳама ҷамъ шаванд, се рӯз тӯй дода, Гули Коқопариро ба Ниёзсайёд аз рӯи расми худамон никоҳ мекунем.

Се рӯз тӯю тамошо карданд. Ниёзсайёд Гули Қоқопариро ба никоҳаш даровардаю ба муроду мақсадаш расид.

## МАДДОҲИ МАККОР

Як вақтҳо дар Бухоро як маддоҳ буд. Маддоҳ овози хубе дошт, ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа дар пеши масҷиди ҷомеъ давра гирифта ваъз мегуфт. Ба давраи маддоҳии ӯ одами бисьёре ҷамъ мешуд.

Як рӯз маддоҳ ваъзашро тамом карда аз мардум пул ҷамъ карду гуфт:

— Эй бародарҳо, бо қудрати худо ба ман аҷоиботе рӯй додааст. Ҳар қадоматон як чиз-як чиз ба ман диҳед, ман он аҷоиботро нишон медиҳам.

Мардум ба умеди дидани аҷоибот боз ба маддоҳ пул доданд. Маддоҳ пули бисьёре ҷамъ карда буд, ки ба халқ рӯ оварда гуфт:

— Эй бародарҳо, имрӯз бевақт шуд, ҳозир хости парвардигор ин аст, ки он аҷоиботро ба шумо нишон надиҳам. Агар ҷумъаи оянда боз ҷамъ шавед, мӯъҷизае мебинед.

Маддоҳ ин тавр гуфта аз давра баромада рафт. Мардум ҳам „ин маддоҳи падарлаънат моро фиреб дод" гӯён пароканда шуданд. Аммо ду-се кас аз ин кори маддоҳ дар ғазаб шудаанду байни худ маслиҳат карданд, ки:

— Ин ҳаромиро як соз кардан даркор аст, то як доштаназанем, ҳисобамон бо ӯ баробар намешавад.

Онҳо аз паси маддоҳ рафтан гирифтанд. Маддоҳ дар яке аз мадрасаҳои Бухоро зиндагӣ мекардааст. Ба мадраса омаду дегро ба оташдон монд ва ба тараддуди палавпазӣ шуд. Як замон он тамошобинон омада, ба ҳуҷраи маддоҳ зада даромаданд. Маддоҳ фаҳмид, ки ин одамҳо ягон ният доранд, дарҳол онҳоро ба болои кӯрпача таклиф кард:

— Хуш омаданд, меҳмонҳои азиз, аз ин тараф гузаранд. Айни вақташ омадетон, ҳозир ош тайёр мешавад, то ош як пиёла чой хӯрда шинетон,— гӯён маддоҳ ба онҳо чой дароз кард.

„Меҳмонон" диданд, ки ош кариб тайёр аст, ба якдигар чашмак зада маслиҳат карданд, ки аввал ошро хӯрда, баъд маддоҳро соз кардан лозим аст. Онҳо нишастанд, маддоҳ чой кашида додан гирифт. Сонӣ маддоҳ як ҳикоя сар кард:

— Вактҳое ки ҷавон будам,—гуфт маддоҳ,— овози ман бисьёр нагзу форам буд. Ҳар ҳафта як рӯз дар зери арки амир ваъз мегуфтам, ба маъракаи ваъзам ҳама халқи Бухоро ҷамъ мешуданд. Рӯзе дар вакти ваъз чашмам ба як даричаи арк афтод, ки нозанине аз он ҷо сарашро бароварда, суханҳои маро гӯш мекунад. Духтарро дидаму диламро аз даст додам. Баъд аз ин ҳар рӯз як бор ваъз мегуфтагӣ шудам. Ман, ки ваъз сар кардам, духтар ҳам аз дарича сар мебаровард, дуздида-дуздида ҳусну ҷамолашро тамошо мекардам. Лекин рафта-рафта оташи ишқ дилу ҷонамро бекарор кардан гирифт. Оқибат шабе, пас аз нисфи шаб, ба таги арк омада, хеле вакт гирди он гаштам ва чашми одамони миршабро хато карда, ба сад машаккат худро аз девори арк ба даруи гирифтам. Дидам, ки ҳама хонаҳои арк торику як хона чироғон. Аз тиреза нигоҳ кардам, ки дар даруни хона чил духтар хобидааст. Ба худ гуфтам, ки „муроди дили ман, албатта, дар ҳамин хона аст". Ба хона даромадам, ки духтарҳо яке аз дигаре хушрӯйтар. Фикр мекардам, ки „оё он нозанине, ки маро ба кӯи бебокӣ андохт, кадоми инҳо бошад?"

Дурусттар нигоҳ кардам, ки он нозанин дар миёна хобидааст ва дар болои сараш шамъдоне истодааст, ки дар он чил шамъи кофурӣ месӯзад. Хостам ба назди ӯ равам, ногаҳ поям ба як духтар расид, духтарак бедор шуда фарьёд кард, ҳама ба по хестанд ва ғавғо бардоштанд, ки „эй вой, дузд омадааст, дуздро гиред!"

Маддоҳ ҳикояро ба ин ҷо расонда, қарсак зада, дод гуфтан гирифт, ки:

— Ой мардум, ёрӣ диҳед, хонаам сӯхт, дуздро доред?!

Муллобачаҳое, ки дар саҳни мадраса буданд,

ин фарьёдро шунида, ба хучраи маддоҳ давида омаданд. Маддоҳ „меҳмонон"-ашро ба муллобачаҳо нишон дода гуфт, ки:

— Ана инҳо дузданд, занед инҳоро!

Муллобачаҳо ба „меҳмонон" часпиданду онҳоро зада-зада аз мадраса баровардаанд. Бечора „меҳмонон" ба зӯр гиребони худро аз дасти муллобачаҳо халос карда гурехтанд.

Маддоҳ аз ҳилаи худ ва ёрии муллобачаҳо хурсанд шуда, дар деги калоне палав пухту муллобачаҳоро зиёфат кард.

## ИЛМИ ПАНҶБЕД

Буд-набуд, будгор буд,
Замин набуд, шудгор буд,
Як калли арзанкор буд,
Ба хӯрдан вай тайёр буд.
Калламуш шӯй буд,
Мушхола зам буд,
Гурба дойразан буд.
Хӯрдани курут,
Тофтани бурут.
Як коса дӯғ буд,
Нисфаш дурӯғ буд.
Як дарахти хазон буд.

Як сӯфии[1] ришкалон буд, рӯзе аз рӯзҳо ба хонаи як ҳамсояаш меҳмонӣ рафт, он ҳамсояаш як духтаре дошт ҳуснаш расо. Чӣ шуду дили сӯфӣ ба он духтар рафт.

Ба хонааш омада, раиси гузарашро чеғ зада овард, як барраи фарбеҳро кушт, зиёфат кард. Баъд гуфт, ки:

— Ман аз шумо боз зиёфат қарздор, ҳамин духтари ҳамсояро тири ишқаш ба дилам задааст, вайро ҳам дилаш ба ман хаст, илтимос ҳамин, ки шумо осақолӣ[2] кунед.

Раиси гузар гуфт, ки:

— Шумо шастсола, духтар шонздаҳсола, падару модараш қабул мекунанд-мӣ?

[1] *Сӯфӣ*—муаззин.
[2] *Осақолӣ*—оқсаккоӣ, ба маънои хостгорӣ.

— Ман молу давлатамро дарег намедорам, як илоҷ карда қабул кунонед!

Раис рафт. Ба падари духтар молу пули зиёде ваъда дода, охир қабул кунонид. Духтар—духтари доно буд, гуфт:

— Ман ҳам қабул мекунам, лекин ба як шарт: сӯфӣ ба Бухорои Шариф раванд, мадрасае ҳаст, ки илми панҷбед дарс медиҳанд, дар ҳамон мадраса хонда, илми панҷбедро ёд гирифта биёянд.

Сӯфӣ тӯша кард, ба кӯлвор[1] андохт, сафари Бухоро пеш гирифт, чандин рӯз роҳ рафта, ба шаҳри Бухоро расид. Монда шуда, дар лаби як ҷӯйбор дам гирифта, аз кӯлвораш нон гирифта, ба об тар карда, хӯрда ништа буд, ки ду-се занак пайдо шуд. Занҳо ба назди вай расида, гуфтанд, ки;

— Эй бобо, йӯл бӯлсун?[2]

Гуфт, ки:

— Ба сари мо як коре ғалтидааст, аз паи ҳамон кор омадем.

— Чӣ кор будааст, бобо?

Як духтари шонздаҳсоларо гирифтаниам, духтар ба пешам шарт монд, ки илми панҷбедро ёд гирифта биёям. Дар шаҳри Бухоро мадрасае будааст, ки илми панҷбед дарс медодаанд.

Яке аз занҳо гуфт:

— Бобо, беҳуда овора шуда кофта нагардед, ман дар он мадраса хондаам ва илми панҷбедро медонам, биёед ба хонаи мо, ман ин илмро ба шумо таълим медиҳам.

Сӯфӣ хеста аз паси он зан равон шуд. Ба як тангкӯча даромаданд, ба назди як дарвозаи калон расиданд. Занак гуфт, ки:

— Бобо, ҳавлии мо ҳамин аст, ҳозир медароем, агар ба муродатон расиданӣ бошед, ҳар чӣ, ки ман мегӯям, не намегӯед.

Сӯфӣ:—Хуб,—гуфта аз паси зан даромад. Зан ба як хона дароварда шинонд. Баъд баромада, як кампирро ҳамроҳаш оварда гуфт:

---

[1] *Кулвор*—саноч.

[2] *Йӯл бӯлсун*—сухани ӯзбекӣ, ба маънои аз
ми куҷо доред, куҷо меравед?

— Бобо, исми шарифатон чист?

— Исмам Маҳмадкарим.

— Ин кас модари ӯгаи ман, исмашон Бибишарифа, ба занӣ қабулашон кунед!

Сӯфӣ, ки хуб гуфта, ваъда дода буд, ноилоҷ қабул кард. Ҳамин вақт чор йигити паҳлавонсурат, чор навдаи бедро ба даст гирифта даромаданд.

— Инҳо писарони ман, — гуфт зан, — акнун ба шумо набера шуданд.

Шаб шуд, кампиру сӯфиро монда рафтанд. Пагоҳ рӯз шуд. Омада диданд, ки сӯфӣ аз кампир ҷудо хобидааст.

Зан пурсид, ки:

— Бобо, ба чӣ сабаб ин хел кардед?

Гуфт, ки:

— Модари шумо кампир, дилам накашид.

Зан шиддат карда гуфт:

— Охир, ту худат мӯйсафедию аз кампир рамидаӣ, духтари шонздаҳсолаāро чӣ тавр дилаш туро кашад?!

Овози занро шунида, чор йигит химча дар даст даромада омаданд. Модарашон ҳам як химча гирифт. Панҷ кас шуда, бо химчаҳои бед чунон заданд, ки аз тамоми аъзои бадани ӯ хун равон шуд. Дод гуфта қасам ёд кард, ки:

— Ман минбаъд ба духтари ҷавон даҳан намезанам.

— Ана, илми панҷбедаш ҳамин, — гуфта, задазада аз дарвоза берун карданд. Сӯфӣ лабу лунҷ овезон, гирьёну нолон ба ватанаш омад. Кӯча ба кӯча:

— Сазои сари пири шастсола, ки ихтиёри духтари шонздаҳсола кунад! — гуфта ба хонааш рафт.

## ЗАНИ ПОК

Буд-набуд, марде буд, ки одами бисьёр ҳалол буд. Ин мард як зани соҳибҷамол дошт, ки хеле оқилаву зуррок[1] буд. Зану шӯй бисьёр дӯст буданд ва нағз зиндагӣ мекарданд.

---

[1] *Зуррок* — зирак.

Мард савдогарӣ мекард. Як вақт хост, ки ба мамлакати Хитой ба савдогарӣ равад. Вай аз хешу табор фақат як додар дошт ва зани соҳибҷамолашро ба ӯ супурда гуфт:

— Ман ба мулки Хитой меравам, занамро ба ту месупораму туро ба худо. То омадани ман ҳамчун фарзанди падарам ӯро нигоҳубин кун.

Савдогар баромада рафт.

Як рӯз додаршӯ ба ҳавлии дарун нигоҳ кард, ки зани бародараш дар сари танӯр сар шуста истодааст. Чашмаш ба занак афтоду дилаш ҷиғғос зада рафт, тири ишқашро хӯрд. Баъд занакро ба пеши худ ҷег заду гуфт:

— Аз сарат гардам, ман ошиқи ту шудаам, як илоҷ кун.

Зан ҳайрон шуду сухан сар кард, ки:

— Оё ту аз ғазаби худо наметарсӣ, ки ҳамин гапро мегӯӣ? Аз халқу халоиқ шарм надорӣ, ки ба ман даҳан мезанӣ?

Додаршӯ гуфт, ки:

— Эй соҳибҷамол, дам ғанимат аст, биё, бо ман ошноӣ кун.

Зан гуфт:

— Охир, бародарат биёяд, чӣ мегӯӣ?

Ҳамин хел мобайни занак ва додаршӯ бисьёр талош шуд, додаршӯ бисьёр зорӣ кард, зан ҳеч қабул намекард. Охир мардак дар ғазаб шуд, гуфт, ки:

— Агар ба гапам надароӣ, туро ба тӯҳмати сахт гирифтор мекунам, баъд аз ман гила накун!

Зан тан ба тақдир доду гуфт, ки:

— Ҳар чӣ аз дастат ояд, кардан гир, ман аз ту наметарсам!

Додаршӯ пагоҳи барвақт хеста, ба пеши подшоҳ рафту арз кард, ки:

— Эй подшоҳи олам, ман як бародар дорам, бародарам ба савдогарӣ рафту занашро ба ман амонат супурд. Ин занак бисьёр фоҳишаи ноинсоф будааст, хонаи маро тағи по кардааст, ҳар шаб чанд кас ба сараш меояд. Ман аз ҷонам безор шудам, маро аз дасти ин занак халос кунед!

Подшоҳ гуфт, ки:

— Ба ин гапат ду шоҳид даркор.

Додаршӯй давида рафта, ду шоҳидро ба зарби пул харид. Подшоҳ занак ва ин шоҳидҳоро оварда пурсид, шоҳидон гуфтанд, ки:

— Гапи ин мард дуруст: ҳар шаб аҳвол ҳамин аст, ба хонаи зан одам меояд!

Подшоҳ хукм баровард, ки занро сангсор кардан лозим аст.

Бо хукми подшоҳ дар миёначои бозор занакро то зону ба замин гӯрониданд. Ҷарчии подшоҳ ҷар андохт, ки: „амри подшоҳ воҷиб аст, ҳар кас ин занро яксангӣ зада гузарад! Халқи бозор ҷамъ шуда, ҳар кадомаш ба сари зан санг партофтан гирифт. Занак дар таги санг гӯр шуд. Охир бозор тамом шуд, халқ рафтанд, занак дар таги санг монд.

Вақти мурғчеғзан буд, ки як раҳгузар аз бозор гузашта, шунид, ки аз таги сангтӯда овози нола омада истодааст. Раҳгузар сангҳоро бардошту занакро гирифта ба хонааш бурд, ба занаш гуфт, ки „ҳамин бандаи худоро барои савоб бонӣ кун". Соҳибони хона занаки ҷафодидаро нигоҳубин карданд, дорую даво карданд, баъди чанд вақт ҷароҳати занак сиҳат шуд.

Соҳиби хона ғуломе дошт. Ҳамин ғулом рӯзе зани соҳибҷамолро дид ва ба ӯ ошиқ шуд. Ғулом ба зан гуфт, ки:

— Ман аз дилу ҷон ошиқ шудаам, ҳоҷатамро раво кун, биё, ба ман рас.

Занак дар қаҳр шуда ҷавоб дод, ки:

— Эй бешарм, магар ақлатро хӯрдаӣ, ки ин тавр мегӯӣ? Додаршӯям ба ман бисьёр дуньёҳо ваъда кард, ман ба вай нарасидам, охир ҳамин қадар сангсорро диданму аз қавлам нагаштам, акнун ба ту мерасам-мӣ?

Ғулом бисьёр тавалло кард, дид, ки намешавад, дӯғро пеш гирифту гуфт, ки:

— Ман туро ба тӯҳмати сахт гирифтор мекунам, наметарсӣ?

Занак боз тан ба тақдир доду ҷавоб гардонд, ки:

— Не, наметарсам: ҳар чӣ шавад, аз тақдирам медонам.

Охир ки нашуд, ғулом шабона ба ҳавлии дарун даромада ба сари гаҳвораи бачаи соҳиби хона омад. Вай сари бачаро бурида, ба таги кӯрпаи зани савдогар бурда монд.

Соҳиби хона ҳамин як бача дошт. Бачааш ҳар шаб ду-се бор бедор шуда, сина мемакид, ин шаб ҳеҷ бедор нашуд. Модари бача қариби саҳар хесту гӯгирд зада нигоҳ кард, ки гаҳвора ғарқи хун. Модари бечора гиръяву нола бардошт ва шавҳарашро бедор кард. Онҳо дукаса каллаи бачаро кофтанд, охир аз таги кӯрпаи занак ёфтанд.

Соҳиби хона марди баинсоф буд. Вай ба занак гуфт, ки:

— Эй духтарам, ту одами бегуноҳ ҳастӣ, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки фарзанди ягонаи маро ту накуштаӣ. Лекин бо вуҷуди ин, ту аз хонаи ман рав. Агар ин ҷо бошӣ, ҳар бор ки занам туро дид, оташи дилаш боло мегирад, аламаш тоза мешавад. Бинобар ин аз ин ҷо рафтани ту беҳтар аст.

Баъд занаки сарсахт либоси мардона пӯшида ба аспе савор шуду аз ин шаҳр баромада рафт. Занак хеле роҳ рафта ба як ҷӯли бегиёҳ расид. Дар ин ҷӯл чилта дузд милтиқҳоро калла ба калла монда нишаста буданд. Занак, ки соҳибҷамол буд, дуздон зан будани ӯро зуд фаҳмидандуи пеши роҳашро гирифтанд.

Як замон дар байни дуздон маҳшаре барпо шуд. Онҳо гала шуда дар талош афтоданд ва ҳар кадомаш мегуфт, ки ин занро ман мегирам. Занак дид, ки дуздон ҳама аҳмақ менамоянд, ҳила пеш гирифта гуфт:

— Эй бародарҳо, шумо чил кас, ман як кас. Дар шариат як тан ба як тан раво. Шумо, ки ҳамаатон талабгори ман шудед, ман як шарт дорам: ҳамаатон ба ду санг раҳ рафта, баробар аспҳоро пойгаҳ монед, ҳар кас, ки ба ин ҷо аз ҳама пеш омада расад, ман аз они вай мешавам.

Дуздҳо ба иҷрои шарт давиданд. Занак аспаш-

ро савор шуда, ба тарафи дигар гурехт. Дуздҳо пойгаҳ монда гашта омаданд, ки пай ҳасту ҳайдар нест.

Занак бисьёр манзил тай карда, ба як шаҳр даромад. Вай дар сараш кулоҳ пӯшида, худашро қаландар сохта, чанд вақт дар ин шаҳр хӯрокашро ёфта гашт. Охир дид, ки бекор гаштан нағз нест, илми табибиро хонда, табиби забардаст шуд. Дар ҳамон шаҳр хонаву ҳавлӣ харид, ҳар кас касал шавад, даво мекард.

Шӯяш аз сафари Хитой баргашта, ба шаҳри худаш омад. Вай омада буд, додараш гуфт, ки:

— Эй бародар, зани ту бадгашти ганда будааст, ҳар шаб як кас ба сараш омада, хонаву ҳавлиамро зери по карданд. Баъд одамони подшоҳ дошта бурданд, сангсор карданд.

Додари савдогар ин гапро гуфта буд, ки ҳамон замон пес шуд.

Савдогар додарашро ба ҳаким нишон доданӣ шуд. Вай шунид, ки дар фалон шаҳр як табиби калон ҳаст, ки ҳама дардро даво мекунад. Баъд савдогар додарашро ба ҳамон шаҳр овард. Онҳо дар ҳавлии занаки табиб фаромаданд.

Савдогар ба табиб арз кард, ки:

Додари ман нохост пес шуда монд, ҳаминро ғайр аз шумо ҳеҷ кас даво карда наметавонад.

Занак бисьёр фикр карду охир фармуд, ки:

— Ҳолӣ навбати шумо нест, ҳозир шумоҳо дар он хона рафта шинетон, ҳар вақт ки навбататон расид, худам ҷеғ мезанам.

Як рӯз он шоҳидҳо ҳам ба ҳавлии занаки табиб даромада омаданд. Ҳар дуяшон ҳам маъиб будаанд, якеро як дасташ ва дигареро ҳар ду пояш шал шудааст.

Зан ҳар дуи инҳоро ба як хонаи дигар ҷудо монд.

Баъди чанд рӯзи дигар ҳамон ғуломе, ки сари бачаро бурида буд, омада монд. Вай ҳам касал будааст: як рӯз пагоҳӣ аз хоб хеста хамьёза ка-

шидаасту колингаш[1] аз ҷояш баромадааст, даҳонаш каҷ шудааст.

Зан ғуломро дар як хонаи дигар танҳо ҷо дод.

Баъд занаки табиб савдогарро бо додараш ҷеғ зада гуфт:

— Акнун навбати шумоҳо омад. Ман додари шуморо нағз табобат мекунам. Лекин ман як одат дорам: касал дар дунъё чӣ гуноҳе карда бошад, аввал ба гуноҳаш иқрор шавад, баъд табобат мекунам. Агар гуноҳашро худаш нагӯяд, дорую давои ман кор намекунад.

Додаршӯяш баъди фикру андеша охир маҷбур шуда, дар пеши савдогар гуфт:

— Ман дигар гуноҳҳоямро намедонам, лекин ҳамин гуноҳамро медонам, ки додарам занашро ба ман амонат монда рафта буд, ман ба занак ошиқ шудам, ҳар чанд кардам, занак сар нафуровард, охир тӯҳмат карда, ба подшоҳ арз карда, сангсор кунондам.

— Хайр,—гуфт занак,—рафта, дар ҳамон хона истед, баъд табобат мекунам.

Сонӣ занак дар пеши шӯяш он ду шоҳидро оварда, онҳоро ҳам ба гуноҳашон иқрор кунонд. Баъд вай ғуломро ҷеғ зада, гуноҳи ӯро ҳам ба гарданаш монд.

Баъд занак ҳамаи онҳоро табобат кардан гирифт. Касалҳо сиҳат шуда буданд, ки ҳамаашонро дар як хона ҷамъ карда шавҳарашро ҳам ҷеғ зад. Дар пеши ҳамаашон чодирро аз сараш бардошт. Хама дар ҷояшон шах шуда монданд.

Савдогар аз ҷояш ҷаста хесту ба тарафи додараш теғ кашид, занак фарьёд кард, ки „ҳай-ҳай, агар як мӯи бародаратро кам кунӣ, ман ба ту зан нестам!" Охир вай шӯяшро аз хашм фуроварда, розӣ кунонд, ки гуноҳи ҳама гунаҳгоронро бахшад.

Сонӣ зану шӯ ба шаҳри худ рафта осуда зиндагӣ кардан гирифтанд.

---

[1] *Колинг*—виголек, чог.

## АҲМАДУ ЮСУФ

Як подшоҳи зулмгар буд. Деҳқонҳоро бисьёр зулм мекард, аз дасти ин подшоҳ хама дар азоб буданд.

Як шаб вай хоб дид, ки офтобу моҳ фаромада, мамлакаташро чунон рӯшан[1] кардаанд, ки чашмаш ба ин рӯшноӣ тоб оварда натавониста, кӯр шудааст.

Подшоҳ донишмандони мамлакатро ҷамъ карда, таъбири хобашро пурсидааст. Ҳеҷ кас гуфта натавонистааст. Ҳамаашонро ҳукми куш кардааст.

Як камбағал омада мегӯяд, ки:

— Эй подшоҳ, инҳоро накушед, ман таъбири хобатонро мегӯям?

— Хуб, гӯй!—амр мекунад подшоҳ.

— Таъбири хоби шумо ҳамин, ки ду бачча таваллуд мешавад, ин бачаҳо калон шуда, тахту бахтатонро аз дастатон кашида мегиранд.

Подшоҳ як кампири ҷодугарро оваронда, мефармояд, ки тамоми занҳои дуҷонро рӯйхат карда биёрад.

Рӯйхатро гирифта ба дасти ҷаллодҳо дода гуфт:

— Бохабар бошед, кадоме аз ин занҳо, ки писар зояд, даррав сар зада, нест кунед!

Дар як ҳавлӣ Фотимаю Зӯҳро гуфтагӣ ду хоҳар ҳомиладор буданду лекин ин сирро аз мардум пинҳон медоштанд. Нӯҳ моҳу нӯҳ соат тамом шудан баъд, як шаб чашмашон равшан шуд. Бачаҳоро ба як марди камбағал доданду гуфтанд, ки:

— Бурда ба ягон ҷои дур партофта биё, набошад, подшоҳ хабардор шуда мекушад. Агар умрашон боқӣ бошад, ягон восита катӣ зинда мемонанд. Мо ба бадали ин хизматат ба ту пул медиҳем.

Камбағал бачаҳоро гирифта бурд. Бурда, ба як ғор монда омад. Дар он ғор як оҳу зиндагӣ мекард. Ӯро ба бачаҳо раҳмаш омаду шир дод.

---

[1] *Рушан*—равшан.

Бачаҳо калон шуданд. Поёни ғор саҳрои васеъ буд. Бачаҳо ба саҳро фаромада, ҷӯ канда, об оварданд, иморат андохтанд, гирду атрофашонро боғу боғзор карданд. Баъд як эълоне часпонданд: „Ҳар кас, ки ба манзили мо омада, зиндагӣ кардан хоҳад, марҳамат кунад, вай аз ҳама боҷу хироҷ озод".

Эълонро мардум шунида, якта-якта кӯчида омадан гирифтанд. Аҳолии ин ҷо дар байни се сол ба ҳазор хонавода расид.

Ин хабар ба гӯши подшоҳи хоб дидагӣ расид. Подшоҳ дар қаҳр шуда, вазиронашро чеғ зада маслиҳат пурсид. Як вазир хеста гуфт:

— Подшоҳи он шаҳр Аҳмаду Юсуф гуфтагӣ паҳлавонҳо будаанд. Ба онҳо зӯри ҳеҷ лашкар намерасад. Ягон роҳи фиреб катӣ дастгир карда, гирифтан даркор.

Боз як вазири дигар хеста гуфт:

— Аҳмаду Юсуфро ман ба шумо баста медиҳам, подшоҳи муаззам!

Вазир ба шаҳри Аҳмаду Юсуф равон шуд. Омада ба хизмати онҳо даромад. Чанд вақт нағз хизмат карда, маъқул шуд. Аҳмаду Юсуф ба гапи вай гӯш мекардагӣ шуданд. Як рӯз вай ба онҳо маслиҳат дода гуфт:

— Шумо аз ҳамин шаҳрчаатон берун ҳеҷ ҷоро надидаед. Дар дунъё бисьёр ҷойҳои зебо ҳаст. Рафта тамошо кунед, баҳри дилатон кушода мешавад.

Ба Аҳмаду Юсуф гапи вазир писанд омад. Аспҳоро ороста, савор шуда, баромада рафтанд.

Вазир дарҳол ба пеши подшоҳаш одам фиристода гуфт, ки дар фалон ҷо лашкарашро ҷамъ карда, пинҳон шуда истад.

Вай Аҳмаду Юсуфро ба ҳамон тараф раҳнамоӣ кард. Рафта истода буданд, ки баногоҳ як лашкари калон аз пеш баромада ҳуҷум кард. Аз чор тараф садҳо банд ба сарашон рехт. Ҳар чанд карданд, халос шуда натавонистанд.

Подшоҳ Аҳмаду Юсуфро ба зиндон андохт ва ҳамон вазирро ба ҷои онҳо подшоҳ таъин кард.

Подшоҳи нав зани Юсуфро гирифтанӣ шуда, одам монд. Зан қабул накард.

Зани Аҳмад—Гулъузор якта мурғи забондон дошт. Зан ба мурғ якта коғаз навишта дода гуфт, ки:

— Эй мурғи забондон, рафта бин, ки шавҳарҳои мо мурдаанд ё зинда, агар зинда бошанд, ин хатро як илоҷ карда ба дасташон расон.

Мурғ парида омада, ба болои зиндони подшоҳ фаромад. Зиндонбон милтиқро гирифта, тӯғрӣ кард. Мурғ гуфт:

— Эй марди нек, ту маро напарон, зиндонро кушо, ман аз ҳоли зиндониён як хабар гирам.

— Эй мурғи забондон, агар ман зиндонро кушоям, подшоҳ маро мекушад.

— Оҳиста, номаълум карда кушо, кори савоб мекунӣ. Ҷоят ҷаннат мешавад.

Зиндонбон ин гапҳоро шунида, зиндонро кушод. Мурғ дид, ки Аҳмаду Юсуф зинда, коғазро партофт. Юсуф коғазро гирифта, ба пушташ навишт, ки занаш чил рӯз мӯҳлат гирад.

Мурғ коғазро оварда дод. Зани Юсуф гирифта хонд, ки ҳар дуяшон зинда будаанд. Хурсанд шуд. Баъд ба подшоҳ одам монда гуфт:

— Шавҳарам мурдааст. Ман азо гирифтаам. Чил рӯз азодорӣ мекунам, баъд ихтиёрам ба дасти подшоҳ.

Як кам чил рӯз гузашта буд, ки зиндонбон зиндонро кушод. Аҳмаду Юсуф, оҳиста баромада, ба сӯи мамлакаташон равон шуданд. Дар роҳ либосҳои ҷӯгиёна ёфта пӯшиданд. Рӯзи чилӯм ба шаҳрашон расиданд. Диданд, ки одами бисьёр улоғ[1] тохта истодаанд. Аз як бача пурсиданд, ки:

— Чӣ гап?

Бача гуфт:

— Имрӯз подшоҳ тӯй карда, модари маро гирифта истодааст.

— Ту кистӣ?

---

[1] *Улоғ*—бузкашӣ, кӯпкорӣ.

— Ман як сағирам бепадар, писари соҳиби ин шаҳр Юсуфпаҳлавон мешавам.

Юсуфу Аҳмад бачаро навозиш карда, гуфтанд, ки:

— Ту ҳамин чизу чораи моро нигоҳ карда ист, мо ба улоғ медароем, ҳар чи ки гирифтем, ба ту оварда медиҳем.

Бача ҳайрон шуда:—„Хайр"—гуфт.

Аҳмаду Юсуфпаҳлавон ба улоғ қатӣ шуданд, аз дасти онҳо ҳеҷ кас буз гирифта наметавонист.

Подшоҳ дид, ки ду ҷӯгибача тамоми улоғро гирифта истодаанд, бисьёр қаҳраш омаду гуфт:

— Лаънат бар мардуми ин шаҳр, ки аз кадом гӯр ду ҷӯгибача пайдо шуда, тамоми улоғро гираду ҳеҷ кас аз дасти онҳо зада гирифта натавонад.

Улоғро хобонд. Ҳама ба хонаҳои худ рафтанд. „Ҷӯгибачаҳо" ба таги дарвозаи қасри подшоҳ омаданд, иҷозати даромадан пурсиданд. Посбон гуфт:

— Аҷаб одамҳои беақл будаед, ҳозир подшоҳ дар айни ҳафтмевахӯрию, ҳамаро монда, арзи шуморо мешунавад-мӣ?

Инҳо дарвозаро шикаста даромаданд. Подшоҳ ҳуҷум карда омад. Зада куштанд. Аскарони подшоҳ теғ кашида, омаданд. Зани Юсуф шинохта, эълон кард, ҷангро бас кунанд. Ҷанг бас шуд.

Юсуфпаҳлавон аз дигар тӯю томошо дода, занашро никоҳ карда гирифт.

Ҳамин хел ҳақ ба ҳақдор қарор гирифт. Кори кас ҳеҷ ба дасти золим наафтад.

## ПИСАРИ ХОРКАШ

Буд-набуд, як бобои хоркаш буд. Аз хорфурӯшӣ зиндагиаш намегузашт, рӯзе писарашро ба моҳигирӣ фиристод. Бача рӯзи дароз шаст партофта нишаст, лекин моҳие гирифта натавонист, бегоҳӣ ногоҳ як моҳӣ ба шаст афтод. Бача гирифта дид, ки моҳӣ майдекаки дӯструяк будааст.

Нигоҳ кард, нигоҳ карду дилаш нашуд, ки ҳамин махлуқи беозори хушрӯякро аз умри ҷавонӣ маҳрум кунад. Бача моҳиро боз ба дарьё партофт.

Ҳамин вақт хоркаш бо занаш ба лаби дарьё омад, ки писараш шаст партофта нишастааст. Бобо пурсид, ки:

— Писарам, чанд моҳӣ гирифтӣ?

Бача воқиаи шудагиро гуфта дод. Хоркаш бисьёр дарғазаб шуд. Онҳо он рӯз чизи хӯрданӣ надоштанд, ба умеди моҳигирии фарзандашон нишаста буданд.

Охир бобои хоркаш ба занаш гуфт:

— Ин хел писар ба мо чӣ даркор? Ман аз баҳри вай гузаштам, сар кам-дарди сар кам, биё, ӯро ба дарьё мепартоем.

Падари золим аз ду пои бача гирифту ба занаш фармуд, ки аз ду дасти ӯ гирад. Баъд „ту ҳам пеши ҳамон моҳӣ рав" гуфта бачаро ба дарьё партофтанд.

Бача оббурриро[1] нағз медонист, шино карда ба он тарафи дарьё гузашт. Дар лаби дарьё гирья карда нишаста буд, ки як бача пайдо шуд ва аз ӯ пурсид:

— Ҷӯра, ба чӣ азоб мондӣ, ки ин ҷо гирья карда шиштаӣ? Писари хоркаш воқиаро як-як гуфта дод. Бачаи раҳгузар ӯро тасалло дод, ки:

— Ҷӯра, ғам нахӯр, дукаса зиндагӣ карда мегардем, аҳд мекунем, ки аз ҳамин рӯз чизе, ки ёфтем, ду тақсим карда, ҳар ду ба ҳам мебинем.

Ҳар ду ёр шудаанду ба як тараф нигоҳ карда рафтан гирифтанд. Аз пешашон як ағба баромад. Болои ағба баромада нигоҳ карданд, ки он тарафи ағба қишлоқу ободӣ менамояд. Ободиро дида хурсанд шуданду ба ҷониби қишлоқ равон шуданд. Дар қариби қишлоқ як чашма будааст, бачаҳо нишаста об хӯрданд, дасту рӯ шустанд.

Вақте буд, ки ду зан сатил ба даст сари чашма омаданд. Ҳар ду зан ҳам либоси кабуд пӯшида буданд. Бачаҳо пурсиданд, ки:

---

[1] *Оббурра*—шиноварӣ, шино кардан.

— Чаро либоси кабуд пӯшидаед?

Занҳо ҷавоб доданд:

— Чанд вақт боз дар мулки мо як аждаҳо пайдо шудааст, ки ҳар моҳ як духтарро мехӯрад. Бинобар ин мо ҳама азо гирифтаем. Имрӯз навбати духтари подшоҳ расидааст.

Бачаи раҳгузар бо писари хоркаш маслиҳат кард, ки:

— Биё, ҷӯра, як бахтамонро озмоем, рафта ҳамин аждаҳоро мекушем.

Ду ҷӯра ба қишлоқ фаромаданд, ки аз як ҷониб аждаҳо пайдо шуда истодааст. Ҷӯраи хоркашбача гуфт:

— Ту ҳамин ҷо нигоҳ карда ист, ман рафта аждаҳоро мекушам.

Писари хоркаш гуфт:

— Чӣ тавр мекушӣ?

Ҷӯрааш ҷавоб дод:

— Аз даҳани аждаҳо медароям у онро ду пора мекунам.

Писари хоркаш гиръя сар кард, ки:

— Ту ба коми аждаҳо равӣ, вай туро фурӯ медиҳад. Агар аз ҷонат умед дорӣ, асло ин корро накун.

Бача гуфт:

— Парво накун, ман шамшери дудама дорам, нигоҳ карда ист, як мекушам, ки худат қоил мешавӣ.

Бачаи хоркаш гиръён-гиръён нигоҳ карда истод. Шарикаш шамшерро ба даст гирифта, ба сӯи аждаҳо рафт. Аждаҳо ӯро ба комаш кашидан гирифт, бача ҳам бо шамшер ба даҳони он даромада рафт, шамшер аждаҳоро пора кардан гирифт. Охир аждаҳо ду тақсими баробар шуду монд.

Бача аз даруни аждаҳо баромаду аз пӯсти он як тахта бурида гирифт. Баъд ду ҷӯра ба як тараф рафта нишастанд.

Дар қишлоқ овоза шуд, ки аждаҳоро куштанд. Подшоҳ фармон дод, ки кушандаро ёфта биёранд. Як одам ба арки подшоҳ давида рафт, ки:

— Шодиёна диҳед, ман аждаҳоро куштам.

Аз паси ӯ боз чанд каси дигар омаданд, ки мо аждаҳоро куштем. Подшоҳ як вазири доно дошт. Вазир баромада гуфт, ки:

— Аввал худам рафта аждаҳоро мебинам, баъд арзи кушандаҳоро мешунавам.

Вазир рафта дид, ки дар ҳақиқат аждаҳоро куштаанд, лекин аз пушташ як тахта пӯст канда гирифтаанд. Вазир инро дида, ба арк омада эълон кард:

— Ҳар кас, ки аз тахтапушти аждаҳо як тасма пӯст бурида гирифта бошад, ҳамон кас аждаҳоро куштааст.

Аз даъвогарҳо ҳеҷ кас аз пӯсти аждаҳо нишон додан натавонист. Вазир фаҳмид, ки кушанда аз ин қишлоқ набудааст. Як занак ба вазир арз кард, ки:

— Дина рӯз мо ба ду нафар бачаи мусофир дараки аждаҳоро дода будем, эҳтимол ҳамонҳо кушта бошанд.

Вазир эълон кард:

— Ҳар кас ҳамон мусофирбачаҳоро ёбад, аз ман ҳазор тилло мегирад.

Халқ рафта кофтуков карда бачаҳоро ёфта оварданд. Вазир аз бачаҳо пурсид, ки:

— Шумоҳо аз кадом қишлоқ?

Шарики хоркашбача ҷавоб дод, ки:

— Мо аз қишлоқи Об.

Баъд вазир аз аждаҳо дарак пурсид. Бача гуфт:

— Аждаҳоро ман куштам.

Вазир гуфт:

— Агар ту кушта бошӣ, чӣ нишона дорӣ?

Бача як тахта пӯсти аждаҳоро ба вазир нишон дод. Вазир он пӯстро гирифта ба пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ бисьёр шод шуду гуфт, ки:

— Эй вазир, акнун баромада ба халқ эълон кун, ки мо духтари худро ба ҳамин бача медиҳем.

Рӯзи дигар тӯй карданду духтарро ба бача никоҳ карда доданд.

Пагоҳи тӯй домод ба пеши подшоҳ даромада гуфт:

— Акнун моро ҷавоб диҳед, ба қишлоқи худ равем.

Подшоҳ гуфт, ки:

— Рӯзе, ки духтарамро ба ту додам, ҷавобашро ҳам дода будам. Ихтиёр дорӣ, ҳар чо хоҳӣ бурдан гир.

Ду ҷӯра арӯсро гирифта ба роҳ даромаданд. Ба ағба расида буданд, ки шабро ҳамон ҷо гузаронидани шуданду бор карданд[1]. Шаб он ҷо хобиданд. Саҳар домод ҳама одамони подшоҳро, ки онҳоро гусел мекарданд, ҷавоб дод. Ҳудашон боз ба роҳ даромаданд. Ба лаби дарьё расида боз ба дамгирӣ истоданд.

Дам гирифта истода буданд, ки домод ба писари хоркаш фармон дод:

— Хез, зани маро чормех кун.

Писари хоркаш духтарро чормех кард. Шарикаш шамшерро гирифта ба сари духтар омад. Писари хоркаш пурсид:

— Эй ҷӯра, чӣ ният дорӣ?

Шарикаш гуфт:

— Дар лаби ҳамин дарьё аҳд карда будем, ки чизе ки ёбем, баробар ду тақсим мекунем. Ман ҳозир духтарро ду тақсим мекунам, нимашро ту мегирӣ, нимашро ман.

Бачаи хоркаш зорӣ кард, ки:

— Ба ман зан даркор нест, духтарро накуш.

Шарикаш гапи ӯро гӯш накарда, ба сари духтар дудама кашида омад ва заданӣ шуда буд, ки духтар аз тарс як зӯр зада фарьёд карду аз даҳанаш як морбача баромад.

Домод гуфт:

— Ман медонистам, ки дар даруни духтар ҳамин мор ҳаст, бо шамшер тарсонда будам, ки зӯр заду аз даҳанаш онро бароварда партофт. Эй писари хоркаш, акнун ин духтар, ин тиллою тангаҳо аз они ту. Инҳоро гирифта бару ба падару модарат гӯй, ки инҳоро ҳамон моҳӣ, ҳамон моҳӣ, ки ба дарьё сар дода будам, ба мо дод.

Бача ин гапро гуфта, боз моҳӣ шуду ба дарьё даромада рафт.

---

[1] *Бор кандан*—бор фуровардан.

## ДУХТАРИ МОҲИГИР

Буд-набуд, як моҳигир буд. Моҳигир бисьёр камбағал, рӯзаш ногузарон буд. Вай ҳар рӯз аз дарьё моҳӣ мегирифт, рӯзгораш аз болои ҳамин моҳигирӣ мегузашт. Мардак як зану як духтар дошт, ки онҳо ҳам ба касби вай ёрӣ медоданд.

Сари сол шуд, иди наврӯз омад. Мардум дойраву нағора навохтанд, най кашиданд. Одамҳо ба ин ҷо ҷамъ шуданд, аз як тараф мардҳо, аз як тараф занҳо меистоданд. Занҳо бо либосҳо худро ороста, ба чашм сурма кашида, ба қош усма молида, ба гӯш ҳалқа овехта, ба даст ҳино монда омада буданд. Занҳо дар як сӯ рақс мекарданд, мардҳо дар як тараф базм доштанд. Ҳар кас ҳар чӣ ҳунар, ки дошт, нишон медод. Ҳама шоду хурсанд буданд.

Духтари вазир ва аъламу қозӣ ҳам ба тамошо омаданд. Духтари моҳигир ҳам дар ҳамон ҷо буд.

Дар вақти ҳамин иди шодию хуррамӣ буд, ки дар ҳаво тахти Сулаймон парида гузашт. Ҳама ба ҳаво нигоҳ карданд. Духтари моҳигир ҳам нигоҳ карду худ ба худ гуфт:

— Оҳ, кошкӣ кас зани ҳамин одам бошад!

Духтари вазиру аълам ва қозию миршаб ин сухани ӯро шунида, забон ба таънаву сарзаниш кушоданд ва тамасхур карда гуфтанд, ки мо духтари вазиру аълам, қозию миршаб бошему ин тавр орзу накунем, ин духтари моҳигир магар девона шудааст, ки ин хел орзуҳо мекунад? Духтари моҳигир аз ин гап бисьёр шарм кард, иззо кашид, лекин чизе нагуфту ба хонааш рафт ва чанд вақт ғамгин шуда гашт.

Сулаймон як рӯз ба лаби дарьёе омада, аз тахти равон фаромад ва нигинашро дар болои санге монда, худаш ба таҳорат рафт. Девҳое, ки тахти ӯро бардошта мепариданд, маслиҳат карданд, ки:

— Мо як умр ин одамро бардошта мегардем-мӣ? Биёед, нигинро ба дарьё мепартоему худамон мегурезем.

Девҳо ин тавр маслиҳат кардаңду нигинро ба

дарьё ҳаво доданд ва худашон гурехтанд. Сулаймон аз таҳорат омада дид, ки на нигин ҳасту на девҳо. Вай маъюс шуда кад-кади об рафтан гирифт. Чанд вакт мардикорӣ карда гашт. Рӯзе раҳаш ба деҳае расид, ки марде дар лаби дарьё моҳӣ мегирифт. Сулаймон ба ӯ ёрӣ дод, мӯйсафед дид, ки одами хуб менамояд гуфт, ки:

— Эй раҳгузар, ба ман ятим намешавӣ?

Сулаймон розӣ шуда ба хонаи пирамард рафт ва чанд вакт ба ӯ хизмат кард. Хизмати Сулаймон ба моҳигир маъқул шуд. Моҳигир як шаб бо занаш маслиҳат кард, ки:

— Ҳамин хизматгори мо одами дурусти ростқавл будааст, духтарамонро ба ӯ диҳем, чӣ тавр мешавад?

Зани моҳигир аввал розӣ нашуда, гуфт, ки:

— Ман ба ятим духтар намедиҳам.

Лекин моҳигир охир занашро розӣ карду духтарашро ба Сулаймон дод.

Моҳигир ҳар рӯз ба ҳар нуфусаш[1] як моҳӣ медод, хӯроки онҳо аз ҳамин иборат буд. Як рӯз моҳигир ба духтараш ду моҳӣ дод, ки бо шавҳараш хӯрад. Духтар моҳиҳоро ба лаби дарьё бурда тоза карда истода буд, ки аз шиками як моҳӣ як нигин баромад. Духтар нигинро гирифта нигоҳ кард, ки бисьёр нигини аҷоиб будааст. Вай худ ба худ фикр кард, ки ин нигинро ба падарам диҳам ё ба шавҳарам". Охир ба ин қарор омад, ки „ҳар чӣ бошад, суддораму гуноҳбардори ман акнун ҳамин шавҳарам аст, ба шавҳарам додан даркор аст". Бо ин қарор нигинро ба Сулаймон оварда дод.

Сулаймон дид, ки нигин нигини худаш. Бисьёр хурсанд шуда, ба ангушташ гузаронду гуфт:

— Ба ҳаққи ҳамин нигин, ҳама деву тахту тоҷам гашта биёед!

Ҳамон замон девҳо ҳозир шуда тахту тоҷро оварданд. Сулаймон бо занаш ба тахти равон савор шуда ба авҷи фалак баромад, ҳар ду хуб саёҳат карданд.

---

[1] *Нуфус*—яъне аҳли хонавода.

Як рӯз духтари моҳигир ба Сулаймон бисьёр зорӣ кард, ки:

— Дар мамлакати мо, дар ҳамон чӯли беоб як боғи нағз созонед, ки ҳазор ранг гулу мева дошта бошад, дар миёнаи боғ як кӯшк ҳам андозед, ки мислаш дар ҳеҷ ҷо набошад. Ман духтари вазирро бо ҳама дугонаҳояш, бо духтари аъламу қозию миршаб ба зиёфат ҷеғ мезанам.

Сулаймон дарҳол ба девҳояш амр дод, дар мобайни чӯл ҳаман ҳамин боғу кӯшк ҳозир шуд. Зани Сулаймон асбоби зиёфати калонро тайёр карда, ба меҳмонҳо кас фиристод. Бегоҳӣ меҳмонҳо бо хизматгорҳояшон омаданд.

Дар вақти зиёфат духтари моҳигир дар пеши духтари вазир, аълам, қозию миршаб якталбақӣ палав монд, лекин дар таги палав ҷав андохт. Меҳмонҳо даст бурда таом хӯрда буданд, ки аз зери ош ҷав баромад. Якбора рангашон канд, қаҳрашон омад, доду фарьёд карданд, ки:

— Моро чӣ ҳисоб мекунӣ, ки дар табақи мо ҷав овардӣ?

Духтари моҳигир ин байтро хонд:

> Ҳар чӣ донад қадри ҳалвою набот,
> Тӯрбаи ҷав бошаду кунҷи работ.

Баъд духтари моҳигир ниқоб аз рӯяш гирифту гуфт:

— Магар шумо набудед, ки порсол маро масхара кардед, ин кор магар кори одам аст? Ана акнун дидед, ин Сулаймон шавҳари ману ман ба мурoду мақсадам расидам.

## СЕ БАРОДАР

Се бародар буданд, оқилу доно ва соҳибтадбир.

Як рӯз онҳо ба ҷое рафта истода буданд, ки касе пурсид:

— Эй бародарҳо, ман як уштурро гум кардаам, шумо надидаед?

Бародарон гуфтанд:

— Мо як уштур дидем, намедонем аз они ту бошад ё аз они каси дигар.

Соҳиби уштур гуфт:

— Канӣ, нишонаашро гӯед.

Яке аз бародарҳо гуфт:

— Як нишонааш ҳамин, ки уштурат якчашма будааст.

Бародари дигар гуфт:

— Боз як нишонааш ин, ки дар як тарафаш қандалот баста шудагӣ буд, дар дигар тара́фаш равған.

Бародари сейум гуфт:

— Дар болои уштурат як зани ҳомиладор ҳам савор буд.

Соҳиби уштур аз гиребони бародарон гирифт, ки:

— Ҳамон уштури ман будааст, ба ман ёфта диҳед.

Се доларон ҳар чанд гуфтанд, ки „уштуратро мо нагирифтаем", мардак қабул накарду онҳоро ба арки подшоҳ кашид, ба подшоҳ арз кард, ки:

— Инҳо дузданд, уштури маро дуздидаанд, ҳама нишонаҳояшро медонанд, аммо ба дуздиданашон иқрор намешаванд.

Подшоҳ бачаҳоро ба ғазаб гирифт, ки:

— Агар надуздида бошед, нишонаҳояшро аз куҷо медонед?

Яке аз бародарон ба подшоҳ арз кард:

— Мо уштури ин касро надидаем. Мо секаса омада истода будем, дар роҳ паи уштурро дидем. Ман нигоҳ кардам, ки уштур алафи як тарафи роҳро хӯрда-хӯрда рафтаасту алафи дигар тарафро нахӯрдааст. Аз ин фаҳмидам, ки як чашми уштур кӯр будааст.

Бародари дуйум гуфт:

— Эй подшоҳ, мо пештар омада дидем, ки дар як ҷои роҳ уштур чӯкидааст, дар ҷои шиштагии уштур аз як тарафи роҳ мӯрчаҳо ҷамъ шудаанд, аз тарафи дигараш оруҳо. Ман аз ин фаҳмидам, ки бори уштур аз як тараф равғану аз дигар тараф қандалот будааст.

Бародари сейум гуфт:

— Ман дидам, ки дар ҳамон ҷо аз уштур касе фаромада, дар лаби роҳ нишаста будааст, баъд дар вақти аз ҷояш хестан ҳар ду дасташро сахт ба замин зер кардааст, нақши дасташ дар замин мондааст. Аз ин фаҳмидам, ки он кас зан будааст ва ҳомила доштааст.

Подшоҳ ин гапҳоро шунида ба ҳайрат монд. Бачаҳо ба ӯ бисьёр маъқул шуданд, онҳоро як шаб меҳмон кард. Як барраро бирьён карда оварданд, як машрафи шароб ҳозир карданд. Дар айни гармии зиёфат подшоҳ аз хона баромаду дар пушти дар поида истод, ки канӣ бачаҳо чӣ мегӯянд.

Подшоҳ аз хона баромада буд, ки яке аз бародарон гуфт:

— Ин подшоҳ гӯшти барра гуфта, гӯшти гӯсфанди саги мола макидагиро ба мо хӯронда истодааст, аз он бӯи саг мекунад.

Бачаи дигар гуфт:

— Ин май ҳам ман тоза не, аз он бӯи хуни одам меояд.

Бародари сейӯм гуфт:

— Аслан худи ин подшоҳ шоҳзода набудааст.

Подшоҳ ин гапҳоро шунида, боз ҳайрон шуд, лекин чизе нагуфт. Вай бисьёр фикр кард, ки ин гапҳо чӣ маънӣ дошта бошанд. Пагоҳӣ ба пеши модараш рафта гуфт:

— Росташро гӯй, ки ман фарзанди кистам? Агар росташро нагӯй, ҳурмати шири ҳалолат намекунам, мекушамат!

Модари подшоҳ дид, ки писараш ба ғазаб омадааст, маҷбур шуда гуфт, ки:

— Писарам, ман нозой будам, туро аз як қассоб харида фарзанд карда будам. Ту писари подшоҳ нестӣ, писари қассоб ҳастӣ.

Подшоҳ фаҳмид, ки сухани он бача дуруст будааст. Баъд подшоҳ чӯпонро чеғ зада ӯро ҳам ғазаб кард:

— Росташро гӯй, ки барраи дирӯзаро аз куҷо гирифта будӣ? Чаро аз гӯшти барра бӯи саг меояд?

Чӯпон гуфт:

— Ин барраи худамон буд, лекин модараш мурда буд, барраро бо шири кила[1] калон карда будем.

Сонӣ подшоҳ соҳиби боғро ҷеғ зада пурсид, ки:

— Он майро аз куҷо оварда будӣ, чаро аз он бӯи хуни одам меояд?

Боғбон гуфт, ки:

— Тагҷои боғам қабристон буд, аз ҳамин сабаб аз шароб бӯи одам меомадагист.

Подшоҳ ба ақлу тамизи бародарон тан дод ва аз онҳо хоҳиш кард, ки дар назди ӯ монанд. Бачаҳо розӣ шуданд.

Як рӯз подшоҳ бародари хурдиро гирифта ба сайри боғ рафт. Камтар сайр карда гаштанд, баъд подшоҳ дар лаби ҳавзе нишаста дам гирифту хобаш бурд. Бача дар сараш нишаста буд. Ногоҳ бача дид, ки як мор ба подшоҳ наздик шуда истодааст. Бача шофашро кашида, морро зада қалам кард. Дар ҳамин вақт подшоҳ бедор шуда дид, ки бача бо шофи луч дар болои сараш рост истодааст. „Ту маро куштанӣ шудӣ!" гӯён подшоҳ бачаро зиндон кард.

Подшоҳ акаҳои бачаро ҷеғ зада гуфт, ки:

— Додари шумо кӯрнамакӣ кард, маро куштанӣ шуд, ман имрӯз ӯро ба дор мекашам.

Яке аз бародарон ба подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳи олишаън! Агар додари мо гуноҳе карда бошад, хунаш ба гардани худаш. Лекин аввал аз ман як ҳикоят шунав, баъд кушӣ, майлаш.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ ҳикоят дорӣ?

Бача ҳикоя сар кард:

— Буд-набуд, як подшоҳ буду як симурғ дошт, ки ҳама пешомади подшоҳро гуфта меистод. Рӯзе ин симурғ подшоҳро санҷиданӣ шуда, худро мурда андохт. Подшоҳ дид, ки симурғ мурдааст, фармуд, ки бурда ба таги порутӯда гӯр кунанд. Одамони подшоҳ бурда гӯронданӣ шуда буданд, ки симурғ аз ҷояш хеста парвоз кард. Симурғ ба

---

[1] *Кила* – модасаг.

подшоҳ гуфт, ки „ман ҳамин қадар мурғи доно бошаму мурдаи ман ба порутӯдаи асп лоиқ бошад, ман дигар ба ту хизмат намекунам". Симурғ парвоз карда, ба пеши як подшоҳи дигар рафт. Баъди чанд рӯз он подшоҳ ба ин подшоҳ ҳуҷум карду шаҳрро иҳота кард. Подшоҳ чӣ кор карданашро намедонист ва афсӯс мехӯрд, ки „э вой, дод, ки симурғи ман доно будаасту ман надонистаам". Подшоҳ оҳу воҳ мекард, лекин додаш ба ҷое намерасид. Охир душман ба ӯ ғалаба кард.

Бародари якӯм ин ҳикоятро тамом карда буд, ки бародари дуйӯм гуфт:

— Ман ҳам як ҳикоят дорам, онро ҳам гӯш кунед.

Подшоҳ гуфт:

— Бигӯ, гӯш кунем.

Бача чунин ҳикоя сар кард:

— Подшоҳе буд, як мурғи шикорӣ дошт, ки бисьёр нағз шикор мекард. Рӯзе ба шикор баромаданд, мурғи шаҳбоз пеш-пеш парида мерафт, подшоҳ аз ақиби он меомад. Подшоҳ дар роҳ ташна монд, хост, ки аз як ҷӯй об хӯрад. Мурғ омада обро лой кард. Қаҳри подшоҳ омад. Болотар рафту боз об хӯрданӣ шуд, боз мурғаш омада обро лой кард. Ин дафъа подшоҳ сахт ғазабнок шуда, мурғро гирифта чунон ба замин зад, ки мурғ ҷо ба ҷо мурда монд. Подшоҳ қад-қади ҷӯй боз баландтар рафта об хӯрдан хост, лекин баногоҳ дид, ки об аз димоғи як аждаҳо омада истодааст. Подшоҳ афсӯсхӯрон даст ба зону задан гирифт, ки „ин мурғ дӯсти ман будаасту ман бесабаб куштаам, чаро беандеша кор кардам".

Бача ин ҳикояро гуфта шуду ҳар ду бародар аз подшоҳ илтимос карданд:

— Эй подшоҳи одил, аввал пурсиш—баъд кӯшиш. Як тафтиш кунед, то ки додари мо бе гуноҳ кушта нашавад.

Подшоҳ қабул кард. Бачаро аз зиндон чеғ зада овард ва пурсид:

— Эй бача, чаро ба сари ман теғ кашидӣ?

Бача ҷавоб дод:

— Ман ба шумо теғ накашидаам, ман шуморо аз заҳр задани мор халос кардам.

Подшоҳ гуфт:

— Агар ба боғ равем, мурдаи морро меёбем ё не?

Сонӣ ҳама ба боғ рафтанд. Бача аз лаби ҳавз мори мурдаро ёфта дод. Подшоҳ аз тундию беандешагии худ хиҷолат кашида, қавл дод, ки:

— Дигар ман аз гапи шумоҳо намебароям. Аз нақлҳои шумоҳо бисьёр тадбирҳо ёд гирифтам, акнун то умр дорам, шумоҳо ба даргоҳи ман бошед.

## ОДАМ ВА ШЕР

Як деҳқон буд, як гурба дошт. Ин пишак рафта-рафта дузд шуду як рӯз гӯшти соҳибашро дуздид. Деҳқон дид, ки пишак гӯштро ба як тараф бурда хӯрда истодааст, вайро дошта ду-се шаппотӣ зад.

Пишак қаҳр карда ба саҳро баромада рафт. Вай ба пеши шер, ки подшоҳи ҳайвонот аст, омада арз кард:

— Эй подшоҳи азим, ҳама ҳайвоноти рӯи замин аз дасти одамизод ба дод омадаанд, одам ҳамаи моро ғулом карда гирифтааст, кор мефармояд, ҳеҷ рӯз нишон намедиҳад. Ман, ки аз ҷинси ту бошам, ин чӣ гап, ки одам маро мезанад. Агар худат ӯро ҷазо дода, қасоси маро нагирӣ, дигар илоҷ нест.

Шер дар ғазаб шуда гуфт, ки:

— Ин одам чӣ навъ чиз аст, ба ман нишон деҳ, ман ӯро лахту пора мекунам.

Шеру гурба ҳарду ба кофтукови одам баромаданд. Онҳо омада истода буданд, ки аз пешашон як фил баромад. Шер аз пишак пурсид, ки:

— Одам ҳамин аст?

Пишак гуфт:

— Не, ин хизматгори одам аст, одам инро дошта ба болояш савор мешавад, кор мефармояд.

Шер ҳайрон шуд, ки хизматгори одам ҳамин

қадар калону бадҳайбат будааст, худи одам чӣ қадар бошад?

Шеру гурба аз он ҷо гузашта рафтанд. Як замон ба онҳо ӯштур вохӯрд. Шер пурсид, ки:

— Одам ҳамин гарданкаҷи почадароз аст?

Гурба гуфт, ки:

— Не, ин ҳам хизматгори одам аст, одам инро аз биниаш сӯрох карда, чӯб халонда мекашад, ба вай чиз бор карда, аз болояш худаш ҳам сувор мешавад ва хуб кор мефармояд.

Шер чизе нагуфт. Онҳо боз пештар рафта буданд, ки як асп вохӯрд. Шер пурсид, ки:

— Одамат ҳамин аст?

Пишак гуфт, ки:

— Не, инро одам зину абзол карда, сувор мешавад, ба тунукиаш[1] қамчин зада кор мефармояд.

Шеру гурба аз ин ҷо ҳам гузашта рафтанд, аз пеш як гов баромад. Шер боз пурсид, ки:

— Одамат ҳамин шохдор аст?

Пишак гуфт, ки:

— Не, одам инро ҳам хизматгор кардааст, ба гарданаш юғ зада замин меронад, деҳқонӣ мекунад.

Боз пештар рафтанд. Дар як ҷо чанд хар чарида гашта буд. Шер пурсид, ки:

— Одам ҳаминҳо-мӣ?

Гурба гуфт, ки:

— Э ҳоли инҳоро напурс, одам инҳоро кор мефармояду ҳаргиз ба ҳолашон нигоҳ намекунад.

Аз ин ҷо ҳам гузашта рафта истода буданд, ки аз дур як бобои ҳезумкашро диданд. Бобо дар миёнаш як ресмонро баста, дар дасташ як каландтеша гирифта омада истода буд. Пишак уро нишон дода гуфт, ки:

— Ана ҳамон золим омад.

Шер дид, ки одам як пири нимҷон будааст, назараш нагирифт. Вай якбора ғуррида ба сӯи бобо давид. Бобо аз роҳаш истоду ба шер гуфт:

— Эй шер, ту маро дарронданӣ мехоҳӣ? Лекин

[1] *Тунукӣ*—сағрӣ.

ман як савол дорам: ту, ки подшоҳи ҳама ҷонварон ва пурқувваттарин паҳлавон ҳастӣ, ҳамин арчаро афтонда метавонӣ? Ман худам афтонда метавонам. Ресмонро ба танаш мебандам, аз бехаш табар мезанам, меафтад. Зӯри ман ҳамин қадар. Аммо зӯри ту ҳам мерасад ё не?

Шер фикр накарда гуфт:

— Албатта мерасад, як панҷа зада, канда мепартоям.

Одам гуфт, ки:

— Набошад, ин ҷо биё, ман туро ба арча бандам, канӣ бинам, чӣ тавр канда мепартоӣ.

Шер розӣ шуд. Одамизод шерро аз гардан то миёнаш ба дарахт баст. Баъд гуфт, ки:

— Канӣ акнун зӯр зан.

Шер ҳар чанд зӯр зад, ҳеҷ кор карда натавонист. Бобо то ин вақт табарро гирифта ба сари шер зад, шерро кушт.

Гурба, ки дуртар меистод, инро дида фарьёд мекард:

— Ман нагуфтам, ки одамизод зӯр аст.

## БУЗУ ГӮСФАНДУ ГӮСОЛА

Як буз кӯтур шуд. Соҳибаш вайро ба замини рушқа[1] сар дод. Чанд рӯз чарида буд, ки буз камкам мӯ баровардан гирифт. Рӯзе дар рушқазор як гӯсфанди кӯтур пайдо шуд. Бузак давида омаду гӯсфандро як шох зад. Гӯсфанд гуфт:

— Ҷӯра, маро назан, ман кӯтур шудагӣ, соҳибам ин ҷо оварда монд, ки алафи тоза хӯрам. Ту аз як тараф хӯрдан гир, ман аз ин тараф мехӯрам.

Охир буз розӣ шуд. Ҳар ду аз ду тарафи замин чарида гаштанд.

Як рӯз ба як тарафи замин як гӯсола даромад. Бузак хез карда омаду гӯсоларо шох зада, пеш карданӣ шуд. Гӯсола гуфт:

[1] *Рушқа*—юнучка.

— Чӯра, мон, ман ҳам бо шумо аз ин алаф хӯрам, ин алаф ки тамом шуд, боғи шимол меравем, хазон мехӯрем, ман роҳи боғи шимолро медонам.

Бузу гӯсфанду гӯсола чанд рӯз алаф хӯрда гаштанд.

Сонӣ алаф соф шуд[1]. Онҳо ҳар се ба сӯи боғи шимол сафар карданд. Рафта истода буданд, ки аз роҳ як пӯсти гург ёфтанд. „Ягон вакт чойпулӣ мешавад" гуфта пӯстро гирифта, ба гирди шохи буз печонданд. Боз рафтан гирифтанд. Рафтанд, рафтанд, аз пешашон як хона баромад. Диданд, ки аз мӯрии хона дуд баромада истодааст. Буз гуфт:

— Чӯраҳо, бетон, ин ҷо даромада як пиёла чой хӯрем.

Пӯсти гургро дар таги дари хона монданду дарро кушода диданд, ки дар хона се гург нишастааст. Бузу гӯсфанду гӯсола гурехтанӣ шуданд, лекин гургҳо гуфтанд:

— Меҳмонҳо, дароетон, мо ҳам шумо барин раҳгузар ҳастем, ҳамроҳ чой мехӯрем.

Бузу гӯсфанду гӯсола ба хона даромада чой хӯрда шиштанд.

Яке аз гургҳо бисьёр калон буд. Гурги калон ба гурги дигар гуфт:

— Шарик, ҳамон дуторро ба ман деҳ, аз додом як кисса монда буд, ҳамон киссаро ба ин меҳмонҳои азиз гуфта диҳам.

Ба ӯ дуторро доданд. Гург дутор зада, хондан гирифт. Мазмуни хонишаш ҳамин, ки:

Ин шохкалонаш иии ман[1],
Ишкамкалонаш иии ман.

Дутор зада мехонду ҳамроҳонашро мегуфт, ки „дӯст гӯетон". Ҳамроҳонаш ба хониши вай дӯст мегуфтанд.

Баъд гурги миёнагӣ дуторро гирифта гуфт:

---

[1] *Соф шуд*—тамом шуд.

— Ман ҳам аз бобом як кисса дорам, ба мехмонҳо хонда диҳам.

Дуторро гирифту ба хондан даромад. Мазмуни хонишаш ҳамин, ки:

Дасткалонаш ини ман[1]
Почакалонаш ини ман,
Чоли калонаш ини ман.

Мехонду „дӯст гӯетон“ мегуфт, ҳамроҳонаш дӯст мегуфтанд.

Навбат ба гурги хурдӣ расид. Гурги хурдӣ дуторро гирифту хониш сар кард:

Бедуму шохаш ини ман,
Дунбакалонаш ини ман.

Ин ҳам мехонду „дӯст гӯетон“ мегуфт, ҳамроҳонаш дӯст мегуфтанд.

Гургҳо хонда шуда буданд, ки буз гуфт:

— Набошад, дуторро ба моҳон[2] ҳам диҳетон, моҳон ҳам як матал[3] гӯем.

Дуторро ба буз доданд. Бузак дутор зада хондан гирифт. Мазмуни хонишаш ҳамин буд, ки „пӯсти як гургро гирифтем, ки ҳоло ба таҳти дар истодааст, пӯсти ин се гургро ҳам гирем, як пӯстини нағз мешавад“. Буз мехонду мегуфт, ки „дӯст гӯетон“, ҳамроҳонаш „дӯст“ мегуфтанд.

Гурги калон ба гурги хурдӣ оҳиста гуфт, ки:

— Баро, берунро бин канӣ, пӯст ҳаст-мӣ.

Гурги хурдӣ берун баромада дид, ки дар таги дар пӯсти гург истодааст. Тарсиду гурехта рафт.

Сонӣ гӯсфанд дуторро гирифт. Дуторро гирифта ба хониш даромад, мазмуни хонишаш ҳамин, ки:

Пӯсти гурга гирифтем,
Шуд ба моҳон чойпулӣ
Пӯсти ин сеша ги.ем,
Мешавад боз нонпулӣ.

---

[1] *Ина ман*—аз они ман.
[2] *Моҳон*—моён.
[3] *Матал*—афсона.

Мехонду мегуфт, ки „дӯст гуетон", ҳамроҳонаш „дӯст" мегуфтанд.

Гурги калонӣ ба гурги миёнагӣ оҳиста гуфт:

— Хез, баромада бин, магар гапашон рост аст, ки хурдӣ гурехт.

Гурги миёнагӣ баромада дид, ки гап рост будааст, пӯст дар берун истодааст. Ин ҳам тарсиду гурехта рафт.

Навбат ба гӯсола расид. Гӯсола дуторро гирифту хониш сар кард. Мазмуни хонишаш ҳамин, ки:

Пӯсти гурга гирифтем,
Шуд ба моҳон чойпулӣ.
Пӯсти ин сеша гирем,
Мешавад боз нонпулӣ.

Мехонду мегуфт, ки „дӯст гӯетон", бузу гӯсфанд дӯст мегуфтанд.

Гурги калонӣ фикр кард, ки „афташ, инҳо рост мегӯянд, худам як баромада бинам, чаро ин хурдию миёнагӣ гурехтанд?" Баромада дид, ки дар таги дар як пӯсти калон истодааст. Ин ҳам тарсиду гурехта рафт.

Бузу гӯсфанду гӯсола шоду хурсанд ба боги шимол рафтанду хазон хӯрда гаштанд.

## САВОБИ НИМТА НОН

Рӯзе як одам аз роҳе гузашта истода буд, ки ба санге пешпо хӯрду нохунаш хун шуд. „Боз дигар одамҳо ҳам пешпо нахӯранд", гуфта, мардак сангро аз роҳ гирифта партофтанӣ шуда дид, ки аз таги санг як хишти пухта менамояд. Хиштро бардошт, аз таги он як сандуқча баромад. Калиди сандуқча дар лабаш бастагӣ буд. Мардак калидро гирифту сандуқчаро кушод, ки як мор баромад. Мор ду ғел заду мори калон шуд. Баъд ба гардани мардак печиду гуфт, ки:

— Ҳозир ман туро захр мезанам.

Мард гуфт:

— Ман туро аз сандуқ озод кардам, ту маро захр мезанӣ? Наход ҷои некӣ бадӣ ояд?

Инҳо дар ҳамин мунокиша буданд, ки аз роҳ панҷ аспакӣ пайдо шуд. Аспакиҳо аз инҳо пурсиданд, ки:

— Чӣ мунокиша доред?

Мардак ҳодисаро гуфта дод. Он панҷ кас ҳарчанд ба мор гуфтанд, ки „ин одам туро озод кардааст, ту ӯро захр занӣ, ноинсофӣ мешавад", мор қабул накард. Аспакиҳо диданд, ки гапашон намегузарад, аз бахраш гузаштанду ба раҳашон рафтан гирифтанд.

Онҳо гузашта рафта буданд, ки аз роҳ сӣ аспакӣ пайдо шуд. Ин сӣ кас ҳам ҳар чанд ба мор гуфтанд, ки „ба ҷои некӣ бадӣ накун", мор розӣ нашуд, онҳо ҳам ба раҳашон рафтанд.

Баъд, аз роҳ як бача пайдо шуд. Бача пурсид, ки:

— Чӣ мунокиша доред?

Мардак воқиаро гуфт. Бача пурсид:

— Ин мор аз кадом сандуқ баромад?

Мард гуфт:

— Аз ин сандуқ.

Бача аз мор пурсид:

— Аз ҳамин сандуқ баромадӣ?

Мор гуфт:

— Ҳа, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бачек гуфт:

— Ту ҳам дурӯғ мегӯӣ, ин одам ҳам дурӯғ мегӯяд, ту ба ҳамин ҷуссаву ҷасад ба ин сандуқча чӣ тавр ғунҷидӣ?

Мор гуфт:

— Рост мегӯям, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бачек гуфт:

— Набошад, канӣ даро, ман бинам.

Мор боз ду ғел заду асли қадим барин шуда ба сандуқ даромад. Бачек даррав сандуқро пӯшиду даршро қулф карда, ба замин гӯронд.

Мард бисьёр шод шуда, ба бача гуфт:

— Эй писар, ту кистӣ, ки маро аз чанголи аҷал наҷот додӣ?

Бачек гуфт:

— Он панҷ аспакии аввалангӣ савоби панҷ

вақт намози ту буд, он сӣ аспакии баъд омадагӣ савоби сӣ рӯзи рӯзаат буд, ман савоби он нимта нони ту хостам, ки як рӯз ба як гадой дода будӣ. Агар ҳамон нонро бутун ба гадой медодӣ, ман одами калон шуда меомадам, барвақттар омада халос мекардам.

## ШАФҚАТИ МОР

Дӯсталӣ гуфтанӣ одаме буд. Вай ҳикоя мекард, ки рӯзе занаш як сабад пахтаро дар шифдори[1] хона овехта мондааст. Баъди чанд вақт пахта ба занак даркор шудааст. Занак сабадро гирифта мебинад, ки дар даруни сабад мор бача мондааст. Дӯсталӣ гуфтааст, ки:

— Ин сабадро ягон ҷой мону дигар даст нарасон.

Занак сабадро ба як гӯшаи хона мемонад. Мор меояду бачаҳояшро дар ҷои аввала намеёбад. Дар қаҳр мешаваду ба хурмаи равған, ки он ҳам дар шифдор овезон будааст, заҳр меандозад.

Бегоҳӣ Дӯсталӣ ба занаш мегӯяд:

— Ҳамин сабади пахтаро боз ба ҷояш овехта мондан даркор будагист.

Занак сабадро ба ҷояш меовезад. Мор омада мебинад, ки сабад дар ҷояш истодааст, ба бачаҳояш зиёне нарасидааст. Рафта риштаи хурмаро пора мекунад, хурма ғалтида мешиканад.

Баъд аз ин Дӯсталӣ ва занаш ба он сабад дигар даст назадаанд. Мор бачаҳояшро калон карда, гирифта рафтааст.

## ГАҲВОРАҶУНБОН ВА МОР

Ёри Нӯлак гуфтагӣ одам буд, ки устои чӯбкори нағз буду то Панҷакент рафта иморат чӯбкорӣ мекард. Вай ҳикоя мекард, ки як рӯз воқеаи аҷибе дидааст:

Море ба дарахт баромада истода будааст. Бачаҳои чумчуқ дар лонаашон бесаришта шуда ғиҷ-

[1] *Шифдор*— шифт.

ғиҷ кардан гирифтаанд. Як чумчуқ аз лона парида мераваду як замон як гаҳворачунбонро ба нӯлаш гирифта меорад. Гаҳворачунбонро меораду ба лаби лонааш мемонад. Мор, ки ба лона наздик шуд, гаҳворачунбон як ҷаста морро мезанад, мор мегалтад. Сонӣ чумчуқ боз гаҳворачунбонро беозор ба нӯлаш гирифта, ба ҷои аслиаш бурда мемонад.

Мор, ки ғалтид, усто рафта мебинад, ки чашмаш кӯр шудааст. Гаҳворачунбон рост ба чашмаш зада будааст. Гаҳворачунбон ҳамин хел одат доштааст.

## ЛАТИФАҲО

### ДУ НОТИФОҚ

Аҳмаду Раҳмат гуфтагӣ ду кас бо якдигар ошноӣ доштаанд. Як рӯз дуяшон ба шаҳре сафар мекунанд ва ба хонаи як шиносашон мефароянд. Бо соҳиби хона сӯҳбат карда нишаста буданд, ки Аҳмад берун баромадааст. Раҳмат филҳол забони ғайбат кушода, ба мизбон гуфтааст:

— Ин ҳамроҳи мо он қадар одамсифате нест, бисьёр паст аст, балки аз саг ҳам бадтар.

Аҳмад аз берун меояд, боз сӯҳбат карда менишинанд. Баъд Раҳмат берун баромадааст. Акнун Аҳмад аз шарики худ ғайбату шикоятҳо карда, ба мизбон гуфтааст, ки:

— Ин шарики мо аз одамгарӣ дур аст, як гов барин одам аст.

Соҳиби хона дар ҳайрат афтодааст, лекин ҳеҷ чиз нагуфтааст, ба ҳавлии дарун рафтаасту як табақ коҳу кунҷора ва як табақ устухон оварда пеши меҳмонҳо мондааст. Ҳар ду меҳмон ҳайрон шуда пурсидаанд, ки:

— Ин коратон чӣ маънӣ додад?

Мизбон гуфтааст, ки:

— Эй меҳмонҳои азиз, ҳозир вақте ки яктаатон берун баромадед, дигаратон гуфтед, ки шарики ман саг барин аст; баъд вақте ки дигаратон берун баромадед, инатон гуфтед, ки ҳамроҳи ман гов

барин аст. Ман медонам, ки гов коҳу кунҷораро нағз мебинад, саг устухонро. Бинобарин шумоҳоро мувофиқи табъатон зиёфат кардани шудам.

## МАҶЛИСИ ДУРӮҒГӮЁН

Як вактҳо дар Самарқанд маҷлиси дурӯғгӯён шуд. Вакили Самарқанд дар маҷлис гуфт:

— Порсол як деҳқони Самарқанд шалғам корида буд, як шалғамаш чунон калон шуд, ки як таноб заминро гирифт. Ҳашар карда шалғамро канданд, бехашро лашкари подшоҳ ва баргашро аспони лашкар як моҳ хӯрданд.

Вакили дурӯғгӯёни Бухоро гуфт:

— Порина дар гузари Дегрезони Бухоро деге рехтанд, ки чил усто ба дарунаш даромада хоиск мезаданд, овози хоиски як усторо дигар усто намешунид.

Он гоҳ вакили дурӯғгӯёни Тошканд гуфт:

— Гапи вакили Самарқанду вакили Бухоро рост аст. Худи ман дидаам, ки ҳамон шалғами Самарқандро ба деги Бухоро андохта пухта буданд.

## „МАН ОБ БИЁРАМ, ТУ ЧИРО МЕХӮРӢ?"

Будааст-набудааст, чор танбал будааст. Ин чор кас ҳар каломаш аз дигараш танбалтар будааст.

Як рӯз он чор танбал ба саёҳат баромада, ба як қишлоқ расидаанд. Дар поёни қишлоқ як осиёи кӯҳна будааст, чорашон ба ин осиё даромада дам гирифта шиштаанд. Як савобталаб аз роҳ мегузараду мебинад, ки дар осиё чор мусофир шиштаанд. Раҳгузар барои савоб гуфта як табақ ҷурғоту чорта нон оварда ба пеши мусофирҳо мемонад. Нону ҷурғотро мемонаду худаш аз паси кораш меравад.

Аз танбалҳо як кас ба яки дигараш гуфт:

— Ҷӯра, хез, аз берун об биёр, дастҳоямонро шӯему ин нону ҷурғотро хӯрем?

Он кас ба дигараш гуфт, ки:

— Ҷӯраҷон, илоҳӣ барака ёбӣ, ту об биёр, ман бисьёр ҳалок шудам.

Танбали сейӯм ба чорӯм гуфт, ки „ту биёр". Ҳамин тавр чор кас ба якдигар мепартофтанд, ки „об биёр, даст шӯем". Лекин ҳеҷ кадомаш намехост, хушашон намеомад. Бисьёр кашмакаш карданд, ҳеҷ кас аз ҷояш наҷунбид. Охир яке аз онҳо гуфт, ки:

— Биёед, як шарт мекунем; ҳама хомӯш мешинем, ҳар кас, ки як даҳан гап занад, ҳамон кас об мебиёрад.

Ин шарт қабул шуд. Ҳама дам шиштанд. Ҳеҷ кас гап намезад, ҳатто намеҷунбиданд.

Як замон як кас аз роҳ гузашт. Раҳгузар дид, ки дар осиё мусофирҳо шиштаанд, як хабар гирам гӯён даромаду салом дод. Аммо ҳеҷ кас ҷавоб надод. Баъд раҳгузар пурсид, ки:

— Меҳмонҳо аз куҷо омадаанд, куҷо мераванд?—Боз касе ҷавоб надод. Раҳгузар ҳайрон шуда гуфт, ки:

— Охир, чӣ кор карда шиштетон? Чаро гап намезанетон?

Аз замин садо баромад, ки аз меҳмонҳо не. Баъд раҳгузар дигар чизе нагуфта, чорзону зада шишту дута нонро бо ними ҷурғот хӯрд. Ишкамаш, ки сер шуд, хеста, панҷ ангушташро дар ҷурғот заду ба рӯи чор мусофир молид, баъд баромаду рафт.

Як вақт як саги дайду пайдо шуд. Ҳама ки дам истода буланд ва намеҷунбиданд, саг оҳиста-оҳиста дарун даромаду ба дастархон наздик шуд. Далертар шуда аввал нонро хӯрд, баъд ҷурғотро хӯрда табақро тоза кард. Сонӣ саг дид, ки дар рӯи одамҳо ҳам ҷурғот молидагӣ, бӯ зада-бӯ зада, пеш омаду аз рӯи як кас ҷурғотро лесид. Ҳама сурат барин шишта буланд, ҳеҷ кас аз ҷояш намеҷунбид. Кучук ҳам рӯи онҳоро лесидан гирифт. Рӯи одами чорӯмро лесиданӣ шуда буд, ки вай одам „туре, падарлаъннат" гуфта сагро пеш кард. Се шарикаш якбора фарьёд карданд, ки:

— Сагро „тур!" гуфтӣ, акнун ту об мебиёрӣ.
Ҳамроҳи чорум ҷавоб дод, ки:
— Ман об биёрам, ту даст шуста, ҷиро мехӯрӣ?

## ҚОФИЯГӮИ МАШҲУР

Мелии Киштудӣ[1] дар қофиягӯӣ машҳур будааст. Ҷумъаи Анта ном касе ҳам дар қофиягӯӣ маҳорат доштааст. Ҷумъа овозаи Мелиро шунида, уро ба мусобиқа даъват мекунад. Мелӣ розӣ шуда, рӯзе ба яке аз маъракаҳо ҳозир мешавад.

Баробари Мелиро дидан ҳарифаш бесалому бе-алек якбора савол медиҳад:

— Дар олам аҳмақ чандта?

— Ба гумонам, фақат Ҷумъаи Анта,—мегӯяд Мелӣ.

Ин гапро шунида, Анта дигар ба қофия даҳан намекушояд.

## ҲИСОБИ РӮЗ

Як вақт Кумиҳо ҳисоби рӯзро гум карданд ва шахсеро ба қишлоқи ҳамсоя фиристоданд, ки пурсида биёяд, ки имрӯз кадом рӯз аст. Вай ба назди қозии қишлоқи ҳамсоя рафт. Қозӣ рӯзҳои ҳафтаро шумурда, ангуштони кумиро як-як хобондан гирифт, сонӣ қозӣ гуфт:

— Акнун муштатро маҳкамтар дор ва сар на-деҳ, набошад боз ҳисобро гум мекунӣ.

Кумӣ ду дасташро мушт карда ба роҳ медарояд. Дар роҳ вай барои дастбаҳок нишастанӣ мешавад. Муштҳашро ба зери хок монда, оҳиста мекушояд ва баъд омада таги хокро мекобад, ки ҳеҷ чиз нест. Бегоҳ рафта ба одамон воқеаро нақл мекунад. Ҳама бо белу каланд омада мекобанд, аммо ҳеҷ чиз пайдо намекунанд. Роҳгузаре ин аҳволро дида мепурсад:

---

[1] *Мелии Киштудӣ* яке аз шоирони халқии водии Киштӯд буд. Дар бораи ӯ дар водии Зарафшон бисьёр латифаҳо мегӯянд. Ин латифа намунае аз онҳост.

— Мондаҳо, чӣ мекобед?
Онҳо вокеаро баён мекунанд.
— Имрӯз панҷшанбе,—мегӯяд роҳгузар.
Қумиҳо гумон мекунанд, ки ҳисоби рӯзро ҳамин одам аз таги хок дуздида будааст. Ҳама ба сари ӯ ҳуҷум мекунанд, роҳгузар базӯр гурехта халос мешавад.

## „БА ЧАШМАМ НАЗАН"

Рӯзе ду кас ҷанг карданд. Яке дигареро ғалтонда, ба сару рӯяш бо мушт задан гирифт. Вай аз таг:
— Хой, хушьёр шав, боз ба чашмам назанӣ,— гуён дод мегуфт.

## „КАФШАМ МЕДАРАД“

Шахсе дар зимистону тобистон кафшашро ба даст гирифта, пойлуч мегашт.

— Кафшро пўшй, нағз не-мй? – пурсиданд аз ў.

— Метарсам, ки инро ҳам даронда пойлуч намонам,—гуфт дар ҷавоб.

## ХАЙВОНИ ЗӮР БУДААСТ

Солҳои аввали пайдо шудани автомобиль буд, ки рӯзе кумие ба бозор рафтанӣ шуда, ба роҳи машина истод, ҳар боре, ки аз роҳ машинае пайдо мешуд, мардак даст мебардошт, аммо машина наистода гузашта мерафт. Мардак:

— Ман ҳамин мошинро як натарсонам намешавад,— гӯён ба хамие руст шуд ва вақте ки машинае омад „вах!" гӯён баромад. Машина боз наистода гузашта рафт.

— Бисьёр хайвони зӯр будааст-дия, натарсид-а,— гуфт кумӣ.

# Қисми дуюм

## Назм

# ИШҚ

## РУБОЙ ВА ДУБАЙТАҲО

1

Ларзон-ларзон барги наистон диламе,
Озурда шудаст аз ин кӯҳистон диламе.
Ман гуфта будам, сарам бигирам, биравам,
Побаста шудаст ба номусулмон диламе.

2

Барфу борон ҷола кард, каклик[1] ба саҳро нола
кард,
Як ҷувони нозанин аз санги мармар хона кард.
Як нигоҳи оташангезаш маро девона кард,
Доғу савдояш маро аз хонумон бегона кард.

3

Ба даври рухат гул назокат надорад,
Ба пеши лабат лаъл қимат надорад.
Паричеҳра, ҳар кас, ки ошиқ набошад,
Чу пайғамбаре дон, ки уммат надорад.

4

Чашмони шумо ба ҳулбӯи тар монад,
Рӯҳои шумо кулчаи қамбар монад,

---

[1] *Каклик*—кабк.

9—3177

Ҳар кас, ки ба зонуи шумо сар монад,
Бар нозу карашмаҳоятон дар монад.

5

Чашмони шумо ба чашми оҳу монад,
Рухсори шумо ба ранги олу монад.
Рӯзе, ки шумо аз назарам дур шавед,
Ранги рухи ман ба ранги қоку монад.

6

Сабзиначувони пурхумори бангӣ,
Рӯи падарат сиёҳ, зи мо дил кандӣ.
Дилканда мабош, ки дилкушоят худамам[1],
Бегона мабош, ки ошноят худамам.

7

Эй чӯпонбачае, то кай кунӣ чӯпонӣ,
Сӯзад кафи пот, арақ кунад пешонӣ.
Рӯймолча бидӯзамат чинак-чинак пинҳонӣ,
Гаҳ рӯй кунӣ пок, гаҳе пешонӣ.

8

Эй булбули хушнаво, ки дар сайри чаман,
Ё нолиши ту хуш аст, ё нолиши ман?
Ту аз бари[2] гул нолӣ, ман аз бари ёр,
Не гул карда вафо ба тую не ёр ба ман.

9

Банди дилама пасти заминат кардам,
Рӯмолчама ҷорӯби ду синат кардам,
Рӯта накушодӣ, гарчӣ кардам зорӣ,
Лаънат ба чунин қонуну динат кардам.

10

Аз хона барояму нигоҳи ту кунам,
Андеша ба чашмони сиёҳи ту кунам.

[1] *Худамам*—худам хастам.
[2] *Аз бари*—аз баҳри, аз барои.

Ман мол надорам, ки закоти ту кунам,
Як ҷони азизам ҳаст, фидои ту кунам.

11

Эй ҷавони нозанини парпаристон,
Миёни синаат ҳамчун гулистон,
Миёни синаат як шаб нахуфтам,
Намедонам баҳор аст ё зимистон.

12

Зардолуи зарди малларанг аст ёрам,
Деҳқонбачаи ҳавсалатанг аст ёрам.
Зардолуи зарда мағзакаш ҳам малла,
Аскарбачая тамоми кораш алда[1].

13

Эй гули навраста, охир булбулонро сӯхтӣ,
Ошиқони хастаю бехонумонро сӯхтӣ,
Дар лаби дарьё расидӣ бо ҳазорон ҷилваҳо,
Моҳиёни таҳти дарьё, ҷонваронро сӯхтӣ.

14

Булбул шавамӯ васфи туро нола кунам,
Шамшод шавам, зулфи туро шона кунам.
Дар хондани дарс агар ба ёдам бирасӣ,
Монам зи сабақ, дуоки ту нола кунам.

15

—Садбарги сафеди мо чаро зард шудаст,
Ё дил ба касе додаю ё қалб шудаст?
—Не дил ба касе додаю не қалб шудаст,
Ғамҳои туро хӯрда рангзард шудаст.

16

Эй ёри азизи ман, харидори ту кист?
Аз ман, ки гузар кардӣ, вафодори ту кист?
Аз ман, ки гузар кардӣ, ба шодӣ нарасӣ,
Як оҳ кашам, ба ҳеҷ мурode нарасӣ.

[1] *Алда*—фиреб.

17

Эй зоғи сиё, ту меравй, гўшат кар,
Гапҳои маро ба ёри раҳдурам бар.
Гапҳои мана шунида вай гўш кунад,
Хубони дигар ҷумла фаромўш кунад.

18

Ишқ овардию ту ишқаки тез овардй,
Номард булй, сар ба гурез овардй.
Се моҳ шудаст рафтани бар даштота[1],
Мўлчар, ки гузашт, чико[2] кунам пайдота.

19

Эй шўх, сари зулфи шумо тоб надорад,
Чун рўи шумо он гули сероб надорад,
Дар ҳалкаи гесўи шумо шамъи дилафрўз,
Шаб рўз шудаст, дидаи ман хоб надорад.

20

Чаро чашмак ба чашмак мезанй ту?
Диламро бурдию гап мезанй ту?
Диламро бурдй дар ҷўлу биёбон,
Мисоли тўтию булбули хушхон.

21

Ту баччаю ман баччаю ишқ овардем,
Сесад гули сурх аз Димишқ овардем.
Сесад гули сурх, як гули райҳонй,
Ошиқ будани мана худат медонй.

22

Дар хоб будам таги чанори обй,
Бедор накард шакарлаби мурғобй.
Ман мурғобиям, миёни об мегардам,
Ин об барад, ту аз куҷо меёбй?

---

[1] *Рафтани бар даштота* — ба даштҳо рафтанатро.
[2] *Чико* — чй кор.

23

Ҷавони нозанини аҳли дардам,
Сарамро гар бурӣ, аз ту нагардам.
Сарамро гар бурӣ бо ханҷари тез,
Ба хун ҷавлон занам, гирди ту гардам.

24

Зи дарди ишқат, эй раъно, дили худро адо кардам,
Вафодорӣ надидам ман, аҷаб кори хато кардам,
Туӣ маъшуқи бепарво, манам девонаи шайдо,
Ба мисли булбули гӯё зи дардат нолаҳо кардам.

25

Ин гул чӣ гул аст, аз паси майдон кандем,
Холи лаби ёр ба зери дандон кандем.
Холи лаби ёр, холи таманнои ман аст,
Ин доғаки ёр, ҳамеш аламҳои ман аст.

26

Як даста гула дар таги майдон кандем,
Холи лабата ба зери дандон кандем.
Холи лабатон холи қатор афтодаст,
Золим, дили мо пурғаму зор афтодаст.

27

Ман дар лаби ҷӯ ду ғунча хандон дидам.
Дар гардани ёр ақиқу марҷон дидам.
Гуфтам: раваму ақиқу марҷона гирам,
Бигрехт, зи ғам доғи пурармон дидам.

28

Ин абри сиёҳ гирумагир афтодаст,
Ҳайфи духтар, ба марди пир афтодаст.
Ин абри сиёҳ хаёли борон дорад,
Мушкил ба касе, ки ёри нодон дорад.

29

—Имшаб чӣ шаб аст, карки[1] дарат мепоям,
Аз тафти замин сӯхт кафи поҳоям.
—Қурбони кафи пот шавам, бедорам.
Сар аз бағали падар читӯ[2] бардорам.

30

—Духтар, духтаре, рӯта нашӯ дар лаби ҷӯ,
Ту бехабарӣ, додот туя дода ба шӯ.
—Ҳам риши падар пӯсаду ҳам сӯҳбати шӯ,
Як бӯсаи ту беҳ аз ҳазор роҳати шӯ.

31

—Эй куртасафед, ҷома нагирӣ, чӣ шавад,
Мо раҳгузарем, ту рӯ напӯшӣ, чӣ шавад.
—Ту раҳгузарӣ, зи дузди раҳзан батарӣ,
Дузд мол барад, ту ҷони ширин бубарӣ.

32

—Оям ба дарат, дӯст кашам мисли гадо,
Як бӯса бидеҳ, садақа радди бало.
—Ман бӯса намедиҳам, ки ту раҳгузарӣ,
Гапи бӯсаи ман шаҳр ба шаҳре бибарӣ.

33

Орзу дорам, ки наздам як шабе танҳо биӣ[3]
Мисли оҳуи Хутан аз домани саҳро биӣ.
Домани саҳро гирифтаст ошиқони беҳаё,
Домани саҳро бимонӣ, лаб-лаби дарьё биӣ.

34

Боло равӣ рӯ-рӯи гули гандум,
Ҳайрон шудаӣ ба ҳавлии ин мардум.
Рӯмоли калон бошаду бар сар бандӣ,
Ҳавлеки падар бошаду беғам гардӣ.

---

[1] *Қарқ*—роғ.
[2] *Читӯ*—чӣ тавр.
[3] *Биӣ*—биёӣ.

35

Дар дасти шумо пиёлаи чоп кабуд,
Монанди шумо районн Мастчо-ба набуд.
Дар дасти шумо ангуштарини тилло,
Ду қоши шумо чу сураи бисмилло.

36

Булбул шавану нола кунам дар шаби тор.
Кабкак шавану ағба буром дидани ёр.
Эй ёри азиз, ағба гузаштам, диди?
Зангори дилам ба об шустам, диди?

37

Рӯмоли бирешими сарат чанг нагирад,
Хар кас, ки ба ёди ту шавад, зан нагирад.
Рӯмол ба сарат—рӯмоли ҳиндустонӣ,
Шӯи бағалат—мурдаи туркистонӣ.

38

Эй ёри азизи ман, таманнои ту дорам,
Хардам ҳаваси он қаду болои ту дорам.
Дар боғи худам мева зи ҳар хел муҳайёст,
Лекин ҳаваси меваи он боғи ту дорам.

39

Аз дур ишорат мекунад чашмонат,
Монанди садаф сафедии дандонат.
Як буса бидеҳ аз ду лаби хандонат
Садқеки сари худат, манам қурбонат.

40

Эй парӣ, аз як нигоҳи масти ту девонаам,
Не ба шабҳо сабр дорам, не қарори хонаам.
Не қарори хонаам, як ҷо намегирам қарор,
Гардани каҷҷу тавалло мекунам дар пеши ёр.

41

Аз хона баромад ӯ ба сад дарду алам,
Як даст-ба китоби сабзу як даст-ба қалам.

Ман хостам он китоби сабзаш бигирам,
Паррида бирафт, доғи ҷудой ба дилам.

42

Дар хоб будам таги дарахти писта,
Як даста гули бастаю як нобаста.
Омад ба сарам духтараки навраста,
Рухсораи сурху абруҳо пайваста.

43

Обу тоби дӯстӣ дар сунбули мӯи ту нест,
Рангу бӯи ошноӣ дар гули рӯи ту нест,
Шеваи аҳду вафо дар чашми ҷодӯи ту нест,
Як сари мӯ ростӣ дар тоқи абрӯи ту нест[1].

44

Тоқи абрӯи ту сармашқи кадом устод аст?
Чини пешониат аз баҳри дилам бедод аст.
Ишқи мо айб мабину сари мо зинда мабур,
Сари мо зинда гирифтан ҳунари сайёд аст.

45

Ҳар кас, ки Ӯротеппа равад, ёраш ман,
Рӯмоли бирешими сабукбораш ман.
Дар бозори Ӯротеппа майиз арзон шуд,
Рухсораи ёри мо таги дандон шуд.

46

Болои ҳисор анор киштем, нагирифт,
Поёни ҳисор анори нокишта гирифт.
Шох заду шиппа[2] заду ҳама ҷо соя гирифт,
Моро ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт.

47

Сари кӯҳи баланд ду ҷуфт ситора,
Ҷувони навхату бистудусола.

---

[1] Ин чор мисраъ аз мухаммаси Сайидо бар ғазали Соиб аст.
[2] *Шиппа*—навда.

Ҷувонон, қадри якдигар бидонед,
Илоҳӣ кай диҳад умри дубора.

48

Ин бом-ба намебуром, ки куртем тунук аст,
Ин ёра намегирам, ки дилҳом хунук аст.
Ин оба намехурам, ки об хас дорад,
Ин ёра намегирам, ки ин кас дорад.

49

Об додаму пиёла монд бар дастам,
Нодон будаму ба ту муҳаббат бастам.
Медонистам агар чунин ту бадқавлӣ,
Ҳаргиз ба ту меҳри худ намепайвастам.

50

Ин беди баланди саркаши мирзоӣ,
Шиштам ба умедат, чӯра, кай меоӣ?
Ой агар, эй бахти туву меҳнати ман,
Зоеъ нашавад ранҷи туву заҳмати ман.

51

Чашми бади кас ба чашми мастат нарасад,
Офат ба лабони майпарастат нарасад,
Ҳаргиз наҳарос зи дасти сӯят рафта,
Ҷуз ман дигаре ба банди дастат нарасад!

52

Эй кабӯтар, номаамро сӯи ҷононам бубар,
Пеш аз ин гар нома мебурдӣ, ту холо ҳам
бубар.
Тӯхфаи дигар надорам аз барои он парӣ,
Ранги зарду оҳи сарду дидагирьёнам бубар.

53

Эй лабат пурхандаю чашми сиёҳат масти хоб,
Икки зулфинг орасида гул юзингдур офтоб[1].

[1] Ин байт аз ғазалест, ки ба Абдураҳмони Ҷомӣ нисбат дода мешавад (*Е. Э. Бертельс*, Джами, Сталинобод, 1949, саҳ. 90).

Кай ки сози он гули мӯят парешон аз насим,
Нашъаи май медиҳад рӯи гулат аз обутоб.

54

Шаб, ки тӯфончӯшии чашми тарам омад ба ёд,
Фикри дил кардам, хаёли дигарам омад ба ёд.
Зарраро дидам парешони ҳавои нестӣ,
Нуктае аз интихоби дафтарам омад ба ёд[1].

55

Пармӣ[2], набуро, ки шаб дароз аст ҳанӯз,
Эй субҳ, надам, ки вақти ноз аст ҳанӯз.
Пармӣ, ту бирав, ба ҷои худ сокин бош,
Ин қиссаи ошиқон дароз аст ҳанӯз.

56

Як ҷӯра кунам, ҷӯраи ҷонон бошад,
Аз ҳар тарафи деҳа намоён бошад.
Ҳар ҷо ки равам, ба гаштанам ёр бошад,
Дар ваъдаи додагеш вафодор бошад.

57

Болои Мадовра[3] ҷои тирандозӣ,
Ошиқ, ки шавӣ, ба ман кулӯх андозӣ.
Тирамоҳ шавад, ба хору хас дарз дӯзӣ,
Охир ба баҳор маро ба худ месӯзӣ.

58

Ёри ҷон, расми ҷудоӣ аз ту шуд, аз мо нашуд,
Бо рақибон ошноӣ аз ту шуд, аз мо нашуд.
Дил гирифтӣ аз ману бо ғайр гаштӣ ошно,
Ошноӣ, бевафоӣ аз ту шуд, аз мо нашуд.

---

1 Ин ду байт аз ду ғазали Бедил аст.
2 *Пармӣ*—ситораи Парвин.
3 *Мадовра*—деҳест тахминан 8 *км* болотар аз Панҷрӯд.

59

Чашмам ба раҳи омаданат чор шуд,
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шуд,
Гулҳои ҷаҳон бӯй кунам, бӯи ту нест,
Сад шаҳра ба шаҳр занам, монанди ту нест.

60

Эй духтараки сафедаки якдона,
Дар абрӯю қоши ту шудам девона.
Девона манам, халқи ҷаҳон медонанд,
Шояд ки туро насиби ман гардонанд.

61

Духтар, духтаре, хароб кардӣ моро,
Садбарги хазони боғ кардӣ моро.
Мо барфи сафед будем дар кӯҳи баланд,
Офтоб шудиву ту об кардӣ моро.

62

Ҳусни ту, эй нозанин, шамъи шабистон мешавад,
Бӯи ишқат дар димоғам мушку райҳон мешавад.
Чеҳраи ту ҷон дарорад сурати деворро,
Акси ту дар қалби бечону равон ҷон мешавад.

63

Арақ гирди лабат шабнам гирифтаст,
Дили мискини моро ғам гирифтаст.
Биё, эй ҷӯра, аз ҳолам хабар гир,
Сари роҳи маро хасмам гирифтаст.

64

Эй бути ороми ҷонам, ин қадар хорам макун,
Аз барои доруе як буса-ба зорам макун.
Ҳар куҷо ки меравам, ёду хаёлам пеши ту.
Ин қадар ҷабру ситам бар ҷони афгорам макун.

65

Дар чаҳон як меҳрубон хоҳам, ки бошад ёраке,
Хурдтарак, борикмиёну маҳвашу дилдораке.
Чеҳра гулгун, чашм чодую миёнборикаке,
Хушқилиқ, ширинкалому чун камон айёраке.

66

Дил, ки пеши ту роз мегӯяд,
Ғами дар сина боз мегӯяд.
Магар устоди зулмпеша туро
Ҳама таълими ноз мегӯяд?

67

Эй себаки сурх, ман мубталоям,
Андар ғами ту ман бенавоям,
Ҳар он чи гӯй, созам муҳайё,
Ман ошиқи зор, бимо давоям.

68

Оғози сухан дигар ба рӯят накунам,
Андешаи он рӯи накӯят накунам.
Ман меравам доғи ту дар дил монад,
Ман меравам назар ба сӯят накунам.

69

Дилбари нозукниҳолам як пиёла чой дод,
Шохи бодомӣ нигорам як пиёла чой дод,
Ин пиёла зебише дорад ба дасти моҳрӯ,
Базмро обод карду гулъузорам чой дод.

70

Мерасад ба мақсудаш ошиқи низор имшаб,
Чом ба чом ман ширин, соқиё, биёр имшаб.
Лашкари ғами хубон мекунам зи сар берун,
Дар миёни хубрӯён мезанам дутор имшаб.

71

Дар сараки санг шишта сухан ёд кунам,
Ёрам куҷо рафтаю фарьёд кунам.
Қадакои раҳи мошина гулкорӣ кунам,
То омадани ёрама ман зорӣ кунам.

72

Суроғи дилбари худро ман аз ҳеҷ кас наме-
пурсам,
Мабодо дар ҷавобам нокасе гӯяд, ки ман
дидам.
Суроғи дилбари худро ман аз гирдбод пур-
сидам,
Насими субҳ гуфто: дар шаби маҳтоб ман
дидам.

73

Имрӯз дилам намекушояд бе ту,
Сад қанд хӯрам, заҳр намояд бе ту.
Сад қанд хӯрам, аз даруни ин дили ман
Харгиз наравад меҳраки якрӯзаи ту.

74

Эй ёри азиз, дар кисаат мағзу мавиз,
Сирҳои гузаштая нагӯй ҳаргиз.
Нағз будем, бад будем, эй ёри азиз,
Бо мо будӣ, вафо накардӣ ҳаргиз.

75

Як хаёлам бар дари дарвозае афтодааст,
Ёду фикрам бар нигори тозае афтодааст.
Норасида дасти ман ҳаргиз ба дасти он нигор,
Бин, ки дар шаҳри калон овозае афтодааст.

76

Ман шумо маҳбубаамро баҳри дидан омадам,
Бар муроди ин дили шайдо расидан омадам,
Ин дили бесабри ман пуршӯру ғавғо гашта-
аст,
Сирри дилро бар шумо, ҷонона, гуфтан ома-
дам.

77

Эй куртакабуд, ёри қаринат бошам,
Ту гандуми сабзу ман заминат бошам,
Дар гандуми сабз даравгарон бисьёранд,
Ман марди ғариби хӯшачинат бошам.

78

Аз хона баромадӣ бозӣ-бозӣ,
Дастат шиканад, дар ин кулоҷ андозӣ,
Имшаб, ки равам, ваъдаи хомам додӣ,
Дастат бигирам, барам ба пеши қозӣ.

79

Аз хона баромадӣ хандон-хандон,
Ду дасти булӯр дорӣ камарчабандон.
Аз хона баромадию рост истодӣ,
Аз бахти сиёҳа бедимоғ истодӣ.

80

Офтобӣ туву манам зарра,
Аз раҳи тарбият маро бардор,
З-он ки аз заррапарварӣ ҳаргиз
Накунад офтоби тобон ор.

81

Ба зери остини худ ба ман зардолу овардӣ
Садафдандон, ба дасти чап ба ман гармдору овардӣ,
Ба зулфи анбарафшонат ба ман кӯкӯтӣ[1] овардӣ,
Ба боғат рафта савғотӣ ба ман ношпӯтӣ овардӣ.

82

Як булбули боғ будаму аз боғ мондам,
Кардам сафари дуру ман аз ёр мондам.
Ҷӯред мурадо ба он қади зебоят,
Аклу ҳушама бурдию аз кор мондам.

[1] *Кӯкӯтӣ*—як навъ хулбӯй, пудинаи кӯҳӣ.

83

Оразатро дида ман аз ҷони худ кардам гузар,
Аз барои ишқи ту дар синаам хун шуд ҷигар,
Аз карам бар ҳоли муштоқони худ як дам нигар,
Рӯи ту андар назар аз моҳи тобон хубтар.

84

Булбули хушхони моро даст нагир, эй боғбон,
Рӯи ӯ чун лолаю қаддаш чу сарви бӯстон.
Ҷони ман бодо фидои абрӯи пайвастааш,
Ин дилам садпора шуд дар орзӯи ёри ҷон.

85

Шудам ошиқ ба рухсораи садбарги тарат,
Сӯхта ман дар талаби лаъли лаби пуршакарат,
Чанд парвонасифат чарх задам гирди сарат,
Эй ту дар хоби хушу ман чу ғуломам ба барат.

86

Дар боғ намедаром, ки як сар ангур,
Ман лоф намезанам, ки дилакам пур,
Дар боғ даромадам, ки як гул дидам,
Дар сояи гул ҳазор булбул дидам.

87

Се кӯҳи баланда сар ба сар мебинам,
Муллобачая ба ҳар саҳар мебинам.
Муллобачая доманакаш бар задагӣ,
Се сад гули ошуқия бар сар задагӣ.

88

Ду маҳ шудасо надидаам дилбарама,
Оё чӣ кунам сӯзиши банди дилама.
Ду моҳ шудас ин дилакам афгор аст,
Ду чашми тарам ба роҳи ёрам чор аст.

80

Хироми, хар тараф аз кадди болои ту гул резад.
Саропои ту гул бошад, ба болои ту гул резад.
Сарат гардам, ба хар нозу тамошои ту гул резад.

## БАЙТҲО

90

Ман масти туам, ту дар хумори дигарӣ,
Ман гашта хазон, ту навбаҳори дигарӣ.

91

Духтар, духтаре, аз чашма об овардӣ,
Ман садқа шавам, шаҳра ба дод овардӣ.

92

Фардо шаваду кунҷи лаҳад манзили мо,
Кирмак бичинад меҳри туро аз дили мо.

93

Мурда будам, бӯи ёри дилнавоз омад ба ман,
Бори дигар ҷони аз тан рафта бозомад ба ман.

94

Ту духтари бой бошию ман камбағалам,
Кай амри худо шавад, ки гирам бағалам.

95

Се боми қатору боми мо дар соя,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳамсоя.

96

Аскарбачае зи хуш беҳушам кардаст,
Дастам ки гирифт, ҳалқа ба гӯшам кардаст.

97

Имшаб чӣ шаб аст, ду дастакат дар дастам,
Аз буи қаланфури гулет[1] ман мастам.

98

Дар сояи санг нишаста сар шона кунӣ,
Ин баччаи тоқисурха девона кунӣ.

99

Чӯпон худатӣ[2], баччаи чӯпон худатӣ,
Хуштак бикашӣ баланду донам худатӣ.

100

Ёрам сари сангу ман дари дарвоза,
Ёрам гули сурху ман бунафши тоза.

101

Ин кабкака бин, пул мезанад чархоя,
Ин духтара бин, об мекунад дилҳоя.

102

Обе хураме, оби Зарафшон бошад,
Ёре гираме, ёраки хандон бошад.

103

Борон сари пулу резаборон сари пул,
Ҷомеш тару тоқеш тару рухмон[3] пури гул.

104

Сарбанди мазор баромадам, ёрам нест,
Бархезу биё, ки, ҷӯраҷон, тобам нест.

105

Себ себи ману соя ба боғи дигарон,
Ёр ёри ману шамъу чароғи дигарон.

---

[1] *Гулет*—гулӯят.
[2] *Худатӣ*—худат хастӣ.
[3] *Рухмон*—рӯямон.

106

Эй ёри азиз, ман туя кай кардам ҷанг,
Рафтӣ ба мусофирию дил басти ба санг.

107

Се моҳи зимистон аст, се моҳи баҳор,
Гул дар ғами борон сӯхт, мо дар ғами ёр.

108

Кабкак шаваму шинам ба нӯги қаламат,
Мурғак шаваму дона чинам дар бағалат.

109

Дилбарам болои бом, ҳарчанд имо кардам, нашуд,
Пеши мулло рафтаму сидқу сафо кардам, нашуд.

110

Аз қафои ёр рафтам, риштаи по канда шуд,
Ҷон хоб болои бому соябонам чанда шуд.

111

Аз хона баромадию хандет-ба мурам,
Ду зулфи сиёҳи чоркардет-ба мурам.

112

Аз дур сиёҳӣ мекунад чашмонат,
Монанди садаф сафедии дандонат.

113

Кокулатро аз паси гӯшат намоён кардай,
Хонаи чандин мусулмонро ту вайрон кардай.

114

Сабзиназанак, фасли гули нор шавад,
Бебӯсам ман рӯи гулат хор шавад.

115

Сабзиназанак, аз ту намегардам ман,
Аз шўи гаранги ту наметарсам ман.

116

Дар миёни чор дарьё тахтабандам кардай,
Боз мегўйй, ки доман тар накун, ҳушьёр бош.

117

Ёри мана бин, усма кашид қошоша,
Охир ба замин зад сухани додоша.

118

Булбул шаваму чаҳ-чаҳ занам дар шаби тор,
Кабкак шаваму ағба буром дидани ёр.

119

Қадат-ба мурам, қади ниҳолат-ба мурам,
Омаданакои бемалолат-ба мурам.

120

Ду қоши сиёт бурдаст дили нолонам,
Ду зулфи сиёт качак зада бар ҷонам.

121

Сабзиназанак, сабзу мунаввар гардй,
Баъд аз сари ман кўша кабўтар гардй.

122

Сабзиназанак, алову оташ борин,
Хулқи хуши ў мисоли очаш борин.

123

Сабзиназанак, ҳазору садсола шавй,
Мисли Рўдакй ба халқ афсона шавй.

124

Саъба шаваму дар остинат хона кунам,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунам.

125

Се моҳ шудаст, қаландари раббонам,
Оҳи сари ҷӯрагӣ занад бар ҷонам.

126

Сабзиназанак, сабзии ошат бошам,
Ҳар шому саҳар дар думи қошат бошам.

127

Қаддат-ба мурам, қадат ниҳоли зира,
Буз ҷӯшнию рӯймоли калонат хира.

128

Чашм пӯшида, рух тофта, зи мо мегузарӣ,
Ин ҳама мегузарад, дидаву рӯ мемонад.

129

Намеояд бурун аз ёди ман ҳаргиз нигоҳи ту,
Балои ҷони ман будаст ин чашми сиёҳи ту.

130

Як ёр дорам гандумгун,
Мӯи сараш аз сунбул.

131

Чашма ҳазор, саргаҳи чашма ҳазор,
Об хӯрда наметонэм аз ҳайбати мор.

132

Як себи самарқандию як себи Бухор,
Кай гуфта будам ба ман ту рӯймол биёр.

133

Аз хона баромадя, хуробн дилакам,
Каҷ монлани калпокат[1] алоби дилакам.

134

Чашмам ба тую пиёла афтоду шикаст,
Як бўса билех, аванси колхозчй-ба бас.

135

Кукутй[2] баланду калакам намерасад,
Ин ёр гузашту зуракам намерасад.

136

Қадбаланд, коматбаланд, гардандарозй мекунад,
Дар миёни хар ду кошаш хол бозй мекунад.

137

Хушо дар пеши ман хозир дилороми ман аст имшаб,
Ки даврони фалак гардида бар коми ман аст имшаб.

138

Ҷугй шаваму занам ба боғат чодир,
Дардат занаде, биёю ту дастам гир.

139

Ман гуфта будам юрта[3] тамошо мерам,
Уреб[4] гузашта, пеши Бадалмоҳ мерам.

140

Як бор рафтам, ба раҳ Бадалмоҳ вохўрд,
Дида мана се-чор бор пешпо хўрд.

---

[1] *Қалпоқ*—каллапўш.
[2] *Кукўта*—пудинаи кўхй.
[3] *Юрт*—мамлакат.
[4] *Уреб*—каҷ.

141

Аз чаман як гули хуш ба рӯи хок ғалтид,
Кулли зани хуб ба шӯи нопок ғалтид.

142

Ин беди баланди рӯ ба рӯи хона
Шохаш ба замину манзилаш бегона.

143

Хар гоҳ равам, оина ба дастат бошад,
Шабҳои дароз ду кас ба қасдат бошад.

144

Аз дур дидам туро, ишорат кардам,
Аз тӯғрии[1] ҳавлият иморат кардам.

145

Булбул шавам у равам дари ҳавлии шумо,
Давида буро, эй ҷӯраи ҷонии мо.

146

Аз хона баромадам, ки мурғҳо чеғ зад,
Эй ҷӯраи ҷон, ин ҷа биё, дил гум зад.

147

Бозори Уротеппа мавиз арзон аст,
Холи лаби ҷӯраҷон пари дандон аст.

148

Як обе хӯрам, ки обаки соз бошад,
Як ҷӯра гирам, табельчии колхоз бошад.

149

Гар ба меҳмонӣ қадам дар кулбаи мо мениҳӣ,
Лутф мефармоию бар чашми мо по мениҳӣ.

---

[1] *Тӯғра*—рӯ ба рӯ.

150

Тошканд-ба мувофиқи кадат кастум нест,
Дар пеши шумо баромадан осон нест.

151

Овули[1] шумо шудас шаху шахпора,
Аз ишқи шумо сӯхта мани бечора.

[1] *Овул*—чои ист дар чарогохи тобистона.

## ҒАЗАЛ ВА МУХАММАСҲО

152

Дил бурда аз ман, як дилрабое,
Бераҳму шӯхе, ҳам бевафое.
Биний нишаста бо нозу ишва
Дар хонаи ҷон як каҷкулоҳе.
Дар орази рӯ гулҳо дамида,
Дар сояи гул холи сиёҳе,
Бо ёди он гул, он зулфи сунбул
Монанди булбул дорам навое.
Ҳам ишвасозй, ҳам дилнавозй,
Ҳам ҷон гудозй бо ним нигоҳе.
Гуфтам: „Нигорам, азми ту дорам,
Ҷонро супорам, ту дар куҷой?"
Дидам: ба дасташ хунрез теғе,
Омад ба қасдам тарзи сипоҳе.
Аз ман ту бо ӯ, боди сабо, гӯ:
Гуфта Зарифй[1] бар ту дуое.

---

[1] Чунон ки Шариф Холов мегӯяд, Зарифй шоире будааст, ки тахминан дар охирҳои асри гузашта дар деҳаи Рашнаи Поён ҳаёт ба сар бурдааст. Муртазо Гадоев, ки мо ин шеърро аз ӯ ҳам навишта гирифтаем, байти охирро чунин тағьир додааст:

> Гуфтам, ки: „Хайре бар ин дуогӯ!"
> Гуфто: „Гадой, аз ту дуое!"

Ин байт хеле шинам омадааст, калимаи „гадой" на танҳо маънои „гадое хастй", балки номи гӯяндаро ҳам ифода мекунад.

153

Қомати сарви хиромони ту бар ҷонам занад,
Орази хуршеди тобони ту бар ҷонам занад.
Ман гирифтори ду чашми ҳамчу бодоми туам,
Чашми шӯхангези мастони ту бар ҷонам занад.
Ман асири ҳарду зулфи анбарафшони туам,
Ҳарду кокули парешони ту бар ҷонам занад.

154

Биё, эй дида, во шав, сарви хушрафтор меояд,
Гули боғи латофат ҷонибн гулзор меояд.
Ба вакти субҳидам, эй ғунчаи гул, як табассум
кун,
Ба сӯи бӯстон чун булбули афгор меояд.
Матои бебаҳо ҳастӣ агарчӣ, ғам махӯр, рӯзе
Харидори ғарибон бар сари бозор меояд.
Аҷаб ман рӯи зишту толеи шӯридае дорам,
Агар бар гул назар созам, ба чашмам хор меояд.
Агар бар ғам гирифторӣ, макун тимор[1] дар олам,
Табиби ҳозиқ охир бар сари бемор меояд.

155

Шаби васл аст, ҷононам куҷо шуд?
Баҳор омад, гулистонам куҷо шуд?
Ба ранги сояҳо монам дар ин кӯҳ,
Бигӯ сарви хиромонам куҷо шуд?
Ба ҳар кас ёр меҳмон аст имшаб,
Манам бе ёру меҳмонам куҷо шуд?
Дилам аз зиндагӣ роҳат надорад,
Сабо, он мӯниси ҷонам куҷо шуд?

156

Эй рафиқон, гаштаам обу адои духтарак,
Кардааст девона нозу ишваҳои духтарак.
Чун кунам, рухсори ӯро дидаму ошуқ шудам?
Мекунам ман, ҳар куҷо бошад, дуои духтарак.
Ногаҳон он нозанин ояд ба сӯи кулбаам,
Ҷони худро мекунам он дам фидои духтарак.

---

[1] *Тимор*—нолаву фиғон.

157

Эй бути ороми чонам, ин қадар хорам макун,
Аз барои якта бўса хору озорам макун.
Ҳар кучо ки меравам, ёду хаёлам пеши ту,
Ин қадар чавру ситам бар чони афгорам макун.
Ваъдахое медиҳию ваъдахомй мекунй,
Мисли Мачнун ранчуру маҳчуру беморам макун.

158

Мурғи дили ман лона ба гесўи ту дорад,
Ё ришта ба пояш зи хами мўи ту дорад.
Дар гулшани зебои латофат чу ниҳолй,
К-ин чашм нигаҳ бар қади дилчўи ту дорад.
Бар заъфи дили хастаи ман бўи шифой,
Ин хосияти хуб дуто мўи ту дорад.
Хоки сари кўи ту шавам, эй маҳи тобон,
Умрест, ки дил орзўи кўи ту дорад.
Боғу чаману ёсуман, эй дилбари чонон,
Ҳар барги гулаш бўи хуш аз рўи ту дорад.
Лутфе бинамо, ҳоли маро пурс ба як бор,
Умрест, ки ин дил тақопўи ту дорад.

159

Аз фироқаш доғҳо дар сина пинҳон меравам,
Тири ишқаш бар чигар, бо оҳу афғон меравам.
Бе маи лаъли лабаш дорам ба дил хумморҳо,
Ҳасрати чоми маяш дар сина пинҳон меравам.
Ман шудам шайдои ў, саргаштаи савдои ў,
Сўхта аз ғамҳои ў, ғамгину ҳайрон меравам.
Маҳчуро, з-ин гуфтугў мақсуди дил ҳосил нашуд,
Меравам аз даргаҳаш, афтону хезон меравам.

(*Маҳчури Фалғарй*)

160.

Ман аҳди туро кучо шикастам?
Ғайри ту ба кй ман аҳд бастам?
Кай риштаи меҳри ту нацустам?
Бе ёди ту кай даме нишастам?

161

Пайваста ман андар орзӯят,
Биншаста назар кунам ба сӯят,
Шояд ки вазад насими кӯят,
Дил зинда шавад маро зи бӯят.

---

Аммо ту ба ман назар накардӣ,
То хонаи ман сафар накардӣ,
Аз кӯчаи ман гузар накардӣ,
Як бор маро хабар накардӣ.

162

Бе рӯи гулат чунонам, эй дӯст,
Булбул шуда дар фиғонам, эй дӯст.
Сайди туро чу дидам акнун,
Мурғи дили худ тапонам, эй дӯст.
Харчанд ба сабр метавон ёфт
Васли ту, наметавонам, эй дӯст
Чандон ғами ту ба дил нишаста,
Ҳаргиз ададаш надонам, эй дӯст.
Аз тундии хӯи оташинат
Бо лаб бирасида ҷонам, эй дӯст.
Ишқӣ зи ту кай сухан тавон гуфт,
Лол аст зибас забонам, эй дӯст[1].

(*Ишқӣ*)

163

Саломе назди ҷонон мефиристам,
Саломе хуштар аз ҷон мефиристам.
Саломе бо даҳони пистаи ту,
Саломе бо даҳони рустаи ту.
Саломе бо ду чашмони сиёҳат,
Саломе бо ду абрӯи камонат.
Саломе бо баёзи гардани ту,
Ки охир хуни ман дар гардани ту.

---

[1] Ин шеър назираи он ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад, ки матлааш ин аст:

Дур аз рухи ту чунонам, эй дӯст,
К-аз хастии худ ба ҷонам, эй дӯст.

Ғазали Ҷомӣ ҳам дар байни халқ шӯҳрат дорад.

Саломе мефиристад ошиқи зор,
Бар он маҳбуби барнои ситамгор.
Манам муштоқ, эй маъшуқи мастам,
Намедонам, ки кай афтӣ ба дастам.

164

Аз боло кұланг омаду кӯш мурғобӣ,
Ошуқ шудаям ба духтари кӯлобӣ,
Ин духтари кӯлобӣ маро фанд бидод,
Аз мӯи сараш кандаю тагбанд бидод.
Тагбанда чико кунам, миёнаш борик,
Як бӯса бидеҳ, сари дилам шуд торик.

165

Ба хоби хештан дидам ман он рухсори ёр имшаб[1],
Мисоли шамъ метобид хуррам лолазор имшаб,
Чу бишкуфта гули гулшан ба айёми баҳор имшаб,
Диломе, ки кардам бо ту ман гуфтугузор имшаб,
Фурӯғи оразаш дил бурду аз ҷонам қарор имшаб.

Ба сони ғунча меболам, чаро он ёр ҳамдам нест,
Рухи зебои ҷонон дидаам, ин ҷои мотам нест,
Зи Маҷнун гар хабар дорӣ, ҳавои сайри ӯ кам нест,
Сипанди маҷмари ишқам, қарори сабр дар ман нест.
Намедонам, чӣ созам ман зи дарди беқарор имшаб.

---

[1] Аз рӯи гуфти Мирзо Гулов муаллифи ин шеър Миркамол ном шоире будааст, ки дар деҳаи Рашнаи Поён тақрибан 150 сол пеш аз ин умр ба сар бурдааст.

Куҷо моро ба домони ту, эй маҳ, дастрас бошад,
Зи рӯи марҳамат гар як назар сози ту, бас бошад,
Ҳамеша дар хаёлам диданн рӯят ҳавас бошад,
Маҳи ман, толиби рӯи хушат бисьёр кас бошад,
Магар бар ҳоли зори ман худо фарьёдрас бошад!

Надидам дар ҷаман ҳаргиз ба монанди гули рӯят,
Гаҳе аз оразат гардам, гаҳе аз қадди дилҷӯят,
Бидон, гаштам гирифтори каманди ҷаъди гесӯят,
Надонам бо кадомин нанг бошам аз саги кӯят,
Саги кӯи ту гардидан маро дар дил ҳавас бошад.

Ба ин хубӣ агар монӣ қадам бар ҷониби гулшан,
Ба таъзими ту бархезад тамоми лолаву савсан,
Кунад шамъи ҷамолат хонаи торикро равшан,
Намегардам зи кӯят, сад ҷафо созӣ агар бар ман,
Ки баргаштан зи кӯи дӯст кори булҳавас бошад.

Зи рӯи лутф кун, ҷоно, назар бар ҳоли зори ман,
Тараҳҳум кун ба ҳоли ин ду чашми ашкбори ман,
Масӯзон аз сари қаҳру ғазаб моро, нигори ман,
Ба сӯи Ҷазбии бедил назар кун, гулъузори ман,
Гадоят бар ғамат нолон ба монанди ҷарас бошад.

(*Ҷазбӣ*)

## ТАРОНАҲО

### 167

### ДАРДАМ ДАВО КУН[1]

Бо ғайр баста,
Аҳди дубора,
Худ дил кандӣ,
Аз ман дубора.

Дилам ғамонат,
Зору хазинам,
Кардӣ чунинам,
Созам чӣ чора.

Дод аз ҷафоят,
Ҷонам фидоят,
Ман зери поят,
Ту моҳпора.

Вазъи наво кун,
Дардам даво кун,
Субҳу сафо кун
Шабҳои тора.

Ҳайрони ӯям,
Ман бо кӣ гӯям.

---

[1] Ин сурудро дар деҳаи Рашнаи Поён аз Шукуров Муҳаммадкул ва Аминов Муҳаммалӣ навишта гирифтем, ки ҳар дуяшон талабаи синфи VII буда, онро дар рӯи як варақ когазе навишта гирифта, аз ёд карда мегаштанд. Суруд, дар асоси гуфтаи онҳо, ба қалами ҳамқишлоқиашон Муллоашӯри Маҳзун тааллуқ дорад.

Н-омад ба сӯям,
Мо дар канора.

Чун кулба рафтам,
Аз кӯҳ частам.
Аз дур кардам
Ногаҳ назора.

Дидам яке гул
Дар шохи сунбул,
Ҳар тори ин гул
Ҳамчун ситора.

Як навниҳоле,
Абрӯҳилоле,
Ҳар тори зулфаш,
Як моҳпора.

Бо ӯ, нагуфтам,
Ҳоли дили хеш,
Кулба чу мӯяш,
Гардида хора.

Маҳзун, паёпай
Менолй чун най,
Чанд аз рухи вай,
Гардй авора.

168

Имшаб дидам ситораро,
Ситораи маҳпораро.
Ман ошуқи шайдои ту,
Бингар мани бечораро.

Бозй куну бозй кун,
Навданиҳол, бозй кун,
Химчамиён, бозй кун,
Пештар биё, бозй кун.

Соқй, ба ман ниго кун,
Аз ҷону дил вафо кун,
Аз дарди бедавое
Нола кунам, дуо кун.



Тошов Муҳаммадамин



Шамсиддинов Наҷмиддин



Исоев Муллоумар



Зоҳидов Насриддин



Манзарае аз дехаи Панчруд.

Хар бор ки бихезад,
Гул ба сари гул резад.
Агар ошиқ ситезад,
Гашта ба вай ниго кун.

Гулам рафту хораш монд,
Дар сина ғубораш монд.
Гашта биё ба пешам,
Ба дарди ман даво кун.

169

Он новаки ҳаҷри туро
Ин ҷони пурғам шуд ҳадаф,
Эй сарвқадди дилрабо,
Ту як тараф, ман як тараф.

Гаҳ дилрабоӣ мекунӣ,
Гаҳ бевафоӣ мекунӣ,
Аз ман ҷудоӣ мекунӣ,
Ту як тараф, ман як тараф.

Чашмони пурнам як тараф,
Зулфони пурхам як тараф,
Ағьёри ҳамдам як тараф,
Ту як тараф, ман як тараф.

170

Барги дарахтам шуд хазон,
Он гул ба дасти нокасон,
Таъна намуд дар бӯстон,
Хай ёр, моро сӯхтӣ.

Раҳме бикун бар ҳоли мо,
Бо ин дили абгори мо,
Бо нолаҳои зори мо,
Хай ёр, моро сӯхтӣ.

171

Накан ин гули зарда,
Дарунаш дорад парда,

Аз дасти ин бевафо,
Ман ба кӣ гӯям дарда?

172

Биё, мерем, ҷонона,
Буро, биё аз хона,
Занҷири сари зулфат
Ба гардани девона.

Ҷононаи ҷони ман,
Бодомаки нағзи ман.
Бодом асту мағз дорад,
Ҷӯрекон нағз дорад.

173

**ШИРУ ШАКАР**

Ҷонони ҳарду олам,
Ялғуз сани севарман[1]
Гоҳ аз лабу даҳонат
Ширу шакар ичарман[2].

Хӯрдам шароби ишқат,
Бехуд булуб йиқилдим[3]
Ту дар даруни хона
Ман ташқарида[4] ғамгин.

Як дам туро набинам,
Девонадак юрарман[5]
Гар пеши ман наой,
Дар ғамакат ӯлармаи[6].

174

Ишқ омад, ихтиёр кард,
Парвонаро бедор кард.

---

[1] *Ялғуз сани севарман*—танҳо туро дӯст медорам.
[2] *Ичарман*—менӯшам.
[3] *Бехуд бӯлиб йиқилдим*—бехуд шуда афтодам.
[4] *Ташқарида*—дар берун.
[5] *Девонадак юрарман*—девона шуда мегардам.
[6] *Ӯларман*—мемирам.

Нозам ба ҷилва омад.
Ҷонона[1] бекарор кард.

Гуфто, ки: ишқ бозам,
Ҳангоми дилнавозист.
Ҷононаро хабар кун,
Айёми ишқбозист.

Гуфтам:
—чӣ ноз дорӣ
Ҷонон, биё, гузар кун!
Боре ба сӯи ошиқ,
Дилбар, биё, назар кун!

Ман интизори рӯят,
Тарки ҷудоӣ дорӣ?
Мастона месароям,
Ҳаргиз нигое дорӣ?

Ба ишқи духтари кас
Мағрур нашав, Иноят[2],
Аз бевафоии ӯ
Асло накун шикоят.

175

Қад-қади дарьё
Хулба[3] дамидаст,
Бар ошиқи мо
Савдо дамидаст.

176

Қад-қади ёвон
Ду гул намоён.
Яктеш—лола,
Яктеш—райҳон.

Райҳон, райҳон,
Эй гули хушбӯй,
Гирифтаӣ ҷо
Дар дилу дар ҷон.

---

[1] *Ҷонона*—ҷононро.
[2] *Иноят*— гуё номи муаллифи ин шеър аст.
[3] *Хулба*—пудина, хулбӯй.

177

Рафтам сари оснё,
Дидам духтар бисьёр,
Яктеш рӯмолаш гулдор,
Балот занад, рӯмолдор.

178

Олуча гули анчир,
Ёр аз ман чи-ба[1] ранҷид,
Ҳар бор маро медид,
Ба курта намеғунҷид?

179

Холе дар сари рухсор,
Гирди назар гулъузор.
Ҳама дар хоби роҳат,
Ман дар ишқи ӯ бедор.

Аз боло кулӯх омад,
Якта себи сурх омад.
Себи сурха бӯ кардем,
Бӯи ҷӯраҷон омад.

180

Равем сари кӯшаш-ба,
Ҳалқа занем гӯшаш-ба,
Рӯймоли рӯпӯшаш-ба,
Думчекон қошаш-ба.
Тангкӯчаю росткӯча,
Мирзогули олуча.

181

Чашми сиёҳи зоғат,
Модар набинад доғат,
Модар бинад-ку бинад,
Ошиқ набидад доғат.

---

[1] *Чи-ба*—барои чӣ?

182

Имшаб шаби мадраса,
Дастам ба ту нараса,
Дастам ба ту гар расад,
Додам ба афлок расад.

183

Аз боло борон борид,
Дандони ёр марворид,
Ҳар гап задам нафорид,
Рӯмоли шолам форид.

184

**ТУ САДБАРГИ КАДОМ БОҒӢ?**

Туро дилбар ҳисоб кардам,
Дили бечора об кардам,
На чиз хӯрдам, на хоб кардам,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ту ёри хушлиқо будӣ,
Валекин бевафо будӣ,
Аз ин мискин ҷудо будӣ,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Мисоли дастаи сунбул
Дувоздаҳ химчаи кокул,
Шудем мо доғи якто гул,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ба даст дорӣ ду даспона,
Ба зулфонат задӣ шона,
Ки хушдори ту девона,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ба дастат косаи об аст,
Рухат монанди маҳтоб аст,
Ки хушдори ту бетоб аст,
Ту садбарги кадом боғӣ?

## ҒАРИБӢ, МУСОФИРӢ, ШИКОЯТ

185

Оби чашмам рехт, рехт, чандин замине боғ шуд,
Гирьяҳо кардам чунон ки халқи олам доғ шуд.
Ман дигар тоқат надорам, меравам кӯҳи баланд,
Ҳайфи майдоне, ки он охир насиби зоғ шуд.

186

Ғарибу бекасам, ин ҷо расида,
Фироқи дӯстон бисьёр дида.
Ду ҳарфе, к-андар ин манзил навиштам,
Яке аз хун, яке аз оби дида.

187

Эй беди баланди рӯ ба рӯи хона,
Шохот ба замину манзилат бегона.
Шохи шикастагет маро абгор кард,
Юртоси мусофирет маро бемор кард.

188

Ман асири ғурбатам, роҳи ватан гум кардаам,
Кас писар гум карда бошад, ман падар гум
кардаам.

189

Булбул сари сангу нолишаш аз бӯстон,
Бечора сарам ҷудо шудаст аз дӯстон.

190

Кабкак манаму хонаи ман дар камаро,
Ҳавли дили ман зи ҳавли дӯзах батаро.

191

Дарьёи калон ҷӯш занад, ҷушаш ман,
Оташ, ки аланга мезанад, дудаш ман.

192

Э фалак, бар ман аҷоиб зулму зиндон то ба кай?
Мехӯрам хуни ҷигар аз зулм ин сон то ба кай?

193

Боғбони гул будам, ҳаргиз начидам якта гул,
Гул ба дасти нокасону ман адои якта гул.

194

Модар, модаре, чаро калонам кардӣ?
Ширакам додӣ тую ситам ба ҷонам кардӣ.

195

Се моҳ шудаст, очем лаби об шудаст,
Сандуқи дилам кӯзаи зардоб шудаст.

196

Шӯ дидаю роҳатои шӯ нодида,
Як шӯ дораму чорукош даррида.

197

Гули ман, баъди ман бо ҳар кӣ мехоҳад дилат,
бишин,
Ки ман чун лола доғе дар ҷигар аз ин чаман
рафтам[1].

198

Чор ҷӯраякему ҳар кучо мегардем,
Якамо[2] мебиравад, хафанамо мегардем.

[1] Ин байтро ба Туғрал нисбат медиҳанд.
[2] *Якамо*—яктаамон.

199

Борони баҳор чибир-чибир[1] меборад,
Ин келини бой дар капа[2] нолиш дорад.

200

Аз хона баромадам, ки оҳе кардам,
Сӯи замини падар нигоҳе кардам.
Рӯи замини падар, ки регҳои дурушт,
Як парчеша зар корему як парчеша мушк.
Не токати зар дораму не токати мушк,
Ин тақдиру ин мулки мусофир мана кушт.

201

Ҳама як сӯ бувад, иодилани он гулбадан як сӯ,
Фироқи бекасӣ як сӯ бувад, доги ватан як сӯ.
Саҳар бар ҷониби гулзор рафтам баҳри гулчинӣ,
Садои булбулон як сӯ, тамошои чаман як сӯ.

202

Порсол чӣ сол гузашту имсол чӣ сол,
Аз меваи порсола нахӯрдам имсол.
Панҷакат равои ҳастам барои хондан,
Ғурбат нахӯред, соку саломат ҳастам.

203

Ватан, хокат зи қанд ширин,
Шудам ман аз ватан берун,
Тазаллум бар сарам чандин,
Ба даргоҳи ту меноламм.

Шудам Маҷнуни вовайло,
Фитодам байни ду дарьё,
Нигаҳ дорӣ зи офатҳо,
Ба даргоҳи ту меноламм.

Баҳор шуд, вақти деҳқонӣ,
Худовандо, ту медонӣ,

[1] *Чибир-чибир*—шибир-шибир.
[2] *Капа*—каппа, чайла, коза.

Будаст тақдиру пешонӣ,
Ба даргоҳи ту менолам.

Мусофир ман, ба зиндонам,
Ба кас гуфта наметонам,
Ба зери дасти инсонам,
Ба даргоҳи ту менолам.

204

Мурғи зирак будаму ногаҳ ба тақдири худо
Донае ночинда дар доми бало афтодаам.
Чархи каҷрафторам акнун дар ҷаҳон овора кард,
Ман куҷо будам, ки ин соат куҷо афтодаам.
Эй Хусайнӣ[1], дар ғарибӣ ғам махӯр, дилшод бош,
Ман дар ин ғурбат ба тақдири худо афтодаам.

205

Шӯрак[2] чиндам дар ёвон,
Пайдо шуданд қирғизон,
Қирғизон ҳуҷум бастанд,
Моро сари зин бастанд[3]
Номи мо Ғарибсултон,
Дар чорбоғи Туркистон.
Ба очем хабар равад,
Чизакома пахн кунад,
Очем „вобалам“ гӯяд,
Дугонем уланг гӯяд.

206

Саҳар хестам ба гулчинӣ,
Бирафтам, доманам холӣ.
Садо аз булбулон ояд,
Ки дод аз дасти танҳоӣ.

---

[1] *Хусайнӣ*—гӯё номи муаллифи шеър аст.
[2] *Шӯрак*—алафи шӯра.
[3] Дар гузашта бодиянишинон ба бошишгоҳҳои сокинони Осиёи Миёна ҳуҷум карда зану духтарони зеборо гирифта мебурданд. Дар ин суруд ҳамин ҳодиса акс ёфтааст ва аз эҳтимол дур нест, ки қирғизон гуфта ҳамон бодиянишинон дар назар дошта шудаанд.

207

## ҚИССАИ ҶАВОНИ ШАҲРИ БУЛҒОР

Шунидам ман зи устоди суханчин,
Ҳикоят карда дар айёми пешин,
Ки ҷамъи ҳоҷиён эҳром бастанд[1],
Ба ёди Каъба дар маҳмил[2] нишастанд.
Кашиданд заҳмате айёми бисьёр,
Расиданд оқибат бар мулки Булғор.
Аз он мардум, ки шафқатҳо бидиданд,
Дар он ҷо чанд рӯзе орамиданд...
Яке маҳ Сомзода[3] навҷавоне,
Дамида навхату сарви равоне.
Бубаст аз баҳри хизмат ӯ миёнро,
Зиёфат карда ҷамъи ҳоҷиёнро.
Бигуфто:
„Аз падар дастур хоҳам,
Ки ман ҳам бо шумо дар азми роҳам".
Бигуфт:
„Алҳамдулилло, эй бародар,
Ки бахту толеи мо гашт ёвар.
Валекин аз падар дастури худ хоҳ—
В-аз он пас бош бо мо низ ҳамроҳ".
Ба хона рафт ӯ бар пеши бобаш[4].
Бигӯяд, то чӣ мегӯяд ҷавобаш.
Падар гуфто, ки
„Ман кай мегузорам,
Ки ман ғайр аз ту фарзанде надорам!
Ба модар гуфт ҳам, ин шуд ҷавобаш

. . . . . . . . . . . . . . . . .

Бигуфто:
„Рухсатам деҳ андар ин роҳ,
Ки албатта равам ман хоҳу ноҳоҳ..."
Баноҷорӣ ризо доданд оҳир,
Супурданд бо Худову шуд мусофир.

---

[1] *Эҳром бастан*—бор бастан, ба сафар баромадан.

[2] *Маҳмил*—каҷобае, ки барои нишаста сафар кардан ба шутур бор мекунанд.

[3] *Сомзода*—ин калима эҳтимол ба маънои аз авлоди Сом—бобои Рустами Достон, ё маҷозан ба маънои паҳлавон, баҳодур омада бошад.

[4] *Бобаш*—бобояш, падараш.

Бибаст маҳмили худро раҳравон шуд.
Ҷавон ҳамроҳи ҷамъи ҳоҷиён шуд.

Ҳамерафтанд чун манзил ба манзил,
Ки гардад оқибат мақсуд ҳосил.
Аҷал омад, гирифт аз раҳ иноиаш,
Ба теғи тез карда қасди ҷонаш.
Ба лаб табхола буд, анбар (?) даҳонаш,
Забонаш хушкида андар даҳонаш.
Чу диданд зору хаста нотавонаш,
Ба раҳ бигзоштанд ӯро чунонаш.
Ба кунҷи масҷиде ӯро гузоштанд,
Ки хоҳем дид вақти бозгаштан.
Ҷавони нозуку бемору маҳҷур[1]
Зи ҳоли хештан гардида ранҷур
На қувват монда андар дасту пояш,
На кас дода даме обе барояш.
Дар он ҷо монда ӯ бемору мазлум,
Зи хешу қавму аҳли байт[2] маҳрум.
Аз он мардум ҳамекарданд канора

. . . . . . . . . . . . . . . .

Бинолид аз даруни дил чу он ёр,
Ниҳода рӯи нозукаш ба девор,
Ки: „Ё раб, ман надорам ёри ҷонсӯз,
Кӣ бар маргам бигирьяд зор имрӯз?
Кӣ, ё раб, об бар ҳалқам чаконад?

. . . . . . . . . . . . . . . .

Кӣ ояд нолаҳо карда ба сӯям?
Кӣ шӯяд гарди беморӣ зи рӯям?
Кӣ хоҳад гуфт, эй ҷони бародар?

. . . . . . . . . . . . . . . .

Куҷо модар, ки бар ҳолам бисӯзад?
Кафанро бар танам, ё раб, кӣ дӯзад?
Кӣ тобути маро бардорад аз ҷой?
Падар, ғофил зи ҳоли ман чаройӣ?
Чаро бар пеши чашми ман наойӣ?

---

[1] *Маҳҷур*—дурафтода, ғариб, аз хешу таборааш ҷудо гардида.
[2] *Байт*—оила; *аҳли байт*—аъзоёни оила.

Ки фарзанди азизат хор гашта,
Ғарибу бекасу бемор гашта".
Касе раҳме намуд, пеши дилафгор
Ниҳодаш нимаи нон, нимаи нор.
Басе будӣ ба дарди худ гирифтор—
На аз нон хӯрдию не нимаи нор.
Бигуфто:
„Эй ҷавон, аслат куҷой?
Ҷаро дар кунҷи масҷид бенавой?"
Бигуфто:
„Асли ман аз шаҳри Булғор...

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Ватан,—гуфто,—ба Булғор аст моро,
Дар он ҷо хеши бисьёр аст моро.
Гузорат гар фитад бар шаҳри Булғор,
Саломи мо расон бар ҷумла як бор.
Нагӯ—дар бенавой ғам кашида
Ба ғурбат рафта, он ҷо орамида.
Вале гӯ, ки бувад ӯ хурраму шод,
Нагӯ, ки нақди умраш гашта барбод.
Чу бобо бишнавад, ранҷур гардад,
Чу Яъқуб дар фироқам кӯр гардад[1].
Бародар бишнавад, дилхаста гардад,
Дари ишрат ба рӯяш баста гардад.
Агар марги маро донанд хешон,
Шаванд аз баҳри ман зору парешон.
Гиребонро занад чок аз бароям.

. . . . . . . . . . . . . . . . .

Басе хуноб аз мижгон фишонанд,
Давои маргро бар ман бигӯ чист,
Зи хоҳар дар ҷаҳон дилсӯзтар кист?"
Бигуфто:
„Эй ҷавони хубу ором,
Диламро сӯхтӣ дар тоби ҳиҷрон.
Бигӯ, то хӯрданӣ орам бароят,
Кунам ҷону дили худро фидоят."

---

[1] *Яъқуб*—падари Юсуф, ки аз рӯи афсонаи қадимии „Юсуфу Зулайхо", аз фарзанди худ ҷудо шуда чашмаш кӯр мешавад.

Бигуфто:

„Гар касе себе расонад,
Ки шояд оташи дилро нишонад".
Сабук часту равон гашт ӯ ба бозор,
Харидаш чанд себе бахри он ёр,
Нидо омад: ҷавон мурда, кафан ор!
Дареғо, доду фарьёд аз ғарибӣ,
Ҳазорон доду фарьёд аз ғарибӣ!
Саной бори дигар рафт бозор,
Кафан ҷамъ оварид аз бахри он ёр.
Бишуст бо анбару мушку гулобаш,
Кафан печида монд андар туробаш[1].
Худовандо, биёмӯрз ин ҷавонро,
Мани дилрешу ҷамъи мӯъминонро,
Ки Абдуллои мискинро биёмӯрз!
Ғарибу зору ғамгинро биёмӯрз!

---

[1] *Туроб*—хок.

## МАРСИЯ

208

Синнаш расо шуд сию ҳафт,
Мақсуди худ новард ба каф,
Мондаст ятим, во ҳасрато,
Во ҳасратои навҷавон!

Ҳаштӯми август мурданаш,
Орзуи дуньё бурданаш,
Тӯи писар нодиданаш,
Во ҳасратои навҷавон!

Табъаш баланд буд, хушсухан,
Дар байни халқ ӯ буд писанд,
Печонд сар андар кафан,
Во ҳасратои навҷавон!

Шуд мотаме дар мурданаш,
Аз ёру дӯст дур буданаш,
Монда калид андар дараш,
Во ҳасратои навҷавон!

Рӯзи ғазо шуд мурданаш,
Рӯи писар нодиданаш,
Коре ба худ нокарданаш,
Во ҳасратои навҷавон!

## 209

Як гуле аз гулшани боги ҷаҳон гум кардаам,
Булбули мастам, ки роҳи бӯстон гум кардаам.
Ғунчаи бишкуфтаам рафт аз ҷаҳон бо сад алам,
Ман гиёҳи ташналаб, оби равон гум кардаам.
Чун нанолам ҳамчу булбул дар ғами ӯ зор-зор,
Қумрии ҷӯлидаам, ороми ҷон гум кардаам.
Ғунчаи хотир маро аз боғу бӯстон во нашуд,
Чуғзи ҳар вайрона гаштам, хонумон гум кардаам.
Ҷазбиё, хун шуд дилам аз ғуссаи дарду фироқ,
Оҳу вовайло ки ман рӯҳи равон гум кардаам.

(*Ҷазба*)

## 210

Дод аз дасти аҷал, фарьёд аз дасти аҷал,
Шуд гули наврастаам барбод аз дасти аҷал.
Шишаи айшам шикаст аз санги бедоди аҷал,
Ҷоми уммедам зи даст афтод аз дасти аҷал.
Қасри умрам шуд хароб аз боди марги бемаҳал.
Каъбаи мақсуд нашуд обод аз дасти аҷал.
Мурғи рӯҳам шуд ба доми дарду доғат мубтало,
Тӯтии ҷонам нашуд озод аз дасти аҷал.
Кӯҳкан дар ишқи Ширин ҷонканиҳо карду рафт,
Сарнагун шуд тешаи Фарҳод аз дасти аҷал.
Тақдири рӯзи азал ин аст, Маҳҷур, сабр кун,
То ба кай ин нолаву фарьёд аз дасти аҷал.

(*Маҳҷур*)

## 211

Навниҳоли ҷӯйбори боғи ризвонам бирафт,
Ғунчаи наврастаи гулзору бӯстонам бирафт,
Сарви озоди равону гулшани ҷонам бирафт,
Сабзаи пои гулу саҳни гулистонам бирафт,
Нури ҳарду дидаву шамъи шабистонам бирафт.

Дар фироқаш доимо бо меҳнату ғам ҳамдамам,
Бевисолаш лолаи домони кӯҳсори ғамам,
Мустаманди дарду фуркат, поймоли мотамам,
Рафт аз ҷон қуввату аз захми дилҳо марҳамам,
Марҳами ҷонам бирафту қуту дармонам бирафт.

Аз ҷафои марг дорам хорҳо андар ҷигар,
Дар гулистони бадан гул карда захми нештар,
Мезанад чархи фалак бар фарқи ман теғу табар,
Рафта ҳушам аз сару дарду алам ҷон дар хатар,
Аз шароби ҷоми ишрат лаззати ҷонам бирафт.

Доду доғи фурқаташ дар синаам ҷо мекунам,
Ҳамчу Маҷнун дар фироқаш азми саҳро мекунам,
Ҳар замон бо ёди ӯ сад шӯру ғавғо мекунам,
Турбати ӯро кунун бар хеш маъво мекунам,
Нури хуршед ин замон аз қасру айвонам бирафт.

212

Фалак, ин оташи ҳасрат чаро афкандӣ бар ҷонам,
Чаро кардӣ хазон ин меваи нахли гулистонам,
Баҳори файзи уммедам чаро кардӣ зимистонам,
Фалак, аз дасти ту то бар қиёмат дод гӯёнам,
Чӣ чора боядам кардан, ба ин ҳасрат ба армонам.

Ҳар он касро, ки дар олам шавад гум номи
фарзандаш,
Бимонад доғи номаш то абад дар мағзи пайвандаш,
Ҳамеша талх бошад дар даҳонаш луқмаи қандаш,
Набинад ҳеҷ кас ӯро ба ҳеҷ аҳвол хурсандаш,
Ки ин аҳвол, ки ман дидам, дигар касро
намедонам.

Падар монанди мурғесту писар чун болу пар бошад,
Падар нахлест дар олам, писар ӯро самар бошад,
Агар афтода гардад ӯ, зи ҳолаш бохабар бошад,
Касеро, ки писар набвад, ҳамеша чашми тар
бошад,
Аз ин маънӣ ҳамеша хаставу бо чашми гирьёнам.

Касеро, ки писар набвад, чу қасри бесутун бошад,
Ба боғи зиндагонӣ нахли умраш сарнагун бошад,
Чу лола синааш доғу вуҷудаш ғарқи хун бошад,
Аҷаб доғи сияҳ бар ҷони Маҳҷур бенамун бошад,
Наосуд як нафас аз ғам маро ин ҷони меҳмонам.

(*Маҳҷур*)



Баракаев Таго



Холов Шариф



Холиқов Рахмон



Қурбонов Исом



Як гӯшаи деҳаи Панҷрӯд.

## 213

То маро он нури чашму меҳрубон аз даст рафт,
Тоқати тан, сабри дил, ороми ҷон аз даст рафт.
Рафт чун он аз назар, ёри дигар мавҷуд нашуд,
Булбули шӯридаам, доду фиғон аз даст рафт.
Дар ҷаҳони бевафо дилбанди ман ӯ буду бас,
Қисса кӯтаҳ мекунам, гӯё ҷаҳон аз даст рафт[1].

## 214

Имшаб чӣ шаб аст, ситора зил-зил мезанад!
Бечора Ниёзхӯҷа аспи сиё зин мезанад.

Ниёзхӯча буромад аз Варзи Мунор[2],
Ду рухсори хуб дорад монанди анор.

Ниёзхӯча рафта расид бар ҳавлии Сурххӯҷа[3],
Кордҳоя заданд як чанд бар сари Ниёзхӯҷа.

Кордаш гулгун, ғилофи кордаш гулгун,
Сар то қадам, риши сиёҳаш гулгун.

Дар ҷои Ниёзхӯҷа киштанд ғӯза,
Аз пои муборакаш кашиданд мӯза.

Ин мӯзаи туя ман ба оби зар медӯзам,
Ин юртҳои туя ба як назар месӯзам.

Қимати зебо ба хоки тира пинҳон карду рафт,
Модару хешу табор ду дида гирьён карду рафт.

## 215

Тагрӯ овард кали Шариф[4],
Ӯрун[5] яке дардаш гирифт,

---

[1] Ин шеър бо баъзе фарқҳо дар „Одина"-и устод Айнӣ дида мешавад („Асарҳои мунтахаб", Сталинобод, 1949, саҳ. 297).

[2] *Варзи Мунор*—деҳае, ки ҳоло маркази районни Айнист.

[3] Ниёзхӯча дар деҳаи Ғусар кушта шудааст. Сурххӯча, аз рӯи кор, яке аз сокинони ин кишлоқ будааст.

[4] *Шариф*—деҳқоне будааст, ки ӯро босмачиҳо дастгир карда ҳамроҳи худ овардаанд.

[5] *Ӯрун*—посбони полез будааст.

Иноята[1] бар даст гирифт,
Абдуқаҳҳорҷонам[2] балам!

Гирд кард гирд чун соябон
Қаҳҳор гуфт: „Вой очаҷон!“
Дуздҳо ӯро-бурданд давон
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

Порвинба[3] рафту рӯз шуд,
Аз ёру дӯсташ дур шуд,
Чаққон тағи камзӯр шуд
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

Зимтутба[3] рафту оҳ кашид,
Як худаша қафо кашид,
Дар шинг рафту шоф кашид,
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

Ворӯ рафту дам гирифт
Мулло Фозила[5] ғам гирифт,
Муфтичӯлоқ[6] ӯтун гирифт[7]
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

Як бор теғ кард офтоб,
Бурду фуровард сари об.
Ҷигари очааш кабоб
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

Тақсим карданд дар дураҳа,
Ғелон карданд ҳадаҳа.
Ҳама гуфтанд: „Бачи[8] сара“
Абдуқаҳҳорҷонам, балам!

---

[1] *Иноят*—вазифаи хаҷҳашони колхозро адо мекамудааст.

[2] *Абдуқаҳҳор*—раиси совети ҷамоа будааст, ки аз дасти босмачиҳо кушта мешавад.

[3] Номи деҳаҳое, ки дар райони Панҷакент воқеъ шудаанд.

[4] *Камзӯр*—камзӯл; *тағи камзӯл шудан*—либоси дар болои камзӯл бударо кашидан.

[5] *Мулло Фозил*—яке аз сокинони деҳаи Ворӯ будааст, ки Абдуқаҳҳорро халос карданӣ шудааст.

[6] *Муфтичӯлоқ*—ҳамсояи Мулло Фозил будааст.

[7] *Ӯтун гирифтан*—оштӣ додан.

[8] *Бачи*—бачаи.

Қаҳҳора кард зери қурум,
Дар рӯи вай карданд ҳуҷум.
Омада бурданд дум ба дум
Абдуқаҳҳорҷонам, болам!

---

# БАҲОР ВА МЕҲНАТ

## 216

### БОЙЧЕЧАК

Баҳор омад, баҳор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба дӯстон гул қатор омад,
Баҳори лолазор омад.

Баҳори нав муборак бод,
Гули гулҳо бойчечак.

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад,
Мурғони ҳаво ҷумла ба парвоз шуданд,
Мурғи дили мо аз қафаси танг баромад.

Баҳори нав муборак бод,
Гули гулҳо бойчечак.

Наврӯзу навбаҳорон
Шуд, мавсими гул омад,
Дар шохи гул нишаста,
Фарьёди булбул омад.

Баҳори нав муборак бод,
Гули гулҳо бойчечак.

Бойчечаки ҳисорӣ,
Танга-тилло ҷуворӣ
Гули гулҳо бойчечак,

Об омаду об омад,
Ду мурғи ало омад,
Яктеша қафас кардем,
Яктеша нафас кардем,
Бар токча назар кардем.

Духтари хона накш дӯхтас,
Бобои пир кафш дӯхтас,
Сӯзанаш шикаста будаст,
Қати хору хас дӯхтаст.
Гули гулҳо бойчечак.

Бойчечако калон шуданд,
Пеш-пеши мо равон шуданд.
Гули гулҳо бойчечак.

Таги дар кур-кур мекунад,
Бибичон табакчаро пур мекунад.
Ман гадо нестам, ки арзан бигирам,
Як табақ тилло диҳед, зан бигирам.
Гули гулҳо бойчечак.

217

### БОЙЧЕЧАК

Баҳор омад, баҳор омад,
Ба деҳқон вакти кор омад,
Ба дӯстон гул катор омад,
Баҳори нав муборак бод.
  Гули гулҳо бойчечак, бойчечак.

Санг омаду санг омад,
Пеши бузи ланг омад,
Мирбача ба ҷанг омад,
Баҳори нав муборак бод
  Гули гулҳо бойчечак, бойчечак.

Мирбачаи кошонӣ,
Қалпоқ сари пешонӣ,
Қадри гула медонӣ.
  Гули гулҳо бойчечак, бойчечак.

Бачаҳо омадан лучак,
Метӣ[1], наметӣ пули пуччак
Гули гулҳо бойчечак, бойчечак...

218

**СОЛИ НАВ**

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Соли нав муборак бод.

Ба деҳқон ҷуфти гав омад,
Ба башкон[2] фасли нав омад,
Соли нав муборак бод.

Мо башкони мактабем,
Доим аъло мехонем,
Соли нав муборак бод,

Ин кори нав, ин соли нав,
Майдони нав, гулзори нав,
Соли нав муборак бод.

219

Фасли наврӯз аст имрӯз, сабза сар зад аз замин.
Аз барои зеби олам гул баромад аз замин.
Тухми ҳар чизе, ки корӣ, боз рӯяд аз замин,
Ҳайфи тухми одамӣ, ҳаргиз нарӯяд аз замин[3]

220

Фасли наврӯз асту олам сабзазор,
Занги дилро мебарад бӯи баҳор.
Эй падар, устоди моро шод кун,
То туро раҳмат кунад парвардигор[3].

221

Наврӯзи навбаҳорон чу мавсими гул омад,
Ба шохи гул нишаста хониши булбул омад.
Ба кӯдакони мактаб файз бидеҳ, худоё,
Аз илм баҳра бурдан бисьёр мушкил омад[3].

---

[1] *Метӣ*—медиҳӣ.
[2] *Башкон*—бачагон.
[3] Ин порчаҳо матни идӣ будаанд.

222

Фасли наврӯз омаду гулҳо ба рӯи хок шуд,
Булбули нолон ба вақти гул гиребончок шуд[1].

223

**МАЙДАЁ**

Майда кунад, майдаё,
Дар таги пом[2] додаронам.
Гул мерезад, майдаё.
Гулам рафту хораш монд, майдаё,
Дар сина ғубораш монд, майдаё.
Майда кунанд, додаронам, майдаё,
Майда кунед, ширинонам, майдаё.
Қалконкулоғам[3], майдаё
Оҳ, темуртиёқам[4] майдаё.
Майда кунед, гулрухонам, майдаё,
Майда кунед, барноёнам, майдаё.

224

**МАЙДАЁ**

Майдаё, майдаё,
Дар чаман най мекашидам,
майдаё, майдаё,
Хирмани гул даргирифто,
майдаё, майдаё,
Гул бирафту хор мондо,
майдаё, майдаё.
Дар дилам ғубор мондо,
майдаё, майдаё,
ҳеб, Ҳеб, буво.
Маҳ баромад, соя хандидан гирифто,
майдаё, майдаё.

---

[1] Ин порча матни идй будааст.
[2] *Пом*—поям.
[3] *Қалконқулоғ*—гӯшкалон.
[4] *Темуртиёқ*—оҳанинсум.

Аз дили пурдарди ман зардоб
чаккидан гирифто,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво.
Пармā[1] дар миёни осмон печон асто,
майдаё, майдаё,
Ишқи зан мардум, балои ҷон асто,
майдаё, майдаё.

Кокулатро тофтам, пушти сарат партофтамо,
майдаё, майдаё,
Дар даруни кокулат як қуббаи зар ёфтамо,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво.

## 225

### МАЙДАЁ

Дар миёни гул будам, як гул насиби ман нашуде,
майдаё, майдаё
Гул ба дасти нокасону ман адои якта гуле,
майдаё, майдаё.
Дар қафас ҷон додаму сайёд озодам накарде,
майдаё, майдаё,

. . . . . . . . . . . . . . . . .
майдаё, майдаё.

Дар биёбон нола кардам, хирмани гул дар гирифте,
майдаё, майдаё,
Ҳайфи рӯи беғуборам, гарди хокистар гирифте,
майдаё, майдаё.

Чашмам ба раҳи омаданат чор шудасте,
майдаё, майдаё,
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шудасте,
майдаё, майдаё.

Гулҳои ҷаҳон бӯй кунам, бӯи ту несте,
майдаё, майдаё,

---

[1] *Пармā*—ситораи Парвин, Сурайё.

Сад шаҳра ба шаҳр занам, монанди ту нестé,
майдаё, майдаё.

Боғбон, дарро кушо, ман сайри гулзор омадам,
майдаё, майдаё,
Ман ба боғат кор надорам, дидани ёр омадам,
майдаё, майдаё.

---

## ТӮЙ

### 226

### СУРУДИ ТӮЙ

Таги сада, самовор,
Чойник, пиёла катор,
Ёр, ёр, ёроне.

Пиёлая чояш не,
Ин бачая хобаш не,
Ёр, ёр, ёроне.

Ин бача чоя дам кард,
Намака гирифту қанд кард.
Ёр, ёр, ёроне.

Пасткӯчаю росткӯча,
Тӯгараки[1] вай олуча,
Ёр, ёр, ёроне.

Дайрони шамоли ман[2],
Яхшини ямони ман[3],
Ёр, ёр, ёроне.

Духтари сари бора[4]
Дар кокулаш ситора.
Ёр, ёр, ёроне.

---

[1] *Тӯгарак*—атроф.
[2] *Дайрони шамоли ман*—ман шамоли дарьёям.
[3] *Яхшини ямони ман*—нағзро бадаш ман.
[4] *Бора*—баландӣ.

Биё, мерем идора,
ЗАГС мекунем якбора.
Ёр, ёр, ёроне.

Мурғобй баландпарвоз,
Ҷӯраки ман хушовоз.
Ёр, ёр, ёроне.

Мурғобй таги бутта,
Ҷӯракам тани курта
Ёр, ёр, ёроне.

Будана бӯлуб учдум[1],
Шолипояга туштум[2].
Ёр, ёр, ёроне.

Шолипояга учуб[3],
Деҳқонбалага туштум[4]
Ёр, ёр, ёроне.

Олуча баланд будаст,
Кадақам намерасад.
Ёр, ёр, ёроне.

Ин бача золим будаст,
Зӯрақам намерасад.
Ёр, ёр, ёроне.

Анори дона-дона,
Ишкаш-ба ман девона.
Ёр, ёр, ёроне.

Омад-омадат гардам,
Ёр, ёр, ёроне.

---

[1] *Будана бӯлуб учдум*—бедона шуда паридам.

[2] *Шолипояга туштум*—ба шолипоя афтодам (фаромадам).

[3] *Шолипояга учуб*—ба шолипоя парида.

[4] *Деҳқонбалага туштум*—ба деҳқонбача афтидам, яъне ба деҳқонбача ба занй дода шудам.

Сарви коматат гардам,
Ёр, ёр, ёроне.

Рафтам раҳи дуродур,
Ёр, ёр, ёроне.

Овардам ниҳоли гул,
Ёр, ёр, ёроне.

Ниҳола куҷо монем,
Ёр, ёр, ёроне.

Дар ҳавлии Мирзогул,
Ёр, ёр, ёроне.

Мирзогули бебоке,
Ёр, ёр, ёроне.

Вай ангуру мо токе,
Ёр, ёр, ёроне.

Аз барои як ангур,
Ёр, ёр, ёроне.

Печида ба ҳар шохе,
Ёр, ёр, ёроне.

## АЛЛА

### 227

Маҳтоби сари равзане,
аллаё, аллаё!
Эстар[1] биё, гап зане,
аллаё, аллаё!
Додот пеши кор рафте,
аллаё, аллаё!
Боз омаду хоб рафте,
аллаё, аллаё!
Хобаш барад бачема,
аллаё, аллаё!

Ҳар саҳар мехезаму дудам ба осмон мебуроде,
аллаё, аллаё!
Булбуле бошад, ки хонад, ин ғамам аз дил буроде, аллаё, аллаё!
Ҳар саҳар мехезаму рӯям ба сӯи Бегиҷоне,
аллаё, аллаё!
Бегиҷони хушназокат, дарди ту дармони ҷоне,
аллаё, аллаё!
Ҷони ширинам,
аллаё, аллаё!

Дари дарвоза рафтам, нолиши модар ба гӯш омад,
аллаё, аллаё!
Дилам садпора гашту оби дидам чархзанон омаде,
аллаё, аллаё!
Алла гӯям, хобаш бараде,
аллаё, аллаё!

---

[1] *Эстар*—нисӯитар, ниторафтар.

Ҷони модаре,
аллаё, аллаё!

Оби дилам рехт-рехт, чандин замин обод шуде,
аллаё, аллаё!
Ранги сурхи бачагем охир насиби хок шуде,
аллаё, аллаё!
Нисфи умрам ин ҷа бошад, нисфи умрам дар
мазоре, аллаё, аллаё!
Хокам ин ҷа бошад, аммо хокчоям дар мазоре,
аллаё, аллаё!

Дар он рӯзе, ки ман мурдам, кафан аз барги
токам куне, аллаё, аллаё!
Ба оби замзамам шӯю дари майхона хокам куне,
аллаё, аллаё!

Хоби бачем бараде,
аллаё, аллаё!
Ҷони модаре,
аллаё, аллаё!
Акаҷонаш биёде,
аллаё, аллаё!
Хоҳарҷонаш биёде,
аллаё, аллаё!
Калон шавие,
аллаё, аллаё!
Кордон шаве,
аллаё, аллаё!
Нодонаки модаре,
аллаё, аллаё!
Ширинаки модаре,
аллаё, аллаё!
Мактабрав шавие,
аллаё, аллаё!
Олиму доно шавие,
аллаё, аллаё!
Ширинзабони модаре,
аллаё, аллаё!
Ороми ҷони модаре,
аллаё, аллаё!

# СУРУДҲОИ БАЧАГОНА

## 228

Ҷанг омаду ҷанг омад,
Ҷангам ба хумор омад.
Ӯзбакбача маст омад,
Дар болои асп омад.
Аспро куҷо бандем,
Дар беди қатор бандем.
Қамчинро куҷо монем.
Дар шохи чинор монем.
Шохи чинор канда шуд,
Бибӣ Ниёз банда шуд.
Бибӣ Ниёз чӯби хушк,
Аз вай ояд бӯи мушк.
Бӯи мушк олама кушт,
Бибӣ Ниёз шӯша кушт.

## 229

Аз осмон омад зоғча,
Дар нӯлаш коғаз овард.
Ин коғази чӣ бошад?
Ин коғази йигито.
Йигитоя хоб зер кард,
Онешона[1] тоқ[2] зер кард.

---

[1] *Онешон*—онаашон, модарашон.
[2] *Тоқ*—кӯх.

Ҳайфи хоби шириная,
Куш омада бедор кард.

230

Се духтаракон будем,
Лолачинакон будем,
Давидему давидем,
Ҷӯи нав-ба расидем,
Ҷӯи нава обаш не,
Мирбаччая тобаш не.

231

Ҳабубй-бубй-бубй,
Дастам гули сабубй.
Ҳаво-ҳаво дорад,
Барги сафед дорад
Осмон пури ситора,
Дар дасти ёр пиёла.
Пиёлая чояш не,
Ҳамроқула тобаш не.

232

Санг омаду санг омад,
Пеши бузи ланг омад.
Шербачаи ҷононй
Қалпоқ[1] сари пешонй.

233

Биё, биё, бозй кунем,
Чумчая наққошй кунем.
Чумча ба мо об диҳад,
Оба ба полиз барем.
Полизи мо сабча[2] диҳад,
Сабчая бо ҳешй[3] барем.
Ҳешй ба мо шир диҳад,
Шира ба деҳқоне барем.

---

[1] *Қалпоқ*—тӯппй, каллапӯш.
[2] *Сабча*—таррак, харбузаи хом.
[3] *Ҳешй*—гов (дар истилоҳи бачагон).

Деҳқон ба мо ғалла диҳад.
Ғаллая осиё барем,
Осиё ба мо орд диҳад.
Орда ба суфра барем,
Суфра ба мо хамир диҳад.
Хамира то танӯр барем,
Танӯр ба мо нон диҳад.
Нона ба чӯпон барем,
Чӯпон ба мо барра диҳад.
Баррая ба мулло барем,
Мулло ба мо китоб диҳад,
Китоба мо хонда шавем,
Китоб ба мо мурод диҳад.

234

Раҳ-раҳи боло
Як чумча ҳалво,
Ошики бепул
Кораш тавалло.

235

Имшаб шаби маҳтобшаб,
Дойра ба дасти миршаб.
Дойра сазо[1] надорад,
Ошиқ вафо надорад.

236

Пишӣ-пишӣ, аҳои ту
Яхшӣ саги дупои ту,
Он гаштани дарҳои ту

Гардон:

Пишӣ-пишӣ, морак читӯ кард?
Пишӣ-пишӣ морак читӯ кард?

---

[1] Сазо—садо.

Пишак рафтас сар-сари бед,
Чӣ овардас? Танги[1] сафед

Гардон.

Пишак рафтас лаб-лаби чар,
Чӣ овардас? Халвои тар.

Гардон.

Кай мехӯрад? Бегоҳитар,
Кай мемурад? Соли дигар.

Гардон.

237

Лилек лилеки боқӣ[2],
Чашмаки кӯри сокӣ,
Санг афтоду санг афтод,
Пеши бузи ланг афтод.

238

Пишӣ-пишӣ, ҳой-ҳои ту,
Кафшак намонд дар пои ту,
Аз гаштани дарҳои ту,
Во пишакам, во пишакам.

239

Ашӯри шӯрак,
Носир да(р) Кулак[3]
Носири баймоқ[4]
Ду коса каймоқ.

---

[1] *Танги*—танган,
[2] *Лилеки боқӣ*—ангушти хурд.
[3] *Кулак*—номи як гузари деҳаи Нигнот.
[4] *Баймоқ*—манб, ланг.

## ҲАЧВИЁТ

240

Чойхўри шаммастам, ялалй,
Косаи чинй ба дастам, ялалй,
Ту маро озодаи бепул мадон,
Соҳиби панҷоҳу шастам, ялалй.

241

Салла бандам, ҷома пўшам,
Куҷо равам? Бозори чой.
Қадоки чой сад танга бошад,
Чй харам? Мисқоли чой.
Оимхо касал шуден
Аз чаври чй? Аз ҷаври чой.

242

Дилам дарду дилам дарду дилам дард,
Фатири гарм бошад, равғани зард.

243

Ман баландй теша кардам, дар калавдам кор нест,
Сад шутури хом хўрдан бар ман ин душвор нест.
Се саду шаст кулча хўрдам, як саду чил кўза об,
Мисли ман як камхўре дар кўчаю бозор нест.

Кӯҳи Қоф гар нон гардад, рӯди Уммон шӯрбо,
Чун замин сурфа шавад, бо амри субҳон мезанем[1].

244

Дар кӯҳистон як гули бехор мехоҳад дилам,
Духтари хушрӯяки холдор мехоҳад дилам.
Духтари хушрӯяки холдор агар пайдо нашуд,
Беваи бебаччаи молдор мехоҳад дилам.
Беваи бебаччаи сермол агар пайдо нашуд,
Аспи нағзу қамчини булғор мехоҳад дилам.
Аспи нағзу қамчини булғор агар пайдо нашуд,
Дар Самарқанд маҳками тоҷдор[2] мехоҳад дилам.
Дар Самарқанд маҳками тоҷдор агар пайдо нашуд,
Дар кӯҳистон шоъили[3] ғамхор мехоҳад дилам.

245

Аз бода шавад такаббур аз сарҳо гум,
Аз бода шавад банди дили мо маҳкам.
Иблис агар бода бихӯрад, он дам
Созад ду ҳазор саҷда пеши одам.

246

Эй шӯхи ашоқи ашуқи ашақа,
Эй нури нафоқи нафуқи нафақа,
Бар ман ҳадоқи ҳадуқи ҳалақа,
Як бӯса зи садоқи садуқи садақа.

247

Ду рӯзи дигар Гитлер-ба ҷанг мекардам,
Хуни чигараш чойник-ба дам мекардам.

248

Аз маҷлиси колхозо, ки рафтаст падарам,
Дар қабқоқи сари Гитлер з...рам.

---

[1] *Мезанем*—мехӯрем.
[2] *Маҳкам(а)и тоҷдор*—ба маънои идораи хокимнишин омадааст.
[3] *Шоъил*—шоир, одами кушодарӯй, дилсоф.

249

**ҚАЙМОҚЧОЙ**

Зебафзои дили соҳибтамизон аст чой,
Зеби хони тоҷдорону каримон аст чой!
Дар даруни косаи чинӣ бихандад ҳамчу гул,
Гар фитад бар косаи чӯбин, чӣ гирьён аст чой.
Ширу қаймоқаш либосу равғанаш бошад кулоҳ,
Косаи чинӣ чу тахту мисли султон аст чой.
Нест лоиқ ин ки боре бар кафи аҳмақ расад,
Гар фитад бар дасти аҳмақ, рез-резон аст чой.
Ҳар киро сикл аст, ӯро чой месозад раво,
Бо ҷамеи дардҳо гӯё ки дармон аст чой.
Ҷумла базму маҷлиси олам саросар тай задам,
Ҳар куҷо дидам, ба дасти хубрӯён аст чой.
Бӯи чой аз бӯи мушку атру анбар беҳтар аст,
Дар назокат чун гули садбарги хандон аст чой.
Лаззати чой аз ҷамеи чизҳо беҳтар бувад,
Куфр мегардад, агар гӯям, ки имон аст чой.
Нест андар табъи нозук ҳеҷ хуштар ғайр аз ин,
Зинату ҳамбазми ёрону ҳарифон аст чой.

(*Яъқуб*)

250

**ҚИССАИ ҶАВ**[1]

Эй бародар, нуктае аз ман шунав,
Муддате бигзашт зи кишту кори ман,
Омадам вақти дарав, эй ёри ман,
Бо дили хушвақту хуррам сӯи ҷав,
Рафт як соат ба ҷустуҷӯи ҷав.
Як каме пеш омадам, дидам, ки ҷав
Пухтааст, аммо, ки нобоби дарав.
Сураташ дидам, маро омад аҷаб,
Пас ваҷаб кардам, баромад, ним ваҷаб.
Чумчуке[2] омад, нишаст ӯ дар бараш,
Ҳам шуду бигрифт аз тоҷи сараш.

[1] Ин шеърро Муллоашӯр ном як шоири Рашнаи Поён гуфта будааст, ки тахаллусаш Маҳзун буда, вафоташ ба охирҳои асри гузашта мувофиқ меомадааст.
[2] *Чумчуқ*—гунҷишк.

Ҷодаре дорад ба сар он нозанин,
Аз ҳаё ҳамчун арӯси шармгин.
Дар даруни ҷома пинҳон карда сӯг
Тарзи андомаш бувад монанди дуг.
Кабку харгӯш—ҳар ду гашта молчӣ[1]
Кафтару мӯр ӯ малахро ҷолчӣ[2].
Ман, ки дидам тухми худро бо суғур[3],
Як ба як кардам сари ӯро шумур.
Ин чи оташ буд, ки он ҷонам бисӯхт,
Тухм сӯхту меҳнати говам бисӯхт.
Шуд дилам аз кишту кори худ хунук,
Шукр,—гуфтам,—шукр, ман гаштам сабук.

---

[1] *Молчӣ*—соҳибмол.
[2] *Ҷолчӣ*—ҷувозчӣ, ҷувоздор.
[3] *Суғур*—як навъ ҷонвари майдае аз зоти хорпуштак.

## ҲИКМАТ

251

Дӯстӣ бо душмани доно накӯст,
Душмани доно беҳ аз нодони дӯст.
Душмани зирак наранҷонад туро,
Он ки ранҷонад туро, нодони дӯст.

252

Ҳар ки аз якдигар ҷудо гардад,
Он замон қадри якдигар донад.

253

Чӣ хуш бошад, ки баъд аз интизорӣ
Ба уммеде расад уммедворе.
Аз он хуштар чӣ бошад дар ду олам,
Ки ногоҳе расад ёре ба ёре.

254

Ба меҳнат тавон обрӯ ёфтан,
Ба илм панҷаи душманон тофтан.

255

Машқу таълим ҳарду мебояд,
Гар яке нест, хат накӯ н-ояд.

256

Шунидам зи аҳли хирад борҳо,
Ки аз машқ некӯ шавад корҳо.

257

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

258

Ҳамнишине беҳ аз китоб маҳох,
Ки мусоҳиб[1] бувад гаҳу бегоҳ.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Кӣ наранҷиду ҳам наранҷонид.

259

Ҳунар чу мушк бувад, мушк кай ниҳон
монад,
Ҷаҳон зи накҳати ӯ пур зи бӯ шавад но-
гаҳ.
Бирав ба касбу ҳунар кӯш, к-аз фазоили
ту
Басити хок[2] пур аз гуфтугӯ шавад ногаҳ.

260

озн худро чун ту худ маҳрам най,
Дигаре худ маҳрами он чун бувад?

261

Чу анқо аз паридан бозмонад,
Зи гунҷишкон лагад бояд чашидан.

---

[1] *Мусоҳиб*—ҳамсуҳбат.
[2] *Басити хок*—рӯи замин, рӯи олам.

262

Зи асбоби чаҳон ҳасрат ба дуньёдор мемонад,
Ба дасти гӯлпарастони чаҳон гул хор мемонад.
Матои ҳусиро ҳар кас харидор аст, савдо кун,
Ба андак фурсате аз гармии бозор мемонад.

263

Агар хоҳӣ, ки сер шавӣ аз ош,
Дар миёни ду табақ муштарак бош.

264

Мокиёнро шаҳваташ тезӣ кунад,
Мезанад минкор бар тоҷи хурӯс.

265

Сухандонон, сухан бо парда гӯед,
Ба рӯи ҳамдигар санҷида гӯед.

266

Ба сари фарзанди одам ҳар чи ояд, бигзарад,
Навбати пирӣ дарояд, навчавонӣ бигзарад.

267

Қалам гуфто, ки: „Ман шоҳи чаҳонам,
Қаламкашро ба максад мерасонам".
Чилим гуфто, ки „Ман дуди хэзонам",
Чилимкашро ба дӯзах мекашонам".

268

То тавонӣ, кори худро худ бикун,
Чунки беҳтар ояд аз кори касе.

269

Хар ки бо халқ ситезад,
Сар ба сар обрӯи худ резад.

270

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон диҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасид,
Эй дӯст, адаб тоҷи сари мардон аст.

271

Ман агар дӯзахиву аҳли биҳиштам, ба ту
чӣ?
Обиди Каъбаву тарсои[1] куништам[2], ба ту
чӣ?
Тухми тоот[3] ба мазрӯаи[4] ихлоси яқин
Гар бикиштам ба ту чӣ, ё ки накиштам,
ба ту чӣ?

*(Зуҳур)*

272

Падаркушро подшоҳӣ набояд,
Агар бояд, ба ҷуз шаш маҳ напояд.

273

Май хӯру мусҳаф[5] бисӯзу оташ андар Каъ-
ба зан,
Сокини бутхона бошу мардумозорӣ макун.

*(Ҳофиз)*

274

Ба нармӣ кун ба назди халқ оҳанг,
Зи зӯри об дорад гардише санг.

---

[1] *Тарсо*—насронӣ, аҳли насоро, хрестианӣ.
[2] *Куништ*—ибодатхонаи аҳли насоро.
[3] *Тоот*—тоату ибодат.
[4] *Мазрӯа*—замини кишт.
[5] *Мусҳаф*—қуръон.

275

Бадкина мабошу бадгумон бош,
Аз кайди[1] замона дар амон бош.

276

Ҷаҳон бар дасти зирак ном карданд,
Ба зирак зираке дар дом карданд.

277

Парешонхотирам, ҷоно, магӯ имрӯз наврӯз аст,
Касеро хотири ҷамъ бошадаш, ҳар рӯз
наврӯз аст.

278

Зи бадгавҳарон чашми некӣ мадор,
Кунад баччаи мор ҳамон кори мор.

279

Ҳар кӣ аз у фоидае мерасад,
Дидани ӯ роҳати ҷону дил аст.
В-он ки, аз ӯ фоида натвон гирифт,
Суҳбати ӯ ҳаҷ ба мисоли гил аст.

280

Адаб омӯзу илм ҳосил кун,
То шавӣ дар ҷаҳон ту бугзида.

281

Макун бо кӯдаку бо бачча бозӣ,
Нахоҳӣ гар ки худ шарманда созӣ.

282

Зумуррадпорае бар коми афъӣ гашт, нопайдо,
Калидаш субҳи содиқ аст, бикшояд ба
осонӣ.

---

[1] *Кайд*—фитна.

283

Нияти нек нисфи давлат.

284

Файз дар вақти саҳар, сарфа дар анбори пур.

285

Дили модар ба фарзанд, дили фарзанд ба фарсанг.

286

Ба кӯҳ дард гӯю дард шунав[1].

287

Ҳамроҳи бад мебарад бар роҳи бад.

288

Бачаро кор фармою аз пасаш дав.

289

Луқмаро калон гиру гапро калон назан.

290

Бардорад—зам кун, набардорад—кам кун.

291

Кирм аз гӯшти худ мехезад.

292

То беруни бало будан, даруни бало бош!

[1] Яъне кӯҳ низ бо ҳама муаззамӣ ва сангинӣ дарду ғам дорад.

293

Моҳӣ аз сараш бӯй мегирад.

294

Аз ҳавои равшанбору аз одами хандонрӯ тарс.

295

Аз дӯсти нодон душмани зирак беҳ.

296

Захми ханҷар меравад, захми сухан не.

297

То табар омадана кунда меосояд.

298

Эй нокарда кор, туро ба ин кор чӣ кор!

299

Таваккал нар бувад, андеша мода.

300

Аз мард монад лою гил, аз номард монад дарди дил.

301

Бодавлата занаш мурад, бедавлата хараш.

302

Илми ҳар чиз беҳтар аз ҷаҳлаш.

303

Аспро, ки фурӯхтед, зинаш гум мешавад.

304

Ризки меҳмон аз худаш пештар меояд.

305

Кӯҳ ҳарчанд баланд аст, сараш раҳ дорад.

306

Ҳисоби дӯстон дар дил.

307

Зоғе бе доғе нест.

308

Моли мумсик хӯроки ҷавонмард.

309

Ба камаш шукр кун, бисьёраш мерасад.

310

Фарзанд агарчи азиз аст, одобаш аз вай азизтар.

311

Яктаи нон балои ҷон, нимтаи нон роҳати ҷон.

312

Аз чил гузаштӣ, аз ҷир гузаштӣ.

313

Фарзанд, ки таваллуд шуд, ёфтани номаш осон.

314

Одам аз хӯрдан сер нею гург аз куштан.

315

Ош дар хомиаш медамад.

316

Буз кам, чигй-чигеш кам.

317

Давлатро сарф кунй кам мешавад, илмро сарф кунй, зам мешавад.

318

Мард бошй, дар майдон,
Зан бошй, дар каҳдон.

319

Агар фарзанд боадаб бошад, ба падару модар чун гавҳараки чашм азиз аст, агар беадаб бошад, чун лелаи шашўм зиёдатй асту набурй айб мекунандат, бурй дард мекунад.

## ЧИСТОН

320

Як бом арзан, сахар хестам—хеч чиз не.

*(Осмону ситора)*

321

Аз дур дидам мирпаланг,
Пешам омад, мурдаранг.

*(Туман)*

322

Дар як палак,
Дувоздаҳ ханлалак.

*(Солу моҳ)*

323

Дарози лаванд,
Зӯри гаранг.

*(Уштур)*

324

Хурӯсаки пешпахм,
Чӯчаяки ҳафтранг.

*(Адрас)*

325

Аз осмони пастак барф меборад

(*Элаку орд*)

326

Сандукчаи зулбиё,
Ба кордчеко бурайно,
Ба чумчеко хурайно.

(*Тарбуз*)

327

Чорьяк гўшту чорьяк намак,
Шўрбош шўру гўшташ бенамак.

(*Тухм*)

328

Оҳу часта-часта меравад, шираш рехта-рехта.

(*Элаку орд*)

329

Сурхак мехўрад,
Сафедак мебарорад.

(*Осиё*)

330

Агбачаҳак,
Лоларухак.

(*Кабк*)

331

Нохуни шеру паланг дар пояш,
Дастори сари подшоҳон дар сараш.

(*Хурўс*)

332

## МАСЪАЛА

### 1

Ду кас се чоба доштанд: якташ даҳлитра, дуйумаш ҳафтлитра, сейӯмаш селитра будааст. Чобаи даҳлитра пур аз равған буда, чобаи ҳафтлитраю селитра холӣ будааст. Онҳо ба воситаи чобаҳои ҳафтлитраю селитра равғанро ду тақсими баробар карда гирифтанд.

Чӣ хел тақсим карданд?

Ҷавоб:

Ду бор чобаи селитраро пур карда, ба чобаи ҳафтлитра холӣ карданд. Боз чобаи селитраро пур намуда, аз он ба чобаи ҳафтлитра рехтанд ва онро пур карданд.

Дар даруни чобаи селитра ду литр равған монд, дар чобаи даҳлитра як литр. Гашта равғани чобаи ҳафтлитраро ба даҳлитра рехтанд. Равғани ин чоба ҳашт литр шуд. Ду литр равғани чобаи селитраро ба чобаи ҳафтлитра андохтанд ва боз чобаи селитраро аз чобаи даҳлитра пур карда, ба ҳафтлитра рехтанд.

Ҳамин хел равғанро баробар ду тақсим карда гирифтанд.

### 2

Се ҷавон ба сафар баромаданд, ҳар кадомашон як хоҳари худро низ ҳамроҳ гирифта буданд. Аз пеши роҳи онҳо дарьёе баромад. Дар лаби дарьё қаикчае буд, ки ба он фақат ду кас мегунҷид. Ҷавонон ба фикру андеша монданд, ки аз дарьё чӣ тавр гузаранд. Шарт ин буд, ки ягон духтар аз додари худ ҷудо шуда, дар назди ҷавони дигар танҳо намонад.

Ҷавонон дар болои ин масъала бисьёр фикр карданд, охир ҳалли онро ёфтанд. Онҳо масъаларо чӣ тавр ҳал карданд?

Ҷавоб:

Аввал ду духтар қаиқ ронда, ба он тарафи дарьё рафтанд. Яке фаромад, дигаре бо қаиқ баргашту духтари сейӯмро ҳамроҳ гирифта, ба он тарафи соҳил бурда монда, боз қаиқ ронда, гашта омада аз қаиқ берун шуд. Ба қаиқ ду ҷавон савор шуда, ба он соҳил шино карда рафтанд.

Духтарак ҳамроҳи бародараш дар ин соҳил монд.

Ҷавонон ба он соҳил расиданд, яке ба назди хоҳараш фаромад, дигаре хоҳарашро ба қаиқ гирифта, ба ин соҳил баргашта омад ва хоҳарашро ин ҷо монда, ҷавони сейӯмро ҳамроҳ гирифта рафт. Се ҷавон дар он соҳил монданд, духтари дар он ҷо буда ба қаиқ савор шуда, ду бор ба ин соҳил омада, ин ду духтарро ба он сӯ гузаронид.

3

Дар хона подшоҳе бо занаш ва вазир бо духтараш нишаста буд. Хизматгор як лаълӣ себ овард. Онҳо ду себро пӯст канда ҳар кадомашро ду палла карданд. Ҳар кас якпаллагӣ гирифт, боз як палла себ боқӣ монд. Ҷаро як палла себ боқӣ монд.

Ҷавоб:

Дар хона се кас буд, подшоҳ, вазир ва зани подшоҳ, ки низ духтари вазир буд.

# ШОИРОНИ МАҲАЛЛИ

*Мелии киштутӣ*

333

## ҚИССАИ БУЗ

Як бузаки қоқ буд,
Дар бисотам тоқ буд.
Ҳалқи баччем қоқ буд.
Рӯят сиёҳ, гурги кабуд.

Бузаки ман кӯр буд,
Пешонемон шӯр буд.
Рӯзнамон гӯр буд,
Рӯят сиёҳ, гурги кабуд.

Чашми калон кушодӣ,
Бузи боён надидӣ,
Бузи маро ту дидӣ,
Рӯят сиёҳ, гурги кабуд.

Донам туро душмани худ,
Чун бою мири Киштут[1],
Дар бисотам як буз буд,
Рӯз набинӣ, гурги кабуд.

---

[1] *Қиштут*—номи водие, ки дар ҳудуди он районн собики Колхоз чиён вокеъ шудааст.

334

Мерасад аз шодӣ бар гардун садои ранҷбар,
Давлати шӯро расонд бар муддаои ранҷбар.
Бесаводӣ, ҷоҳилӣ аз зулму истибдод буд,
Шуд тараққии маориф аз барои ранҷбар.
Чашмаи илму маориф ҳамчу дарьё мавҷ зад,
Хонд ин дам марду зан бо тифлҳои ранҷбар.
Муштзӯрон аз паи хону амирон нест шуд,
Медиҳем акнун ҷавоби муштҳои ранҷбар.
Бо трактур, мошина колхоз ҳам совхозро
Мерасонад ҳукмати мо—муддаои ранҷбар.

335

**ОҲАНГАР**

Баски дар Киштут як Усто Барот шуд дар миён,
Тухми оҳан пок гардид аз миёни мардумон.
Бонги дӯзах мекунад ғурридани дӯкони ӯ,
Оҳану чӯян зи ҷанги ӯ куҷо ёбад амон.
Дӯш моро сохт ӯ як зогнӯли нозанин,
Оқибаш шонасарак, пешаш хунук, борикмиён.
Бои манҳус—хӯҷаинаш, менамуд ӯ зиндагӣ,
Деҳи Заврон буд маконаш, Зикриён ришкалон.
Хизмати боён ҳамеша мекунад аз ҷону дил,
Хизмати меҳнаткашон буд баҳри ӯ бори гарон.
Касби оҳангар агар ин аст, нокардан хуб аст,
Ҳолати оҳангарон бошад душвор ин замон.

336

Дари бое гузар кардам,
Ба андомаш назар кардам,
Ба нестияш ҳашар кардам,
Хабар дар баҳру бар кардам.

*Иноят Раззоқов*

337

**ТОҶИКИСТОН**

Тоҷикистон гул кунад
Аз кори некӯи совет,

Халқ гардида равон
Бо роҳи дилҷӯи совет.

Халқи тоҷик, бин, кунун
Озод бошад то абад.
Ман сароям бахти ӯро,
Ҷумла олам бишнавад.

Ман сароям бо дили шод,
Авҷу барори корамон.
Васфи Ленинро кунам ман—
Доҳии наздик ба ҷон.

338

Дар баҳорон дилрабояст гирди рӯди Рӯдакӣ[1],
Ҷонбахшу дилкушояст гирди рӯди Рӯдакӣ.
Булбулони бешумораш нағмаорой кунанд,
Манзили роҳатфизояст гирди рӯди Рӯдакӣ.

*Наҷмиддин Шамсиддинов*

339

## ИН ҶӮ БА НОМИ РӮДАКӢ

Ғурбик* нағз аст дар баҳор,
То дашт гардад лолазор,
Колхозчиёи, рошед[2] ба кор,
Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.
        Тарафи шаркеш теппа буд,
        Техник Маҳмуди Ҷумъа[3] буд,
        Плони канал кӯҳна буд,
        Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.

---

[1] Гуянда дар ин порчаи шеър Рӯдак ном маҳаллеро дар назар дорад, ки пештар дар он ҷо деҳаи Рӯдак воқеъ шуда будааст.

* *Ғурбик*—номи ҷой. Калимаҳое, ки дар болояшон ситора гузошта шудааст, номи маҳаллҳои райони Панҷакент аст.

[2] *Рошед*—равон шавед.

[3] *Маҳмуди Ҷумъа*—номи колхозчие.

Сарбандаша аз доғ[1] гирифт,
Ду кубометр об гирифт,
Ганда ҷоҳош-ба нав гирифт,
Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.
    Об омадаст дар ҷари Сурх,
    Харбузаи колхоз пухт,
    Раис рафту раҳмат бигуфт,
    Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.
Харбузаҳош аз ҳад ширин,
Дар ҳар газето[2] куи таъин,
Баҳо надорад ин замин,
Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.
    Об омаду шуд лолазор,
    Дашт надида кишту кор,
    Моем акнун пахтакор,
    Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.
Биншаста дар сарбанди ҷӯ,
Аз тоза гулҳо карда бӯ,
Гуфт шеъри худро Наҷмиддин,
Ин ҷӯ ба номи Рӯдакӣ.

*Хол Холов*

340

**НОМА**

Дафтару қалам
Гирифта Аҳмад,
Ба дафтар навишт
Номаи зерин:

Салом ба Икром
Аз дилу аз ҷон,
Сӯи Подольск
Зи Панҷрӯдон.

Соли гузашта
Вақти тобистон

[1] *Доғ* — як навъ дарахт.
[2] *Газето* — газетаҳо.

Дар мактаб будем
Ҳардуи моён.

Хаст-мӣ ба ёдат
Он сайру гаштҳо?
Дар Кӯли калон
Оббозии мо.

Хаст-мӣ ба ёдат,
Сӯҳбатҳо чӣ сон
Дар Кӯли калон
Мекардем моён?

Вақти таътилат
Ба қишлоқи мо,
Ба Панҷрӯдон
Марҳамат намо.

Ин Панҷрӯд ҳам
Шудаст зебо,
Хуш аст намудан
Сайру тамошо.

***Нақиб Саидӣ***

## РУБОИЁТ

341

Бингар, деҳаи кӯҳна, ки озод шудаст,
Вайрона макон кунун чӣ обод шудаст,
Аз давлати шӯроӣ биёфт авҷу камол,
Имрӯз макони халқи дилшод шудаст.

342

Ин ағбаи Ковона[1] баланд асту баланд,
Ин кори шумо ба мо писанд асту писанд:
Сангҳоя кунед майдаю ҳосил бигиред,
Яйлоқи калон кунед, молҳо бичаранд.

[1] *Ковона*—номи кӯҳест.

343

Ин духтари колхозӣ, ки рӯяш хандон,
Иқболи баланд насиби ин духтарҷон,
Ҳамроҳи чунин духтаракон дар саҳро
Доим бикунем кор мусобиқакунон.

344

Гардам қади зебои туро, эй духтар,
Доим ту биё ба назди мо, эй духтар,
Садқат бишавам ба ин латофатҳоят,
Аз ман ту чаро ки норизо, эй духтар.

345

Ин себаки сурх, ки савғот аст бари ту,
Эй духтари меҳрубону хушрӯю накӯ,
Як бӯса диҳӣ ба ман аз он лаъли лабат,
Як себи дигар диҳам туро дар лаби ҷӯ.

346

Ин модари ман туро азиз медорад,
Ҳаққо, ки туро духтари худ пиндорад,
Эй ҷони ширин, биё, ки якҷоя равем,
Ин рафтани мо ба модарам мефорад.

347

Рафтем ба Пирӯз[1] ба дидани боғи калон,
Харбузаю тарбузаш бувад роҳати ҷон,
Ҳам себу анору ноку бодом дорад,
Аз шарбату шарбаш баргаштем калон.

348

Ин Самсами мо духтари чолоку далер,
Дар лаҳзаи пахтачинӣ орому фақер,
Дил металабад ҳамраҳи ӯ пахта чинам,
Аз дидани кори ӯ нагардидам сер.

---

[1] *Пирӯз*—боғи калонест дар деҳаи Панҷрӯд.

## ЭЗОҲОТ

Дар поёни маълумоти мухтасаре дар бораи шахсоне, ки аз онҳо асарҳои фольклорӣ навишта гирифтаем, зикр ёфтааст. Маълумоте, ки ба сокинони деҳаҳои ҷамоати Шииг ва Рашнаи Болоид аст, ба соли 1956, аммо маълумоте, ки дар бораи бошандагони дигар маҳалҳост, ба соли 1956—57 тааллуқ дорад.

**Абдуллоев Маҳбуб.** Сокини деҳаи Нигнот, талабаи синфи IX-и мактаби ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаи шеърии рақами 15 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Абдулҳаева Раҷаббибӣ.** Аз сокинони деҳаи Панҷрӯд, толибаи синфи VI мактаби ҳафтсолаи деҳа мебошад. Порчаҳои шеърии рақамҳои 135, 180 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Азизқулов Абдураҳмон.** Муаллими мактаби «Чилсолагии Октябрь» дар деҳаи Ғӯсар аст. Порчаи шеърии рақами 130 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Азизқулов Рустам.** Соли 1927 таваллуд шудааст, аз деҳаи Панҷрӯд аст, котиби комитети иҷрояи районии Колхозчиён буд. Афсонаи «Маддоҳи маккор», латифаи «Маҷлиси дурӯғгӯён», порчаҳои шеърии рақами 17, 18, 23, 25, 27, 39, 95, 181, 236, 237 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ашӯров Абдусаттор.** Дар соли 1906 таваллуд шудааст, аз деҳаи Панҷрӯд аст, муовини раиси колхози ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 33, 89 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ашӯров Шариф.** Сокини деҳаи Рашнаи Поён мебошад. Манзумаи «Қиссаи ҷавони шаҳри Булғор» (рақами 207) аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Баракаев Таға.** Соли 1902 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Нигноти ҷамоати Кулолӣ истиқомат дорад, аъзои колхози ба номи Рӯдакӣ мебошад. Афсонаҳои «Қаллаи хушк», «Илми панҷбед», порчаҳои назмии рақами 141, 143, 144, 217, 221, 227 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Бақоев Қандӣ.** Соли 1926 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Панҷрӯд зиндагӣ мекунад, муаллими мактаби ҳафтсолаи деҳа аст. Порчаҳои шеърии рақами 134, 216,

241, аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Бекова Саломат.** Толибаи синфи IX-и мактаби ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 133, 232 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Бобоев Азизкул.** Дар соли 1903 таваллуд шудааст, дар деҳаи Панҷрӯд истиқомат мекунад. Аъзои колхози ба номи Рӯдакист. Порчаҳои шеърии рақами 7, 10, 28, 31 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Бозоров Муллоумар.** Соли 1900 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Панҷрӯд, аъзои колхози ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 3, 128, 129, 166, 210, 211, 212, 252, 253 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Бозоров Усмон.** Соли 1887 таваллуд шудааст, аз сокинони деҳаи Панҷрӯд аст. Ривояти рақами 5 дар бораи Рӯдакӣ аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Гадоев Муртазо.** Соли 1917 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Кулолӣ зиндагӣ мекунад, сардори посбонони анбори экспедицияи геологӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 119, 120, 121, 122, 123, 152 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Гулов Мирзо.** Соли 1913 таваллуд ёфтааст, сокини деҳаи Панин ҷамоати Рашнаи Боло, коргари кони Марғузор аст. Порчаҳои шеърии рақами 154, 159, 165, 250 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Зарифӣ Шариф.** Соли 1921 таваллуд шудааст, дар деҳаи Ниг нот истиқомат дорад, муаллими мактаби миёнаи ба номи Рӯдакист. Порчаҳои шеърии рақами 74, 309, 310, 311, 313, 316 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Зарифов Абулхолик.** Соли 1896 таваллуд шудааст, аз сокинони деҳаи Панҷрӯд аст. Ривояти рақами 4 дар бораи Рӯдакӣ аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Зоҳидов Насриддин.** Соли 1905 таваллуд ёфтааст, сокини Панҷрӯд ва мудири магазини ҳамин деҳа мебошад. Яке аз моҳиртарин гӯяндагони деҳа аст. Ривояти «Санги чилдухтарон», «Ҳуснобод», афсонаҳои «Кали айёр», «Гули Қоқопарӣ», «Писари хоркаш», «Се бародар», порчаҳои шеърии рақами 29, 30, 40, 91, 215 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Иброҳимзода Қаноат.** Соли 1907 таваллуд шудааст, дар деҳаи Ниг нот истиқомат дорад, раиси ҷамоаи Кулолӣ шуда кор мекунад. Порчаи шеърии рақами 208 ва шеъри ҳаҷвии шоири халқӣ Мелии Киштутӣ (Худойбердиев Мелибой) «Қиссаи буз» аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Иброҳимов Қулӣ.** Соли 1933 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов мебошад. Афсонаи «Шоҳзодаи мулки Хитой» аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Исмоилов Р.** Соли 1921 таваллуд шудааст, дар деҳаи Панҷрӯд зиндагонӣ дорад, муаллими мактаби ҳафтсолаи ҳамин деҳа аст. Порчаҳои шеърии рақами 35, 36, 37, 38, 90, 164, 194 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Исоев Исмоилҷон.** Аз сокинони деҳаи Панҷрӯд аст, дар синфи VII-и мактаби ҳафтсолаи деҳа мехонад. Порчаи шеърии 235 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Каримов Рустам.** Соли 1905 таваллуд ёфтааст, аз аҳли деҳаи Панҷрӯд аст. Порчаи шеърии рақами 270 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Каримов Қодирбердӣ.** Соли 1918 таваллуд шудааст, аслан аз деҳаи Рӯдак буда, ҳоло дар деҳаи Шинг истиқомат дорад ва дар колхози ба номи Жданов сартарош шуда кор мекунад. Ривоят-

ҳои «Кӯҳи чилдухтарон», «Бурси васса» аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Латифов Забур.** Соли 1909 таваллуд ёфтааст, сокини деҳаи Панҷрӯд ва аъзои колхози ба номи Рӯдакист. Яке аз гӯяндаҳои моҳири деҳаи Панҷрӯд мебошад. Ривояти рақами 8 дар бораи Рӯдакӣ, афсонаҳои «Зани пок», «Духтари моҳигир», «Одам ва шер», латифаҳои «Ду нотифоқ», «Ман об биёрам, ту чаро мехӯрӣ», порчаҳои шеърии рақами 2, 8, 55, 196, 197, 220, 251, 254, 261, 262, 263, 264, 267, 268, 269, 272, 273, 274, 276, 278, 282, 288, 299, 300, 301, 310 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Мелиева Гулшан.** Истиқоматкунандаи Панҷрӯд, талабаи синфи VI-и мактаби ҳафтсолаи деҳа мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 299, 300 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Мӯсоев Исо.** Соли 1940 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Кулолӣ, талабаи синфи VIII-и мактаби ба номи Рӯдакист. Порчаи шеърии рақами 34 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Насриддинов Раҳмонкул.** Соли 1931 таваллуд шудааст, дар деҳаи Панҷрӯд истиқомат мекунад. Порчаи шеърии рақами 185 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Насриддинов Салоҳиддин.** Дар соли 1927 таваллуд шудааст, аз сокинони деҳаи Панҷрӯд аст. Порчаҳои шеърии рақами 20, 21, 50, 97 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ниёзов И.** Соли 1929 таваллуд ёфтааст, аз сокинони деҳаи Нигнот аст, муаллими мактаби ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 9, 51, 105, 183, 206, 189, 190 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Олимов Абдуқайюм.** Дар соли 1926 таваллуд шудааст, аз аҳли деҳаи Панҷрӯд аст. Порчаҳои шеърии рақамҳои 114, 115, 126, 127, 188, 193, 224 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Очилдиев Мақсадулло.** Соли 1934 таваллуд шудааст, дар деҳаи Кулолӣ истиқомат дорад, котиби колхози ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 58, 59, 117, 118, 160, 161, 170 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Рашидов Хурсандмурод.** Дар деҳаи Панҷрӯд истиқомат дорад, талабаи мактаби ҳафтсолаи деҳаи Панҷрӯд аст. Порчаи шеърии рақами 248 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Раҳим Бобо.** Соли 1890 таваллуд шудааст, аз сокинони деҳаи Панҷрӯд аст. Ривояти рақами 6 ва порчаи шеърии рақами 231 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Раҷабов Султоналӣ.** Соли 1907 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Панҷрӯд, аъзои колхози ба номи Рӯдакист. Сокини ҳамон деҳа, муаллими мактаби ҳафтсола Шодӣ Мирзоев аз ӯ порчаи шеърии рақами 32-ро навишта гирифтааст.

**Розиқов Нуралӣ.** Соли 1890 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Кулолӣ мебошад, дар колхози ба номи Рӯдакӣ дар вазифаи сарбоғбон кор мекунад. Порчаҳои шеърии рақамҳои 80, 92, 149, 150, 158, 186, 219, 245, 255, 256, 257, 258, 259, 260, 277, 279, 280, 317, 319 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Раззоқов Мӯъмин.** Соли 1934 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов мебошад. Порчаи шеърии рақами 71 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Раззоқов Иноят.** Соли 1933 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов аст. Афсонаҳои «Луқмони Ҳаким», «Баҳрому Бахман»,

порчаҳои шеъри рақами 174, 175 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Саиӣ Нақиб.** Аз деҳаи Панҷрӯд аст, котиби масъули газетаи районии Колхозчиён «Ҳаёти нав» буд. Латифаи «Қофиягӯи машҳур», порчаҳои шеъри рақамҳои 142, 191 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Самадов Мансуркул.** Соли 1905 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг аст ва дар колхози ба номи Жданов кор мекунад. Ривояти рақами 1 дар бораи Рӯдакӣ аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Сатторов Хӯҷамурод.** Талабаи мактаби «Чилсолагии Октябрь» дар деҳаи Ғӯсар мебошад. Порчаи шеъри рақами 131 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Содиқова Хайриниссо.** Дар соли 1892 зоида шудааст, дар деҳаи Панҷрӯд истиқомат дорад. Каримулло Усмонов аз ӯ порчаҳои шеърҳои рақами 1, 4, 6, 12, 14, 19, 22, 24, 41, 42, 43, 44, 45, 46, 47, 48, 92, 96, 153, 159, 200-ро навишта гирифтааст.

**Солехов Нормуҳаммад.** Соли 1904 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Панҷрӯд истиқомат дорад, аъзои колхози ба номи Рӯдакист. Порчаи шеъри рақами 249 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Салоҳов Норкул.** Соли 1929 таваллуд шудааст, муаллим аст, дар деҳаи Амондараи райони Панҷакент истиқомат мекунад. Ривояти рақами 3 дар бораи Рӯдакӣ аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Тағоев Лутфулло.** Соли 1933 таваллуд ёфтааст, аз деҳаи Нигнот аст, дар колхози ба номи Рӯдакӣ чӯпон шуда кор мекунад. Порчаҳои шеъри рақами 26, 75, 78, 79, 86, 145, 146, 147, 148, 176, 177, 178, 179, 182, 199, 205, 218 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Тошов Муҳаммадамин.** Дар соли 1880 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Панҷрӯд зиндагӣ мекунад. Ривояти рақами 7 дар бораи Рӯдакӣ, ривоятҳои «Султон Ҷалолиддин», «Фирдавсӣ аз Маҳмудхон», «Савоби нимта нон», «Шафқати мор», «Гадвораҷунбон ва мор», порчаҳои шеъри рақами 162, 271 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Усмонов Каримулло.** Аз деҳаи Панҷрӯд аст, ки аз Хайриниссо Содиқова порчаҳои шеърҳои рақами 1, 4, 6, 12, 14, 19, 22, 24, 41, 42, 43, 44, 45, 46, 47, 48, 92, 96, 153, 169, 200-ро навишта гирифтааст.

**Холиков Раҳмон.** Соли 1902 таваллуд шудааст, дар деҳаи Кулолӣ истиқомат дорад, аъзои колхози ба номи Рӯдакӣ мебошад. Афсонаҳои «Гӯрзод», «Аҳмаду Юсуф», порчаи шеъри рақами 73 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Холиков Шералӣ.** Соли 1900 таваллуд шудааст, дар деҳаи Зери Ҳисори ҷамоати Кулолӣ истиқомат дорад ва дар он ҷо мудири магазин аст. Порчаҳои шеъри рақами 155, 281, 308, 312, 314, 315, 318 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Холиқов Умар.** Соли 1896 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов аст. Порчаҳои шеъри рақами 72, 137, 223, 226 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Холов Хол.** Дар соли 1942 таваллуд шудааст, сокини Панҷрӯд, талабаи синфи VI-и мактаби ҳафтсолаи ҳамин деҳа мебошад. Афсонаи «Бузу гӯсфанду гӯсола» аз ӯ навишта гирифта шудааст. Х. Холов инчунин муаллифи шеъри «Нома» (№ 340) мебошад, ки дар ёддаҳсолагӣ гуфтааст.

**Холов Шариф.** Сокини деҳаи Рашнаи Поён аст. Порчаҳои шеъ-

рии рақами 85, 152 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Холов Хуррам.** Соли 1926 таваллуд шудааст, муаллими мактаби ҳафтсолаи деҳаи Панҷрӯд аст. Порчаҳои шеърии рақами 49, 94, 203, 209 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Хӯҷаева Роҳила.** Аз деҳаи Нигнот аст, дар синфи IX-и мактаби ба номи Рӯдакӣ мехонад. Порчаи шеърии рақами 222 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Худойбердиев Мелибой,** шоири халқ (дар бораи ӯ ба сарсухан муроҷиат кунед).

**Худоёров Наврӯз.** Соли 1911 таваллуд ёфтааст, аз деҳаи Яккахона мебошад, аъзои колхози ба номи Рӯдакист. Порчаҳои шеърии рақами 192, 204, 213 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Шамсиддинов Наҷмиддин** (дар бораи ӯ ба сарсухан муроҷиат кунед). Порчаҳои шеърии рақами 81, 138, 139, 140, 163, 242, 243, 244, 245 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Шоева Гулмоҳ.** Аз сокинони деҳаи Панҷрӯд, талабаи синфи VII-и мактаби ҳафтсолаи деҳа. Порчаи шеърии рақами 187 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Шукуров Абдуқайюм.** Соли 1893 таваллуд шудааст, дар деҳаи Шинг истиқомат дорад, аъзои колхози ба номи Жданов аст. Ривояти рақами 2 дар бораи Рӯдакӣ аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қодиров Насим.** Соли 1934 таваллуд ёфтааст, дар деҳаи Мадовра зиндагӣ мекунад, механик-комбайнери МТС-и Колхозчиён мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 11, 16, 52, 53, 54, 56, 57, 106, 107, 108, 109, 110, 111, 112, 113 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қаноатов Олим.** Хонандаи синфи IX-и мактаби ба номи Рӯдакӣ мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 98, 99, 100, 101, 102, 103, 104, 132, 238, 239 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қосимов Раҳматулло. Муаллими** мактаби миёнаи деҳаи Ғусар ба номи «Чилсолагии Октябрь» мебошад. Латифаҳои «Ҳисоби рӯз», «Ба чашмам назан», «Кафшам медарад», «Ҳайвони зӯр будааст», порчаи шеърии рақами 233 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қурбонова Бибисанда.** Соли 1912 таваллуд шудааст, аз истиқоматкунандагони деҳаи Панҷрӯд аст. Ш. Мирзоев аз ӯ порчаи шеърии рақами 228-ро навишта гирифтааст.

**Юсупов Иброҳим.** Соли 1896 таваллуд ёфтааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов аст. Афсонаи «Аваз», порчаи шеърии рақами 214, 266 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ғаффоров Олоҳназар.** Соли 1927 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг, аъзои колхози ба номи Жданов мебошад. Порчаҳои шеърии рақами 83, 84 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ғаффоров Саттор.** Соли 1914 таваллуд шудааст, сокини деҳаи Шинг аст, дар мактаби № 15 деҳаи мазкур мудири хоҷагӣ шуда кор мекунад. Афсонаи «Абдураҳмончӯлоқ», порчаҳои шеърии рақами 82, 88, 151, 202 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қурбонов Исом.** Соли 1906 таваллуд ёфтааст, аъзои колхози ба номи Жданов мебошад, дар деҳаи Ғиждавраи ҷамоати Шинг истиқомат мекунад. Порчаҳои шеърии рақами 65, 66, 67, 68, 69, 70, 168, 171, 172, 173, 240 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қурбоналиев Х.** Порчаҳои шеърии рақами 13, 61, 62, 63, 64, 124, 125, 156, 157, 184, 201, 225, 247 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Қурбонов Ҳаким.** Соли 1937 таваллуд шудааст, соли 1957 дар синфи даҳуми мактаби миёнаи ба номи Рӯдакӣ, ки дар деҳаи Кулолӣ воқеъ шудааст, таҳсил дошт. Порчаҳои шеърии рақами 76, 77, 146 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ҳасанов А.** Соли 1943 таваллуд шудааст, дар синфи VIII-и мактаби ба номи Рӯдакӣ мехонад. Порчаи шеърии рақами 234 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ҳусейнов Мурод.** Соли 1926 таваллуд ёфтааст, аз деҳаи Панҷрӯд аст. Афсонаи «Каи зирак» аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ҷабборов Файзӣ.** Соли 1939 таваллуд шудааст, аз деҳаи Шинг аст, дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Самарқанд таҳсил мехонад. Порчаҳои шеърии рақами 87, 136, 167 аз ӯ навишта гирифта шудааст.

**Ҷӯраев Бобомурод.** Соли 1920 таваллуд шудааст, дар деҳаи Шинг директори мактаби ҳафтсола шуда кор мекунад. Афсонаи «Таъбири хоб» аз ӯ навишта гирифта шудааст.

---

## МУНДАРИЧА


Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3

### Қисми якӯм

Нақлу ривоятҳо дар бораи Рӯдакӣ ва қабри ӯ . . . . 13
Ривоятҳо дар бораи баъзе маҳалҳо ва шахсони таърихӣ 21
Санги Чилдухтарон . . . . . . . . . . . . . . 21
Кӯҳи Чилдухтарон . . . . . . . . . . . . . . 22
Бурси насса . . . . . . . . . . . . . . . . . 23
Ҳуснобод . . . . . . . . . . . . . . . . . . 24
Султон Ҷалолиддин . . . . . . . . . . . . . . 27
Фирдавсӣ ва Маҳмудхон . . . . . . . . . . . . 29
Афсонаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33
Гӯрзод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 33
Каллаи хушк . . . . . . . . . . . . . . . . . 41
Аваз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 43
Луқмони Ҳаким . . . . . . . . . . . . . . . . 46
Кали айёр . . . . . . . . . . . . . . . . . 49
Кали зирак . . . . . . . . . . . . . . . . . 52
Абдураҳмончӯлоқ . . . . . . . . . . . . . . . 55
Таъбири хоб . . . . . . . . . . . . . . . . . 62
Шоҳзодаи мулки Хитой . . . . . . . . . . . . . 66
Баҳрому Баҳман . . . . . . . . . . . . . . . . 68
Гули Қоқопарӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 77
Маддоҳи маккор . . . . . . . . . . . . . . . . 85

Илми панчбед . . . . . . . . . . . . . . . 87
Зани пок . . . . . . . . . . . . . . . . 89
Ахмаду Юсуф . . . . . . . . . . . . . . 95
Писари хоркаш . . . . . . . . . . . . . 98
Духтари мохигир . . . . . . . . . . . . 103
Се бародар . . . . . . . . . . . . . . . 105
Одам ва шер . . . . . . . . . . . . . . 110
Бузу гӯсфанду гӯсола . . . . . . . . . . 112
Савоби нимта нон . . . . . . . . . . . 115
Шафкати мор . . . . . . . . . . . . . . 117
Гахворачунбон ва мор . . . . . . . . . 117
Латифахо . . . . . . . . . . . . . . . . . 119
Ду нотифоқ . . . . . . . . . . . . . . . 119
Маҷлиси дурӯггӯён . . . . . . . . . . . 120
„Ман об биёрам, ту чиро мехӯрӣ?" . . . 120
Қофиягӯи машхур . . . . . . . . . . . 122
Ҳисоби рӯз . . . . . . . . . . . . . . . 122
„Ба чашмам назан" . . . . . . . . . . . 123
„Кафшам медарад" . . . . . . . . . . . 124
„Ҳайвони зӯр будааст" . . . . . . . . . 125

## Кисми дуйӯм

Ишқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 129
Рубоӣ ва дубайтахо . . . . . . . . . . . 129
Байтхо . . . . . . . . . . . . . . . . . . 145
Ғазал ва мухаммасхо . . . . . . . . . . 153
Таронахо . . . . . . . . . . . . . . . . . 159
Ғарибӣ, мусофирӣ, шикоят . . . . . . . 166
Марсия . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Бахор ва меҳнат . . . . . . . . . . . . 180
Тӯй . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 186
Алла . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189
Сурудхои бачагона . . . . . . . . . . . 191
Ҳаҷвиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . 191
Ҳикмат . . . . . . . . . . . . . . . . . 199
Чистон . . . . . . . . . . . . . . . . . . 208
Шоиронии маҳаллӣ . . . . . . . . . . . 212
Эзоҳот . . . . . . . . . . . . . . . . . . 219

Цена: 50-00


Составители: *Р. Амонов, М. Шукуров*

**Фольклор родины Рудаки**

*(на таджикском языке)*

*

*Муҳаррир Ч. Суҳайлӣ*
Рассом *М. Серебрянская*
Муҳаррири расмӣ *Л. [illegible]*
Муҳаррири техникӣ *Н. [illegible]*
*Мусаҳҳеҳ Р. Кусаева*

*

Ба матбаа супорида шуд 12/VIII-1958.
Ба чопаш имзо шуд 11/IX-1958.
Коғази 84×108[illegible]. Ҷузъи чопӣ 7,125.
Ҷузъи чопӣ шартӣ 11,6.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ [illegible].
Адади нашр 3000. [illegible]. Супориши № 3171.

*

Сталинобод. Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон.